*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №1-3 (2828-2830) | ЧОРШАНБЕ, 4 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Соли нав бароямон соли бобарору пурфайзу баракат гардад

**Паёми телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН ба муносибати фарорасии соли нави 2012**

*ш. Душанбе, 31 декабри соли 2011*



**Ҳамватанони азиз!**

Мувофиқи солшумории мелодӣ баъди чанд лаҳза соли нави 2012-ум фаро мерасад.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо – азизон ва кулли ҳамватанонамонро, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон зиндагиву фаъолият доранд, самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо тандурустиву саодатмандӣ, бахту иқболи нек, ба хонадонатон рӯзгори хушу осуда, файзу баракат ва барори кор орзу менамоям.

Соли рафтаистода барои мардуми кишвари мо аз ҷумлаи солҳои бисёр муҳиму хотирмон мебошад. Бахусус таҷлили бошукӯҳи ҷашни бистумин солгарди истиқлолияти давлатии Ватанамон, ки он барои ҳар як фарди бонангу номус бисёр азизу муқаддас аст, аз рӯйдодҳои муҳимтарини ҳамин сол маҳсуб мегардад. Ба шарофати заҳмати созандаву фидокоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон мо ин санаи бузурги таърихиро бо дастовардҳои арзанда ва дар сатҳи баланди сиёсиву фарҳангӣ истиқбол намудем.

Дар соли куҳан мо ҳамчунин дар аксари соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидем ва муҳимтар аз ҳама, дар қалби мардумамон эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватандорӣ, рӯҳияи созандагиву бунёдкорӣ ва хушбинӣ ба ояндаи нек густариши бесобиқа пайдо кард, азму талоши ободкории Ватан боз ҳам вусъат ёфта, ин ҳама ба таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдории миллӣ, дастовардҳои истиқлолият ва амалӣ гардидани ормонҳои деринаи халқи Тоҷикистон мусоидат намуд.

Яъне, мардуми шарифи Тоҷикистон тамоми ғайрату имконияти худро дар ин соли таърихӣ ба хотири истиқболи сазовори ҷашни соҳибихтиёрии Ватан ва ба номи ин санаи сарнавиштсози миллӣ сафарбар карданд ва ҳар як фарди бонангу номус дар ин кори хайри умумимиллӣ бо азму иродаи матин шарик гардид.

Аз ин лиҳоз, бо истифода аз фурсати муносиби идона, бори дигар ба хурду бузурги мамлакат ва ҳар як фарди заҳматкашу олиҳиммати тоҷик барои саҳми софдилонаву ватандӯстонаашон дар ин маъракаи умумимиллӣ самимона изҳори сипос менамоям.

Итминон дорам, ки мардуми сарбаланди кишварамон дар соли нав низ бо саъю талоши дучанд заҳмат кашида, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба дастовардҳои боз ҳам бештар ноил мегарданд, зеро соли нави 2012 низ аз бисёр ҷиҳат барои мардуми озодандешу фарҳангдӯсти мо ҳамчун соли муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин сол ба санаи тақдирсози миллӣ - баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки оғози раванди барқарор гардидани сохти конститутсионӣ, таҳкими давлату давлатдории навини тоҷикон ва пойдор шудани суботу оромии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад, бист сол пур мешавад.

Инчунин Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки соли оянда понздаҳсолагии онро таҷлил хоҳем кард, аз ҷумлаи санаҳои муҳимтарини ҳаёти давлати соҳибихтиёри мо мебошад.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки вазифаи аввалиндараҷаи мо дар соли нав, пеш аз ҳама, идома бахшидан ба раванди таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, вусъат додани бунёдкориву созандагии Ватани маҳбубамон, ҳамчунин тарбияи насли наврасу ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои неки умумибашарист.

Мо бояд тамоми саъю талоши худро ба он равона созем, ки фарзандонамон ҳамчун насли бомаърифату соҳибфарҳанг, бонангу номус, ҷӯяндаву эҷодкор, хулоса чун номбардорони халқи куҳанбунёди тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ба камол расанд.

Мутмаинам, ки соли нави 2012 барои тамоми мардуми кишварамон соли таҳкими дастовардҳо, рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ ва соли пурфайзу бобарор дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти мамлакатамон мегардад.

Бо камоли итминон изҳор медорам, ки мардуми солору таҳаммулгарои мо минбаъд низ ба шукронаи Ватани озоду давлати соҳибихтиёри худ барои боз ҳам ободу зебо шудани сарзамини аҷдодӣ ва болоравии нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ кору фаъолият карда, бо назардошти шароити ҳассоси ҷаҳони муосир ифтихори ватандориву ватандӯстӣ ва ваҳдати миллиро таҳкими бештар мебахшанд.

Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳар яки шумо – ҳамватанони азиз ва ҳамдиёрони бурунмарзиамонро бо фарорасии соли нави мелодии 2012 табрик мегӯям.

Бигзор соли нав барои Тоҷикистони азизи мо ва мардуми шарифу сарбаланди он соли бобарор, пурфайзу баракат ва соли амалӣ гардидани орзуву ҳадафҳои созандаи ҳамватанонамон гардад!

**СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РЕКЛАМА»**

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 3 октябри соли 2011 №520**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №230**

**Моддаи 1.** Ба қисми якуми моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 «Дар бораи реклама» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8, мод. 457; с.2007, №6, мод. 432; с.2008, №10, мод. 824) пас аз калимаҳои «хусусияти фаҳшдошта,» калимаҳои «ғизои кӯдакон ва шишачаҳои ширмаккони (шишачаҳои ширдӯшӣ), маккаку пистонак,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №779**

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

**3 январи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон ЗУҲУРОВ ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи Шӯро тасдиқ шуд.

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои зерини рӯзномаро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намуда, онҳоро тавзеҳ дод: «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», «Дар бораи Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя», «Дар бораи Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя», «Оид ба Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ» ва «Дар бораи Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо».

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои алоҳида қабул намуд. Мутобиқи муқаррароти қарорҳои мазкур, масъалаҳои номбурда барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров доир ба масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар хусуси лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Фелалиев А.С.» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Фелалиев А.С.» изҳори назар намуд.

Тибқи қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкур барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 3 октябри соли 2011 №529**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №220**

**Моддаи 1.** Дар қисми панҷуми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1996, №3, мод. 55; с. 1997, №9, мод. 117, фасли XXIII; с. 1998, №10, мод. 119, фасли XII; с. 2001, №7, мод. 475; с. 2003, №8, мод. 452; с. 2009, №3, мод. 93; №12, мод. 817) калимаҳои «давлатии муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «давлатӣ оид ба муҳоҷират» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №769**

## Ба соли нав бо иқдомҳои тоза

Соли 2011 барои мо ҳамчун соли хотирмону таърихӣ боқӣ хоҳад монд. Барои банда низ ба ҳайси ректори донишкада соли бобарор буд.

Аз ҷумлаи аввалин вазифаҳое, ки Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мактабҳои таҳсилоти касбии олӣ гузошта буданд, ин боло бурдани сатҳи таҳсилот буд. Мо дар ин самт кори зиёд ба иҷро расонидем.

Дар натиҷа, дар озмуни ҷумҳуриявии «Донишҷӯйи сол- 2011», ки Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида буд, донишҷӯйи курси панҷуми факултаи забонҳои романию германии донишкада Суннатуллои Иззатулло ғолибият ба даст оварда, дар байни тамоми донишҷӯёни мактабҳои таҳсилоти олии кишвар ҷойи аввалро сазовор шуд. Ҳамчунин мо дар соли 2011 кадрҳои омӯзгории унвондор, яъне номзадҳои илм ва докторҳои илмро барои фаъолият дар донишкада ҷалб кардем .

Имрӯз шумораи муҳассилини аспирантураи донишкада ба 25 нафар расидааст, ки сафи омӯзгорон ва устодонро оянда онҳо пурратар хоҳанд кард. Дар самти мустаҳкам кардани пояи моддӣ-техникии донишкада низ мо тавонистем фаъолияти хешро хеле ҷоннок намоем. Аз ҷумла моҳи декабр тамоми донишкада ва сохторҳои он ба шабакаи Интернет пайваст гардиданд. Айни замон дар китобхонаи электронӣ ва утоқҳои кории раёсати донишкада шабакаи Интернет фаъолият дорад ва мо метавонем, ки ба иттилооти илмию ахбории нав ба зудӣ дастрасӣ пайдо кунем. Ин барои боз ҳам хубтар таҳсил кардани донишҷӯён кӯмак мерасонад. Ҳамчунин соли гузашта бори аввал дар таърихи донишкада бо номи «Бинго» - парки Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода парки технологӣ ташкил кардем. Самтҳои фаъолияти парки технологиро муайян сохтем, ки имсол фаъолияташро оғоз мекунад. Боварӣ дорем, ки дар кори пайвастани илми забоншиносӣ бо технологияи муосир ба комёбиҳо ноил мегардем.

Мақсад дорем, ки дар таҳия ва тафсири луғатномаҳои электронӣ, китобҳои электронӣ, аз ҷумла тавассути шартнома бастан бо сарпарастони дохилию хориҷӣ барои тарҷума кардани барномаҳои компютерӣ ва бо забони тоҷикӣ истифода бурдани барномаҳои гуногуни иттилоотӣ ҳисса гузорем. Ҳоло гуфтушунидҳои пешакӣ дар бораи ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани барномаи компютерии «Windows» шурӯъ шудааст, ки 60 ҳазор калима ва ибора дар ин барнома истифода мешавад. Минбаъд ният дорем, ки барномаи мазкурро пурра ба забони тоҷикӣ баргардонем.

Самти дигари фаъолияти мо дар соли сипаригардида дастгирии иҷтимоии ҳайати кормандон, устодон ва донишҷӯёни донишкада буд. Дар ин ҷода низ бо истифода аз имкониятҳои донишкада ва имкониятҳои дастаҷамъонаи устодон мо якчанд корҳоро анҷом додем. Ба кормандони ниёзманд кӯмаки моддӣ расонида шуд. Аз ҷумла бо маводи ғизоӣ, аз қабили картошка, пиёз ва гӯшт кӯмак намудем.

Дар донишкада маҳфиле бо номи «Эҳсон» фаъолият дорад, ки донишҷӯён ва устодон тавассути он корҳои хайреро ба анҷом мерасонанд. Масалан, аз ҳисоби хайрияҳое, ки мо тавассути ин маҳфил ҷамъ овардем, барои интернати нобиноёни ноҳияи Ҳисор катҳо харидем. Ҳамчунин дар ду интернати шаҳри Душанбе устодону омӯзгорон ройгон дарс гуфтанд.

Дар соли нав ҳайати кормандон, устодону омӯзгорон ният доранд, ки фаъолияти хешро барои таълиму тарбияи насли наврас боз ҳам хубтар намоянд.

Орзумандам, ки соли 2012 соли фатҳу кушоиши тоза бошад. Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи ҳамватанони азизамонро бо соли нави мелодии 2012 табрику таҳният гуфта, барояшон сиҳатмандӣ ва ободии Ватанро орзу мекунам.

***Хуршедҷон ЗИЁЕВ, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МУРОФИАИ СУДИИ ИҚТИСОДӢ

## Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 ноябри соли 2011 №582**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №227**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.5), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Номи Кодекс дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН».

2. Дар моддаи 1 калимаи «баррасӣ» ба калимаи «ҳал» иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 2:

- дар сархатҳои якум, дуюм ва чорум калимаи «соҳибкорӣ» ба калимаҳои «фаъолияти соҳибкорӣ» иваз карда шавад;

- аз сархати сеюм калимаи «гузаронидани» хориҷ карда шавад;

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- мусоидат намудан ба инкишофи муносибатҳои ҳамкорӣ ва анъанаҳои муомилоти корӣ;»;

- сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба қонун ва суд.».

4. Дар моддаи 4:

- ба қисми 2 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Даст кашидан аз ҳуқуқи мурожиат намудан ба суд беэътибор аст.»;

- дар сархати сеюми қисми 3 калимаҳои «суди марҳилаи апеллятсионӣ ва» ба калимаҳои «марҳилаи апеллятсионии судҳои иқтисодӣ ва марҳилаи» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаи «баррасӣ» ба калимаҳои «ҳал намудан» иваз карда шавад.

5. Дар қисми 1 моддаи 10 калимаи «баррасии» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад.

6. Дар моддаи 11:

- дар қисмҳои 1, 2 ва 3 калимаҳои «Баррасии» ва «баррасӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Муҳокимаи» ва «муҳокима» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «Парванда» ва «баррасӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Муҳокимаи парванда» ва «амалӣ» иваз карда шаванд.

7. Ба моддаи 15 қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Ҳалнома, қарор ва таъиноте, ки аз тарафи суди иқтисодӣ қабул карда мешаванд, бояд қонунӣ, асоснок ва далелнок бошанд.».

8. Ҷумлаи якуми қисми 1 моддаи 17 дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Парвандаҳо дар марҳилаи якуми суди иқтисодӣ, ба истисноги парвандаҳо оид ба муфлисшавӣ, аз ҷониби судя танҳо баррасӣ карда мешаванд.».

9. Қисми 3 моддаи 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Дар ҷараёни баррасии парванда ариза оид ба худрадкунӣ ё рад намудан танҳо дар мавриде имконпазир аст, ки агар асосҳои худрадкунӣ ё рад намудан ба шахсе, ки онро арз намудааст, баъди оғози моҳиятан баррасӣ намудани парванда маълум шуда бошанд.».

10. Дар қисми 3 моддаи 25 калимаи «фиристода» ба калимаи «супорида» иваз карда шавад.

11. Қисми 1 моддаи 26 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ба судҳои иқтисодӣ парвандаҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки бо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, тобеияти идоравӣ доранд.».

12. Дар моддаи 27:

- дар номи модда калимаи «ҳуқуқи» ба калимаи «ҳуқуқии» иваз карда шавад;

- матни модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Судҳои иқтисодӣ баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бармеоянд ва бо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо инчунин дигар ташкилоту шаҳрвандон алоқамандро бо тартиби истеҳсолоти даъвогӣ баррасӣ менамоянд.».

13. Дар моддаи 29 пас аз калимаи «соҳаи» калимаи «фаъолияти» илова карда, калимаҳои «ва ҳал» хориҷ карда шаванд.

14. Дар моддаи 30:

- дар ном ва сархати якуми модда калимаҳои «баҳсталаб будани» ба калимаҳои «мавриди баҳс қарор додани» иваз карда шаванд;

- дар сархати дуюм пас аз калимаи «рафти» калимаҳои «амалӣ намудани» илова карда шаванд.

15. Дар моддаи 31:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «санадҳои судҳо ва арбитражҳои хориҷӣ» ба калимаҳои «ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ ва арбитражи хориҷӣ (арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва судҳои ҳакамӣ)» иваз карда шаванд;

- дар матни модда калимаҳои «оид ба амал баровардани» ба калимаҳои «ҳангоми амалӣ намудани» иваз карда шаванд.

16. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 33 калимаҳои «дар бораи баҳсталаб будани» ба калимаҳои «оид ба мавриди баҳс қарор додани» иваз карда шаванд.

17. Дар номи моддаи 34 калимаҳои «ва ҷои» ба калимаҳои «ё маҳалли» иваз карда шаванд.

18. Дар моддаи 35:

- ба қисми 3 пас аз калимаҳои «ҷой дорад,» калимаҳои «ба суди иқтисодӣ» илова карда шаванд;

- дар қисми 6 калимаҳои «тобеъ будани» ба калимаҳои «тобеияти судӣ доштани» иваз карда шаванд.

19. Дар моддаи 36 калимаи «мувофиқаи» ба калимаи «созишномаи» иваз карда шавад.

20. Дар қисми 4 моддаи 37 калимаи «ҷавобгар» ба калимаи «қарздор» иваз карда шавад.

21. Дар моддаи 38:

- аз қисми 1 калимаҳои «ва ҳал» хориҷ карда шаванд;

- дар сархати сеюми қисми 2 калимаҳои «хилофи» ва «ба баррасии» мувофиқан ба калимаҳои «бо вайрон кардани» ва «ба истеҳсолоти» иваз карда шаванд;

- аз сархати панҷуми қисми 2 калимаи «агар» хориҷ карда шавад;

- дар қисми 4 калимаи «Парвандаеро» ба калимаи «Парвандае» иваз карда, пас аз калимаи «баррасӣ» калимаҳои «аз ҷониби» илова карда шаванд.

22. Дар моддаи 40:

- ба қисми 1 пас аз калимаҳои «далелҳои пешниҳодкардаи дигар» калимаи «шахсони» илова карда шавад;

- ба қисми 3 пас аз калимаи «барои» калимаи «шахсони» илова карда шавад;

- дар қисми 5 калимаи «иштироккунандагони» ба калимаҳои «шахсони иштироккунандаи» иваз карда шавад.

23. Дар моддаи 41 пас аз калимаи «назоратӣ» калимаи «онро» илова ва калимаи «иштироккунандагони» ба калимаҳои «шахсони иштироккунандаи» иваз карда шавад.

24. Дар моддаи 45:

- дар қисми 2 калимаи «ҷавобгар» ба калимаҳои «ҷавобгари дигар» иваз карда шавад;

- дар қисми 4 калимаи «даъвогари» ба калимаи «ҷавобгари» иваз карда шавад.

25. Дар қисми 3 моддаи 47 пас аз калимаҳои «вориси ҳуқуқӣ ба» калимаҳои «парванда дар» илова карда, калимаи «бошанд» ба калимаи «буданд» иваз карда шавад.

26. Дар қисми 5 моддаи 48 калимаҳои «даъвогар» ва «мекунад» мувофиқан ба калимаҳои «ҷавобгар» ва «намекунад» иваз карда шаванд.

27. Дар моддаи 49:

- дар қисми 1 калимаи «мурофиа» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад;

- аз қисми 3 пас аз калимаҳои «намуда, ба» калимаи «баррасии» хориҷ карда шавад;

- аз қисми 4 калимаи «баррасии» хориҷ карда шавад.

28. Дар моддаи 50:

- дар қисми 1 калимаҳои «дар мурофиа» ба калимаҳои «ба парванда» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «зиёд ва кам» ва «муқобил» мувофиқан ба калимаҳои «зиёд ё кам» ва «муқобили даъво» иваз карда шаванд;

- аз қисми 3 калимаи «муҳокимаи» хориҷ карда шавад.

29. Қисми якуми моддаи 51 рақамгузорӣ карда, пас аз калимаҳои «нақлиёти Тоҷикистон» калимаҳои «ё муовинони онҳо» илова карда шаванд.

30. Дар қисми 3 моддаи 54 калимаҳои «ба иштироккунандагони» ба калимаҳои «ба шахсони иштироккунандаи» иваз карда шаванд.

31. Дар моддаи 55:

- ба қисми 4 пас аз калимаи «ҳамчунин» калимаи «барои» илова карда шавад;

- дар қисми 5 калимаи «намояндагони» ба калимаи «намояндагон» иваз карда шавад.

32. Дар қисмҳои 1 ва 4 моддаи 56 калимаҳои «мурофиаи иқтисодӣ» ба калимаҳои «мурофиаи судии иқтисодӣ» иваз карда шаванд.

33. Дар моддаи 60:

- аз қисми 4 калимаи «вале» хориҷ карда, пас аз калимаҳои «ё қонун» калимаи «бошад,» илова карда шавад;

- дар қисми 5 калимаҳои «дигари ваколатдор» ба калимаи «дигаре» иваз карда, пас аз калимаи «таъсисӣ» калимаҳои «барои ин» илова карда шаванд.

34. Қисми 1 моддаи 63 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳама гуна маълумоти бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо ба даст овардашудае, ки дар асоси онҳо суди иқтисодӣ мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои асоснокшудаи талабот ва норозигии шахсони иштироккунандаи парванда, инчунин дигар ҳолатҳоеро, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, муқаррар менамояд, далелҳо оид ба парванда мебошанд.».

35. Дар моддаи 65:

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Суди иқтисодӣ ҳуқуқ дорад ба шахсони иштироккунандаи парванда таклиф намояд, ки то оғози маҷлиси судӣ далелҳои иловагиро, ки барои муайян намудани ҳолатҳо ва ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, пешниҳод намоянд.»;

- дар қисми 5 калимаҳои «муносибатҳои маъмурӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ» ва «аз пеши» мувофиқан ба калимаҳои «муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигари» ва «бо ташаббуси» иваз карда шаванд;

- дар қисми 8 калимаи «сабабҳо» ба калимаи «сабабҳои» иваз карда шавад;

- дар қисми 9 калимаи «талабнашудае» ба калимаи «талабшуда» иваз карда шавад.

36. Ба қисми 2 моддаи 68 пас аз калимаҳои «пайдокардаи суди иқтисодӣ» калимаҳои «аз рӯи парвандаи» илова карда шаванд.

37. Дар моддаи 71:

- дар қисми 2 калимаҳои «баррасии парвандаро ба ӯҳда дорад» ба калимаҳои «парванда дар истеҳсолоти вай мебошад,» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «таъмини даъво» ба калимаҳои «тадбирҳои таъминотӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаи «даъворо» ба калимаи «далелҳоро» иваз карда шавад.

38. Дар қисми 1 моддаи 74 пас аз калимаи «ҳуҷҷатҳое» калимаи «мебошанд» илова ва калимаи «мазмуни» ба калимаи «дурустии» иваз карда шавад.

39. Дар моддаи 81:

- дар қисми 1 калимаҳои «пешниҳодшуда бошад ё» ва «ва» мувофиқан ба калимаҳои «пешниҳодшуда зарур бошад ва ё агар» ва «ё» иваз карда шаванд;

- ба қисми 5 пас аз калимаҳои «ирсол мегардад,» калимаҳои «мӯҳлате, ки дар давоми он экспертиза гузаронида, хулосаи он бояд ба суди иқтисодӣ пешниҳод карда шавад,» илова карда шаванд.

40. Дар моддаи 82:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «экспертон,» калимаҳои «аз ҷумлаи шахсоне,» илова карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаи «иштироккунандаи» ба калимаи «иштироккунандагони» иваз карда шавад.

41. Дар қисми 2 моддаи 85 калимаҳои «эксперт ва» ба калимаҳои «эксперт ё» иваз карда шаванд.

42. Дар қисми 1 моддаи 86 калимаи «будани» ба калимаи «набудани» иваз карда шавад.

43. Дар қисми 5 моддаи 95 калимаҳои «баррасӣ нашудани», «қатъи баррасии парванда» ва «қатъ намудани баррасии» мувофиқан ба калимаҳои «бе баррасӣ мондани», «қатъ кардани истеҳсолоти парванда» ва «қатъ кардани истеҳсолоти» иваз карда шаванд.

44. Дар қисми 3 моддаи 96 калимаи «даъвогар» ба калимаи «ҷавобгар» иваз карда шавад.

45. Дар қисми 4 моддаи 102 калимаҳои «талаботи якхелаи» ва «ситонида» мувофиқан ба калимаҳои «дар як вақт талаботи» ва «пардохт карда» иваз карда шаванд.

46. Ба моддаи 105 пас аз калимаи «тарҷумонҳо» калимаҳои «пардохт карда шавад» илова карда шаванд.

47. Дар қисми 2 моддаи 106 калимаҳои «мурофиаи судӣ» ба калимаи «парванда» иваз карда, пас аз калимаҳои «ва бо» калимаи «розигии» илова карда шавад.

48. Ба қисми 2 моддаи 107 пас аз калимаҳои «баррасӣ намояд» калимаҳои «ва ҳалнома қабул кунад» илова карда шаванд.

49. Дар қисми 1 моддаи 110 пас аз калимаи «гардидааст,» калимаҳои «пайдо шуда бошад,» илова карда, калимаи «даъво» ба калимаи «иддао» иваз карда шавад.

50. Дар қисми 1 моддаи 117 калимаи «мурофиа» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад.

51. Дар қисми 6 моддаи 119 калимаҳои «Шикоят аз рӯи таъиноти» ва «қабул карда мешавад» мувофиқан ба калимаҳои «Таъиноти» ва «мавриди шикоят қарор гирифта метавонад» иваз карда шаванд.

52. Дар қисми 1 моддаи 121 калимаи «супоришӣ» ба калимаи «фармоишӣ» иваз карда шавад.

53. Номи фасли II дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«ИСТЕҲСОЛОТ ДАР СУДИ ИҚТИСОДИИ МАРҲИЛАИ ЯКУМ. ИСТЕҲСОЛОТИ ДАЪВОГӢ».**

54. Дар моддаи 124:

- дар сархати ҳаштуми қисми 2 калимаҳои «мӯҳлати иддао ё ин ки тартиби» ба калимаҳои «тартиби иддао ё тартиби дигари» иваз карда шаванд;

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Даъвогар ӯҳдадор аст нусхаи аризаи даъвогӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро ба дигар шахсони иштироккунандаи парванда, ки онҳоро надоранд, бо мактуби фармоишӣ бо огоҳинома дар бораи супурдан равон кунад.».

55. Дар моддаи 125:

- дар сархати якум калимаи «мурофиа» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад;

- дар сархати ҳафтум калимаҳои «ин ки» ба калимаҳои «тартиби дигари» иваз карда шаванд.

56. Дар моддаи 126:

- дар номи модда калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад;

- дар қисми 1 калимаҳои «барои баррасӣ» ба калимахои «ба истеҳсолот» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «баррасии» ва «шахсан» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «танҳо» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «суди иқтисодӣ» ва «баррасии» мувофиқан ба калимаҳои «судя» ва «истеҳсолоти» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаи «мурофиа» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад;

- дар қисми 5 калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад.

57. Ба Кодекс моддаи $126^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $126^1$. Рад намудани қабули аризаи даъвогӣ**

1. Судя дар ҳолатҳои зерин қабули аризаи даъвогиро рад мекунад, агар:

- ариза наметавонад тибқи тартиби мурофиаи судии иқтисодӣ баррасӣ ва ҳал гардад, зеро он бояд тибқи тартиби суди дигар баррасӣ ва ҳал карда шавад;

- ариза ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахс аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахси ҳуқуқӣ ё шаҳрванде пешниҳод гардида бошад, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ё дигар қонунҳо ба онҳо чунин ҳуқуқ дода нашудааст;

- ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо аз рӯи ҳамин предмет, тибқи ҳамон асос ё таъинот дар хусуси қатъи истеҳсолоти парванда вобаста ба қабули аризаи даст кашидани даъвогар аз даъво ё тасдиқи созишномаи оштӣ мавҷуд бошад;

- ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суди ҳакамӣ вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо аз рӯи ҳамин предмет, тибқи ҳамин асос мавҷуд бошад, ба истисноги ҳолатҳое, ки агар суд додани варақаи иҷроро барои иҷрои маҷбурии ҳалномаи суди ҳакамӣ рад карда бошад.

2. Дар хусуси рад намудани қабули аризаи даъвогӣ судя таъиноти асоснок қабул мекунад, ки он дар мӯҳлати на дертар аз панҷ рӯз баъд аз рӯзи ба суд ворид шудани аризаи даъвогӣ ба аризадиҳанда якҷоя бо ариза ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои замимагардида супорида ё фиристонида мешавад.

3. Баъд аз рад намудани қабули аризаи даъвогӣ аризадиҳанда наметавонад ба суд вобаста ба ҳамин баҳс, нисбат ба ҳамин ҷавобгар, оид ба ҳамин предмет ва тибқи ҳамин асосҳо такроран мурожиат намояд.

4. Нисбат ба таъинот дар бораи рад намудани қабули аризаи даъвогӣ шикоят овардан мумкин аст.».

58. Сархати панҷуми қисми 1 моддаи 128 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- шартҳои пешниҳод намудани даъвои муқобили даъво риоя карда нашудаанд.».

59. Дар моддаи 129:

- дар қисми 1 калимаи «ва» ба калимаи «ё» иваз карда шавад;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Суди иқтисодии марҳилаи якум ҳуқуқ дорад якчанд парвандаи якхеларо, ки дар онҳо ҳамон як шахсон иштирок мекунанд, барои якҷоя баррасӣ намудан дар як истеҳсолот якҷоя намояд.».

60. Дар моддаи 130:

- дар қисми 1 калимаҳои «ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи муқобили даъво» ба калимаҳои «ҳуҷҷатҳое, ки норозигӣ нисбати даъворо тасдиқ мекунанд» иваз карда, пас аз калимаи «иқтисодӣ» калимаҳои «равон ё» илова карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаи «мурофиа» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад;

- дар сархати чоруми қисми 4 калимаҳои «рад намудани талаботи даъво» ба калимаҳои «норозигӣ нисбати талаботи арзшуда» иваз карда шаванд.

61. Дар моддаи 132:

- дар қисми 2 калимаҳои «баррасии судии суди иқтисодӣ ҷой дорад» ба калимаҳои «истеҳсолоти суди иқтисодии марҳилаи якум мавҷуд аст» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаи «мурофиаи» ба калимаҳои «парванда ва дигар иштироккунандагони парвандаи» иваз карда шавад.

62. Дар сархати панҷуми қисми 1 моддаи 134 калимаи «баррасии» хориҷ карда, калимаи «муқобил» ба калимаҳои «муқобили даъво» иваз карда шаванд.

63. Дар қисми 4 моддаи 135 калимаи «мурофиа» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад.

64. Дар моддаи 136:

- дар қисми 2 калимаи «муқобил» ба калимаҳои «муқобили даъво» иваз карда шавад;

- дар қисми 4 калимаҳои «оғоз менамояд» ба калимаи «мекушояд» иваз карда шаванд.

65. Дар қисми 3 моддаи 139 калимаҳои «дароз кардан ё» ба калимаҳои «дароз кардани мӯҳлати» иваз карда шаванд.

66. Дар моддаи 140:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Созишномаи оштӣ аз ҷониби суди иқтисодие, ки парванда дар истеҳсолоти ӯ мебошад, тасдиқ карда мешавад. Дар ҳолате ки агар созишномаи оштӣ дар ҷараёни иҷрои санади судӣ баста шуда бошад, он барои тасдиқ ба суди иқтисодии марҳилаи якуми маҳалли иҷрои санади судӣ ё ба суди иқтисодии санади судии мазкурро қабулкарда пешниҳод карда мешавад.»;

- ба қисми 7 пас аз калимаи «басташуда» калимаи «ҳамчунин» илова карда шавад;

- қисми 9 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«9. Суди иқтисодӣ созишномаи оштиро тасдиқ намекунад, агар он мухолифи қонун бошад ё ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар шахсонро вайрон кунад.»;

- қисми 9 қисми 10 ҳисобида шавад.

67. Дар номи боби 16 калимаҳои «БОЗДОШТИ БАРРАСИИ» ба калимаҳои «БОЗДОШТАНИ ИСТЕҲСОЛОТИ» иваз карда шаванд.

68. Дар моддаи 142:

- дар номи модда калимаҳои «боздошти баррасии» ба калимаҳои «боздоштани истеҳсолоти» иваз карда шаванд;

- дар қисми 1 калимаҳои «баррасии парвандаро» ба калимаҳои «истеҳсолоти парвандаро» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаи «пешбурди» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда, пас аз калимаи «пешбиникарда» калимаи «низ» илова карда шавад.

69. Дар моддаи 143:

- дар ном ва матни модда калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад;

- дар охири сархати панҷум аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад;

- сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- равон кардани супориши судӣ ба суди дигар.».

70. Дар моддаи 144:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «баррасии» ва «Баррасии» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «Истеҳсолоти» иваз карда шаванд;

- дар охири сархати чорум аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад;

- сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- то гирифтани супориши судии равонкардашуда ба суди дигар.».

71. Дар ном ва матни моддаи 145 калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад.

72. Дар моддаи 146:

- дар ном ва матни модда калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад;

- ба қисми 3 пас аз калимаи «боздоштани» калимаи «истеҳсолоти» илова карда шавад.

73. Дар матни моддаи 147 калимаҳои «ба баррасӣ» ва «дар баррасии» мувофиқан ба калимаҳои «ба истеҳсолот» ва «дар истеҳсолоти» иваз карда шаванд.

74. Дар қисми 1 моддаи 148 калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад.

75. Дар сархати нӯҳуми қисми 2 моддаи 152 калимаҳои «аз талаботи худ даст кашидааст» ба калимаҳои «даъвояшро дастгирӣ менамояд» иваз карда шаванд.

76. Ба моддаи 164 пас аз калимаи «қарор» калимаҳои «ба хонаи алоҳида» илова карда шаванд.

77. Дар қисми 4 моддаи 165 калимаҳои «бинои» ва «бино» мувофиқан ба калимаҳои «хонаи» ва «хона» иваз карда шаванд.

78. Дар моддаи 171 калимаи «фикри» ба калимаи «хулосаи» иваз карда шавад.

79. Дар моддаи 176:

- дар сархати якуми қисми 1 калимаҳои «аммо нисбати ин талабот» ва «накарда» мувофиқан ба калимаҳои «аз ҷониби» ва «карда нашуда» иваз карда шаванд;

- ба қисми 5 пас аз калимаи «бораи» калимаҳои «рад намудани» илова карда шаванд;

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Дар ҳолати бо сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати пешниҳоди ариза суд метавонад бо тартиби пешбининамудаи моддаи 116 Кодекси мазкур онро барқарор намояд.».

80. Қисми 2 моддаи 186 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Нисбати таъиноте, ки шикоят намудани он бо Кодекси мазкур пешбинӣ нашудааст, инчунин нисбати таъиноти протоколӣ ҳангоми шикоят намудани санади судие, ки бо он моҳиятан баррасӣ намудани парванда ба анҷом мерасад, изҳори норозигӣ баён кардан мумкин аст.».

81. Дар номи фасли III калимаи «ҲУҚУҚИ» ба калимаи «ҲУҚУҚИИ» иваз карда шавад.

82. Ба қисми 1 моддаи 187 пас аз калимаҳои «шахсони мансабдор» калимаҳои «аз ҷумла иҷрочии суд,» илова карда шаванд.

83. Дар сархати дуюми қисми 2 моддаи 189 калимаи «ҳалнома» ба калимаи «қарор» иваз карда шавад.

84. Дар моддаи 190:

- дар қисми 1 калимаҳои «барои баррасии» ба калимаҳои «ба муҳокимаи» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 пас аз калимаҳои «содир кардаанд» калимаҳои «муқаррар менамояд» илова карда, калимаи «ҳалнома» ба калимаи «қарор» иваз карда шаванд;

- дар қисми 6 калимаҳои «мақомот ва ё» ва «баррасӣ» мувофиқан ба калимаҳои «мақомот ё» ва «баррасии парванда» иваз карда шаванд.

85. Дар қисми 1 моддаи 192 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад.

86. Дар моддаи 195:

- дар номи модда калимаи «Мурофиаи» ба калимаи «Муҳокимаи» иваз карда шавад;

- дар қисми 1 калимаҳои «баъди аз дохилшавии парванда», «барои баррасӣ» ва «қарор» мувофиқан ба калимаҳои «баъди дохилшавии ариза», «ба муҳокимаи судӣ» ва «ҳалнома» иваз карда шаванд;

- дар қисми 6 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «маҷлиси» иваз карда шавад.

87. Дар қисми 2 моддаи 196 калимаҳои «пардохтпулиҳои» ва «ҷойгиршавӣ» мувофиқан ба калимаҳои «пардохтҳои» ва «ҷойгиршавӣ ё маҳалли зист» иваз карда шаванд.

88. Дар моддаи 201:

- дар номи модда калимаи «Мурофиаи» ба калимаи «Муҳокимаи» иваз карда шавад;

- дар қисми 2 калимаҳои «барои баррасӣ» ба калимаҳои «ба муҳокима» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 пас аз калимаҳои «месанҷад, ки» калимаи «оё» илова карда, калимаҳои «ва ё санадҳои» ба калимаҳои «ё санади дигари» иваз карда шаванд;

- ҷумлаи якуми қисми 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Дар ҳолате ки агар дар рафти муҳокимаи судии парванда дар бораи муқаррар кардани факти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ маълум шавад, ки баҳс оид ба ҳуқуқ пайдо шудааст, суди иқтисодӣ аризаро дар бораи муқаррар кардани факти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ бе баррасӣ мононда, дар ин бора таъинот мебарорад.».

89. Ба қисми 3 моддаи 203 пас аз калимаҳои «ба танзим медароранд» калимаҳои «пешбинӣ шудааст» илова карда шаванд.

90. Дар моддаи 208:

- дар номи модда калимаи «Мурофиаи» ба калимаи «Муҳокимаи» иваз карда шавад;

- дар қисми 1 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад;

- дар қисми 2 калимаҳои «тайёрии парванда ба баррасӣ ва қабули қарор» ба калимаҳои «омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва қабули ҳалнома» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «мурофиаи» ва «карда мешавад» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «менамояд» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаҳои «мурофиаи» ва «қабул мекунад» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «мебарорад» иваз карда шаванд.

91. Дар моддаи 210:

- дар қисми 2 калимаҳои «мурофиаи суди» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «моҳи баъди баровардани қарор» ба калимаҳои «моҳ аз рӯзи гирифтани ин ҳалнома» иваз карда шаванд.

92. Дар моддаи 211:

- дар сархатҳои дуюм, чорум, панҷум ва шашуми қисми 2 калимаҳои «қарорро» ва «қарори» мувофиқан ба калимаҳои «ҳалномаро» ва «ҳалномаи» иваз карда шаванд;

- дар сархати сеюми қисми 2, сархатҳои дуюм ва панҷуми қисми 4 калимаҳои «мурофиаи суди» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шаванд;

- дар сархатҳои сеюм ва панҷуми қисми 4 ва қисми 5 калимаи «қарори» ба калимаи «ҳалномаи» иваз карда шавад.

93. Дар моддаи 212:

- дар қисми 1 калимаҳои «дохилшавӣ» ва «баррасии парванда» мувофиқан ба калимаҳои «дохилшавии он» ва «парванда ба муҳокимаи судӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «барои баррасӣ бо дархости тарафҳои мурофиаи суди» ва «таҳлили» мувофиқан ба калимаҳои «ба муҳокимаи судӣ бо дархости ҳар ду тарафи муҳокимаи» ва «таҳқиқи» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «мурофиаи суди» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад;

- дар қисми 4 калимаи «таҳлили» ба калимаи «таҳқиқи» иваз карда, пас аз калимаи «далелҳои» калимаҳои «ба суд» илова карда шаванд.

94. Дар моддаи 213:

- дар номи модда калимаи «бекоршавии» ба калимаи «бекоркунии» иваз карда шавад;

- дар сархати дуюми қисми 2 калимаҳои «суди ҳакамӣ ва ё мурофиаи ҳакамӣ» ба калимаҳои «судяҳои ҳакамӣ ва ё муҳокимаи ҳакамӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархати чоруми қисми 2 калимаҳои «баррасии» ва «созишнома» мувофиқан ба калимаҳои «муҳокимаи» ва «созишномаи тарафҳо» иваз карда шаванд;

- дар сархати якуми қисми 3 калимаҳои «баррасии суди» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шаванд.

95. Дар моддаи 214:

- дар қисми 1 калимаи «кадани» ба калимаи «кардани» иваз карда шавад;

- дар сархати сеюми қисми 2, қисмҳои 3 ва 4 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад.

96. Дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 215 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад.

97. Дар моддаи 216:

- дар сархати сеюми қисми 2 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад;

- дар сархати дуюми қисми 4 калимаҳои «мурофиаи суди» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шаванд.

98. Дар моддаи 217:

- дар қисми 1 калимаҳои «тайёрии» ва «барои баррасӣ» мувофиқан ба калимаҳои «омодасозии» ва «ба муҳокимаи судӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «барои баррасии» ва «таҳлили» мувофиқан ба калимаҳои «ба муҳокимаи» ва «таҳқиқи» иваз карда шаванд;

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МУРОФИАИ СУДИИ ИҚТИСОДӢ

**(Идома аз саҳ. 2)**

- дар қисми 3 калимаҳои «мурофиаи судӣ» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шаванд.

99. Дар моддаи 218:

- дар қисми 2 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад;

- сархати панҷуми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ҳалнома барои тарафҳои муҳокимаи ҳакамӣ ҳанӯз ҳатмӣ нашуда бошад ё бекор шуда бошад ё ин ки иҷрои он аз ҷониби суди иқтисодӣ ё дигар суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ин ки аз ҷониби суди давлати дигар, ки дар қаламраваш ҳалнома қабул карда шудааст ё давлате, ки қонунаш татбиқ мешавад, боздошт шуда бошад.».

100. Дар сархати дуюми қисми 2 ва қисми 4 моддаи 219 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «муҳокимаи» иваз карда шавад.

101. Дар моддаи 220:

- дар қисми 1 калимаи «корҳое» ба калимаи «парвандаҳое» иваз карда шавад;

- дар қисми 2 калимаҳои «ва ё ба иҷрои», «мурофиаи» ва «ва ё суди ҳакамӣ дида баромадааст, баррасӣ мегардад» мувофиқан ба калимаҳои «ё иҷро кардани», «муҳокимаи» ва «баррасӣ кардааст ё тарафи муҳокимаи ҳакамӣ ҳал карда мешавад» иваз карда шаванд.

102. Дар моддаи 221:

- сархати якуми қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- нусхаи ба таври дахлдор тасдиқкардашудаи ҳалномаи суди хориҷӣ ё ҳалномаи арбитражи хориҷӣ, ки ситонанда эътироф ва иҷро намудани онро дархост кардааст;»;

- дар сархати сеюми қисми 5 калимаҳои «ҳуҷҷате, ки», «шудааст» ва «баррасии» мувофиқан ба калимаҳои «ҳуҷҷати», «шуда» ва «муҳокимаи» иваз карда, калимаи «ҳуҷҷати» хориҷ карда шавад.

103. Дар моддаи 224:

- дар сархати чоруми қисми 2 калимаҳои «фармоиш оид» ба калимаи «ишора» иваз карда шаванд;

- аз қисми 3 калимаи «мақомоти» хориҷ карда шавад.

104. Дар қисми 1 моддаи 225 калимаи «тарфи» ба калимаи «тарафи» иваз карда шавад.

105. Дар қисми 1 моддаи 230 калимаҳои «дар давлати хориҷӣ» ба калимаҳои «дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

106. Дар қисми 1 моддаи 231 калимаҳои «баррасӣ намекунад» ба калимаҳои «бе баррасӣ мемонад» иваз карда шаванд.

107. Дар қисми 4 моддаи 233 калимаҳои «маҳдудиятҳо (реторсия)» ба калимаҳои «маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсия)» иваз карда шаванд.

108. Дар номи фасли «VI» калимаҳои «САНАДҲОИ СУДИ» ба калимаҳои «САНАДҲОИ СУДИИ СУДҲОИ» иваз карда шаванд.

109. Дар моддаи 239:

- сархати чоруми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- талаби шахсе, ки шикоят овардааст ва асосҳое, ки аз рӯи онҳо шахси шикоятоварда ҳалномаро бо истинод ба қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳолатҳои парванда ва далелҳои дар парванда мавҷудбуда мавриди шикоят қарор додааст;»;

- дар қисми 3 пас аз калимаи «апеллятсионӣ» калимаҳои «мумкин аст, ки» илова карда, калимаи «мешавад» ба калимаи «шавад» иваз карда шавад;

- дар сархати сеюми қисми 5 калимаҳои «фиристонидан ва ё» ба калимаҳои «фиристонидан ё» иваз карда шаванд;

- дар сархати чоруми қисми 5 калимаи «ва» ба калимаи «ё» иваз карда шавад;

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Ба шикояти апеллятсионӣ нисбати таъиноти суди иқтисодӣ оид ба баргардонидани аризаи даъвогӣ, инчунин аризаи даъвогии баргардонидашуда ва ҳуҷҷатҳои ба он зимни ба суди иқтисодӣ овардан замимашуда бояд замима карда шаванд.».

110. Дар қисми 1 моддаи 241 калимаҳои «Иштироккунандаи» ва «назар ҳуҷҷатҳе» мувофиқан ба калимаҳои «Шахси иштироккунандаи» ва «назар ҳамчунин ҳуҷҷате» иваз карда, пас аз калимаи «онро» калимаҳои «ба дигар шахсони иштироккунандаи парванда» илова карда шаванд.

111. Дар қисми 1 моддаи 243:

- ба сархати якум пас аз калимаи «ҳуқуқи» калимаи «овардани» илова карда шавад;

- сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- шикояти апеллятсионӣ нисбати санади судие пешниҳод шудааст, ки мувофиқи Кодекси мазкур ба тариқи истеҳсолоти апеллятсионӣ мавриди шикоят қарор гирифта наметавонад;»;

- дар сархати дуюм калимаҳои «дароз намудан ва ё» хориҷ карда, калимаҳои «ва» ва «дароз кардани» мувофиқан ба калимаҳои «ё» ва «барқарор кардани» иваз карда шаванд.

112. Дар қисми 3 моддаи 244 пас аз калимаҳои «қатъ кардани» калимаи «истеҳсолоти» илова карда, калимаи «иштироккунандагони» ба калимаи «иштироккунандаи» иваз карда шавад.

113. Дар моддаи 245:

- дар қисми 1 калимаҳои «бо тартиби» ва «мутобиқи муқаррароти Кодекси мазкур» мувофиқан ба калимаҳои «аз рӯи қоидаҳои» ва «бо назардошти хусусиятҳои пешбининамудаи боби мазкур» иваз карда шаванд;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Дар марҳилаи апеллятсионӣ қоидаҳо оид ба якҷоя ва ҷудо кардани якчанд талабот, оид ба тағйир додани предмет ё асосҳои даъво, оид ба тағйир додани ҳаҷми талаботи даъво, оид ба пешниҳоди даъвои муқобили даъво, оид ба иваз намудани ҷавобгари номуносиб, оид ба ҷалби шахсони сеюм барои иштирок дар парванда, инчунин дигар қоидаҳое, ки бо Кодекси мазкур танҳо барои баррасии парванда дар суди иқтисодии марҳилаи якум муқаррар шудаанд, татбиқ намегарданд.».

114. Дар моддаи 247:

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Далелҳои иловагӣ аз ҷониби марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ қабул карда мешаванд, агар шахси иштироккунандаи парванда бо сабабҳои ба ӯ вобаста набуда имкон надоштани ба суди марҳилаи якум пешниҳод намудани онҳоро асоснок намояд ва суд ин сабабҳоро узрнок ҳисоб кунад.»;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Ҳуҷҷатҳои барои асосноккунии норозигӣ нисбати шикояти апеллятсионӣ пешниҳоднамуда мутобиқи моддаи 239 Кодекси мазкур аз ҷониби марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ қабул карда, моҳиятан баррасӣ мешаванд.»;

- дар қисми 4 калимаҳои «марҳилаи апеллятсионӣ» ва «ташхис» мувофиқан ба калимаҳои «марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ» ва «экспертиза» иваз карда шаванд;

- дар қисмҳои 5 ва 6 калимаҳои «марҳилаи апеллятсионӣ» ба калимаҳои «марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ» иваз карда шаванд.

115. Дар моддаи 249:

- дар номи модда калимаи «ва» ба калимаи «ё» иваз карда шавад;

- дар қисми 1 калимаҳои «ва» ва «суди марҳилаи якуми суди иқтисодӣ» мувофиқан ба калимаҳои «ё» ва «суди иқтисодии марҳилаи якум» иваз карда шаванд;

- дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 калимаи «кор» ба калимаи «парванда» иваз карда шавад;

- дар қисми 2 калимаҳои «вайрон ё» хориҷ карда, калимаи «мурофиавӣ» ба калимаи «моддӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 3 калимаҳои «ҳалли нодурусти қарор» ба калимаҳои «қабули ҳалномаи нодуруст» иваз карда шаванд;

- дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 4 калимаи «корро» ба калимаи «парвандаро» иваз карда, пас аз калимаҳои «маҷлиси суд» калимаҳои «ба таври дахлдор» илова карда шаванд;

- сархатҳои чорум, панҷум ва шашуми қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- агар суд дар бораи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсоне, ки барои иштирок дар парванда ҷалб карда нашудаанд, ҳалнома қабул карда бошад;

- агар парванда дар ҳайати дастҷамъии судяҳо баррасӣ шуда, ба ҳалнома судяҳо ё яке аз судяҳо имзо нагузошта бошанд ё ин ки ҳалнома аз ҷониби на он судяҳое имзо шуда бошад, ки дар ҳалнома нишон дода шудаанд;

- агар дар парванда протоколи маҷлиси судӣ мавҷуд набошад ё ба он на он шахсоне, ки дар моддаи 154 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, имзо гузошта бошанд;»;

- дар сархати ҳафтуми қисми 4 калимаи «баровардани» ба калимаи «қабули» иваз карда шавад;

- дар қисми 5 калимаҳои «суди марҳилаи апеллятсионии» ва «ҳалномаи» мувофиқан ба калимаҳои «марҳилаи апеллятсионии» ва «рӯи қарори» иваз карда шаванд.

116. Дар моддаи 250:

- дар қисми 1 калимаҳои «суди марҳилаи апеллятсионии» ва «судяҳо» мувофиқан ба калимаҳои «марҳилаи апеллятсионии» ва «судяҳое, ки парвандаро баррасӣ кардаанд» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаи «қарор» ба калимаҳои «қарори марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 4 калимаҳои «марҳилаи апеллятсионӣ» ба калимаҳои «марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаи «Қарор» ба калимаҳои «Қарори марҳилаи апеллятсионии суди иқтисодӣ» иваз карда шаванд.

117. Ба қисми 4 моддаи 251 пас аз калимаи «баррасии» калимаҳои «шикоят нисбати» илова карда шаванд.

118. Дар матни моддаи 252 калимаи «мурофиаи» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад.

119. Дар моддаи 255:

- ба қисми 2 пас аз калимаи «гузаронидаи» калимаи «пешниҳоди» илова карда шавад;

- дар қисми 3 пас аз калимаи «гузаронидаи» калимаи «пешниҳоди» илова карда, калимаи «суди» хориҷ карда шавад.

120. Дар моддаи 260:

- ба сархати дуюми қисми 1 пас аз калимаи «мӯҳлат» калимаҳои «мавҷуд нест» илова карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «суди марҳилаи кассатсионӣ» ва «таъиноти шикояти кассатсионӣ он» мувофиқан ба калимаҳои «суди иқтисодии марҳилаи кассатсионӣ» ва «таъинот, шикояти кассатсионӣ» иваз карда шаванд.

121. Ба қисми 1 моддаи 261 пас аз калимаҳои «ки агар» калимаҳои «баъди қабули шикояти кассатсионӣ ба истеҳсолоти суд» илова карда шаванд.

122. Дар қисми 2 моддаи 262 калимаи «супоришӣ» ба калимаи «замонат» иваз карда шавад.

123. Дар моддаи 266:

- дар сархати дуюми қисми 1 пас аз калимаҳои «бекор намуда» калимаҳои «ё тағйир дода» илова карда, калимаҳои «ҳақиқии» ва «пурра ва ҳаматарафа бо далелҳои дар парванда буда таҳлил» мувофиқан ба калимаҳои «воқеии» ва «дар асоси пурра ва ҳаматарафа таҳқиқ кардани далелҳои дар парванда буда муқаррар» иваз карда шаванд;

-дар сархати сеюми қисми 1 пас аз калимаҳои «бекор намуда» калимаҳои «ё тағйир дода» илова карда, калимаҳои «ҳақиқии кор» ба калимаҳои «воқеии парванда» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «корро муайян ва» ба калимаҳои «парвандаро муайян» иваз карда шаванд.

124. Дар моддаи 267:

- дар қисми 1 калимаи «ҳақиқии» ба калимаи «воқеии» иваз карда шавад;

- дар қисми 3 калимаҳои «ҳалли нодурусти қабули ҳалнома ва қарор гардида бошад» ба калимаҳои «қабули ҳалнома ё қарори нодуруст шуда бошад ё шуда тавонад» иваз карда шаванд.

125. Ба Кодекс моддаи 268$^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи 268$^{1}$. Шикояти кассатсионӣ ба таъинотҳои суди иқтисодии марҳилаи якум ва марҳилаи апеллятсионӣ**

Шикоятҳои кассатсионӣ ба таъинотҳои суди иқтисодии марҳилаи якум ва марҳилаи апеллятсионӣ, ки бо риояи қоидаҳои муқарраркардаи ҳамин Кодекс дода шудаанд, аз тарафи суди иқтисодии марҳилаи кассатсионӣ бо тартибе, ки барои баррасии шикоятҳои кассатсионӣ нисбати ҳалнома ва қарорҳои суди иқтисодии дахлдор пешбинӣ шудааст, баррасӣ карда мешаванд.».

126. Ба қисми 1 моддаи 270 пас аз калимаи «аризаи» калимаи «шахсони» илова карда шавад.

127. Ба қисми 4 моддаи 272 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Ба ариза инчунин ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти боҷи давлатӣ бо тартиб ва андозаи муқарраркардаи қонун замима карда мешавад.».

128. Дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 274 калимаи «шавад» ба калимаҳои «шуда бошад» иваз карда шавад.

129. Қисми 3 моддаи 275 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Изҳори назар бо мактуби фармоишӣ бо хабарнома оид ба супоридан дар мӯҳлате фиристода мешавад, ки имконияти бо изҳори назар шинос шуданро то саршавии баррасии ариза ё эътироз аз ҷониби Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.».

130. Дар сархати ҳаштуми моддаи 284 калимаҳои «меъёрҳои ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

131. Дар ном ва матни моддаи 291 калимаҳои «баррасии» ва «баррасӣ» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «истеҳсолот» иваз карда шаванд.

132. Дар қисми 1 моддаи 292 калимаи «баррасӣ» ба калимаи «истеҳсолот» иваз карда шавад.

133. Дар моддаи 296:

- дар номи модда калимаи «ҳуҷҷати» ба калимаи «варақаи» иваз карда шавад;

- дар қисми 2 калимаҳои «ё барои фавран иҷро кардан» ба калимаҳои «ё нигаронидани он барои иҷрои фаврӣ» иваз карда шаванд.

134. Дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 297 калимаи «Ариза» ба калимаҳои «Аризаи ситонанда» иваз карда шавад.

135. Дар қисми 1 моддаи 299 калимаҳои «баррасӣ нашуда бошад ё баррасии» ба калимаҳои «бе баррасӣ мононда шуда бошад ё истеҳсолоти» иваз карда шаванд.

136. Дар қисми 1 моддаи 301 калимаҳои «, дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун оғоз кардааст» ба калимаҳои «оғоз кардааст, дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №776**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ АУДИТИ ЭКОЛОГӢ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 23 ноябри соли 2011 №584**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи аудити экологӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №237**

Қонуни мазкур принсипҳо ва тартиби гузаронидани аудити экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии таъсири манфии фаъолияти идоракунӣ, хоҷагидорӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба муҳити зист, ҳаёт ва саломатии аҳолӣ муайян менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **рушди устувор** – раванди рушди ҷомеа, ки ҳалли мутавозини вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва масъалаҳои нигоҳдории муҳити мусоиди зист ва иқтидори захираҳои табииро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи наслҳои имрӯза ва ояндаи инсон таъмин менамояд;

- **амнияти экологӣ** - ҳолати таҳти муҳофизат қарор доштани манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа, муҳити зист аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсиррасонии антропогенӣ ва табиӣ ба муҳити зист рӯй медиҳанд, аз ҷумла фалокату садамаҳо, офатҳои табиӣ;

- **аудити экологӣ** - намуди фаъолият, ки таҳлили мувофиқати фаъолият ва ҳисоботи субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ба қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию методӣ, дастурӣ ва танзимкунандаи соҳаи ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табииро дар бар мегирад;

- **аудитори экологӣ** - шахси воқеӣ, ки аз аттестатсияи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст ва шаҳодатномаи тахассусӣ гирифтааст;

- **ташкилоти аудитории экологӣ** - шахси ҳуқуқӣ, ки дорои иҷозатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани аудити экологӣ мебошад;

- **хулосаи аудити экологӣ** – ҳуҷҷатест, ки дар он натиҷаи санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ва маълумоти дигар тибқи шартҳои шартномаи байни субъекти хоҷагидорӣ ва ташкилоти аудитории экологӣ, аудиторе, ки бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, сабт шудааст;

- **иҷозатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани аудити экологӣ** – ҳуҷҷати махсусе, ки ҳуқуқи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аудити экологӣ машғул шудани дорандаи онро тасдиқ менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити экологӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити экологӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсад ва вазифаҳои аудити экологӣ**

1. Мақсадҳои аудити экологӣ инҳоянд:

- мусоидат ба субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар муайян намудани сиёсати экологии худ;

- ташаккули афзалиятҳо барои амалӣ намудани чорабиниҳо, аз ҷумла чораҳои огоҳикунанда барои риояи талаботи экологии муқарраргардида;

- ташкили механизми иҷрои танзими самараноки истифодабарии табиат ва таъмини рушди устувор.

2. Вазифаҳои аудити экологӣ инҳоянд:

- асосноккунии стратегия ва барномаи экологии субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ;

- муайян намудани афзалиятҳо ҳангоми банақшагирии фаъолияти субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, ошкор намудани имкониятҳои иловагии амалисозии он;

- санҷиши риояи қонунгузории ҳифзи муҳити зист аз ҷониби субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ;

- баланд бардоштани самаранокии танзими таъсиррасонии субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ба муҳити зист;

- паст намудани хавфи сар задани ҳолатҳои фавқулоддаи ба ифлосшавии муҳити зист алоқаманд.

**Моддаи 4. Принсипҳои аудити экологӣ**

Принсипҳои асосии аудити экологӣ инҳоянд:

- ҳатмӣ будани баҳисобгирии талаботи амнияти экологӣ ва рушди устувор;

- баҳисобгирии хусусиятҳои табиӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҳудуд, ҳолати имрӯза ва ояндаи муҳити зисти табиӣ;

- салоҳияти касбӣ;

- мустақилияти фаъолияти аудитории экологӣ;

- боэътимодӣ ва пуррагии маълумот;

- илман асоснок, холисона ва қонунӣ будани хулосаҳои аудиторӣ;

- махфияти маълумот.

**Моддаи 5. Намудҳои аудити экологӣ**

1. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аудити экологии ташаббусӣ ва ҳатмӣ гузаронида шаванд.

2. Аудити экологии ташаббусиро дар асоси қарори субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ташкилоти аудитории экологӣ, аудитори бе ташкили шахси ҳуқуқӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда мегузаронад.

3. Аудити экологии ҳатмӣ бо қарори мақоми ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ташкилоти аудитории экологӣ гузаронида мешавад.

4. Тартиби таъини аудити экологии ҳатмиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 6. Объектҳои аудити экологӣ**

Объектҳои аудити экологӣ инҳоянд:

- фаъолият ва ҳисоботи субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ;

- ҳуҷҷатҳои техникӣ ва технологӣ;

- ҳуҷҷатҳои меъёрии идоравӣ;

- ҳисоботи субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба корҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;

- барнома ва нақшаи чорабиниҳои субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист;

- лоиҳаҳои нақшаҳои (барномаҳои) сохтмон, азнавсозӣ, васеъкунӣ, консерватсия ва барҳамдиҳии объектҳои фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ;

- лоиҳаҳои азхудкунии замин.

**Моддаи 7. Мақоми ваколатдори танзими давлатии аудити экологӣ**

Мақоми ваколатдори танзими давлатии аудити экологиро (минбаъд – мақоми ваколатдор) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, ки он чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- таҳия ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба аудити экологӣ;

- муқаррар намудани стандартҳои аудити экологӣ;

- пешбурди Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ;

- муқаррар кардани талаботи тахассусӣ нисбат ба аудиторҳои экологӣ;

- иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудитории экологӣ;

- аттестатсияи аудиторҳои экологӣ;

- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи аудити экологӣ;

- вазифаҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудитории экологӣ**

Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани аудити экологӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» дода мешавад.

**Моддаи 9. Аттестатсияи аудиторҳои экологӣ**

1. Аттестатсияи аудиторҳои экологиро мақоми ваколатдор дар шакли имтиҳони тахассусӣ мегузаронад. Ба шахсоне, ки имтиҳони тахассусиро супурдаанд, шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ дода мешавад.

2. Шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ ба мӯҳлати номаҳдуди эътибори он дода мешавад.

**Моддаи 10. Бекор кардани шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ**

1. Шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ дар ҳолатҳои зерин бекор карда мешавад:

- муқаррар гардидани пешниҳоди маълумоти беэътимод барои ба аттестатсия роҳ додани номзад ба аудитори экологӣ;

- ғайриқобили амал эътироф намудани аудитори экологӣ ё маҳдуд намудани қобилияти амали он бо тартиби судӣ;

- додани хулосаи аудити экологии бардурӯғ, инчунин додани хулоса бе гузаронидани аудити экологӣ;

- қувваи қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар бораи ба мӯҳлати муайян маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти аудитории экологӣ;

- мунтазам риоя нагардидани талаботи асосии стандартҳои аудити экологӣ ва дигар қонунвайронкунӣ дар рафти фаъолияти касбӣ.

2. Қарори бекор намудани шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологиро мақоми ваколатдор қабул мекунад.

**Моддаи 11. Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ**

1. Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ бояд маълумотро дар бораи аудиторҳои экологӣ, ташкилотҳои аудитории экологӣ, шаҳодатномаи тахассусӣ ва иҷозатномаи машғул шудан ба фаъолияти аудитории экологиро дар бар гирад.

**Моддаи 12. Тартиби гузаронидани аудити экологӣ**

1. Аудити экологӣ дар асоси шартномаи байни субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташкилоти аудитории экологӣ ё аудиторе, ки бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, дар сурати доштани иҷозатнома оид ба гузаронидани аудити экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

2. Дар шартномаи гузаронидани аудити экологӣ бояд шартҳои ҳатмии зерин пешбинӣ гарданд: мавзӯи шартнома, мӯҳлат, ҳаҷми муайяни хизматрасонӣ, ҳаҷм ва шартҳои пардохти маблағ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳо. Бо розигии тарафҳо дар шартнома метавонанд дигар шартҳо пешбинӣ карда шаванд.

3. Ташкилоти аудитории экологӣ, аудиторе, ки бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, ҳуқуқ доранд барои гузаронидани аудит дар асоси шартнома дигар ташкилотҳои экологии иҷозатномаи дахлдор дошта ва аудиторҳои экологии аз аттестатсия гузаштаро ҷалб намоянд. Дар ин сурат тамоми масъулият оид ба талаботи дар моддаҳои 14 ва 15 Қонуни мазкур нишондодашуда ба зиммаи ташкилоти аудитории экологӣ, аудитори бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда гузошта мешавад, ки бо субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ шартнома бастаанд.

**Моддаи 13. Хулосаи аудити экологӣ**

1. Оид ба натиҷаҳои аудити экологии гузаронидашуда хулосаи аудити экологӣ тартиб дода мешавад.

2. Шакли хулосаи аудити экологӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар карда мешавад.

3. Хулосаи аудити экологиро роҳбари ташкилоти аудитории экологӣ ё муовини ӯ ба имзо мерасонад ва бо мӯҳри ташкилот тасдиқ карда мешавад. Дар ҳолати гузаронидани аудит аз ҷониби аудитори бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда, хулосаи аудити экологӣ бо имзои худи ӯ тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 14. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ**

1. Субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ҳуқуқ дорад:

- аз аудитори экологӣ ва ташкилоти аудитории экологӣ оид ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба гузаронидани аудити экологӣ ва баъд аз шиносоӣ бо хулосаи аудиторӣ оид ба санадҳои меъёрӣ, ки дар асоси онҳо хулосаҳои аудиторҳои экологӣ тартиб дода шудаанд, маълумот гирад;

- нисбат ба хулосаи аудиторӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шикоят намояд;

- аз хизматрасонии аудитори экологӣ ва ташкилоти аудитории экологӣ дар мавриди риоя накардани шартҳои шартнома барои гузаронидани аудити экологӣ даст кашад.

2. Субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ӯҳдадор аст:

- ба аудитори экологӣ ё ташкилоти аудитории экологӣ барои сари вақт ва хушсифат гузаронидани аудити экологӣ тибқи шартҳои шартнома шароит муҳайё кунад;

- талаботи аудитори экологӣ ё ташкилоти аудитории экологиро, ки аз шартҳои шартнома барои гузаронидани аудити экологӣ бармеоянд, иҷро намояд;

- ба гузаронидани аудити экологӣ бо мақсади маҳдуд намудани доираи масъалаҳои мавриди аудит фарогирифташуда, агар дар шартнома барои гузаронидани аудити экологӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, халал нарасонад;

- дигар ӯҳдадориҳои дар шартнома барои гузаронидани аудити экологӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардидаро иҷро намояд.

**Моддаи 15. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ**

1. Аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ ҳуқуқҳои зерин доранд:

- мустақилона муайян намудани шакл ва усулҳои гузаронидани аудити экологӣ бо назардошти шартҳои мушаххаси шартнома бо субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гирифтан ва санҷидани маълумоти зарурӣ барои амалӣ кардани аудити экологӣ, аз ҷумла ҳангоми мусоидати мақомоти давлатӣ, ки аудити экологиро таъин кардаанд;

- аз шахсони мансабдори субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ гирифтани тавзеҳоти шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба масъалаҳое, ки дар рафти гузаронидани аудити экологӣ пайдо гардидаанд;

- даст кашидан аз гузаронидани аудити экологӣ дар ҳолати аз ҷониби субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, инчунин дар ҳолати аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ки гузаронидани аудити экологиро таъин кардаанд, ҳангоми зарурат таъмин нагардидани амнияти шахсии аудитори экологӣ ва аъзои оилаи ӯ.

2. Аудитори экологӣ ва ташкилоти аудитории экологӣ ӯҳдадоранд:

- талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми гузаронидани аудити экологӣ ҳатман риоя намоянд;

- аудити экологиро бо салоҳият гузаронанд;

- ҳуҷҷатҳои дар рафти аудити экологӣ гирифта ва тартиб додаашонро эҳтиёт намоянд ва мазмуни онҳоро бе розигии роҳбари субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва шартҳои шартнома барои гузаронидани аудити экологӣ, фош накунанд;

- ба роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба талаботи қонунгузорӣ вобаста ба гузаронидани аудити экологӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо ва баъди шиносоӣ бо хулосаи аудити экологӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба онҳо хулосаҳои аудитори экологӣ асос ёфтаанд, маълумот пешниҳод намоянд;

- субъекти фаъолияти хоҷагидориро аз номувофиқатии фаъолияти ӯ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологӣ огоҳ намоянд;

- махфияти натиҷаи аудити экологӣ ва маълумотеро, ки ҳангоми гузаронидани он дастрас намудаанд ва махфияташ зери ҳимояи қонун аст, риоя намоянд;

- ба мақоми ваколатдор оид ба вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист, агар чунин қонунвайронкунӣ эҳтимолан боиси хатари экологӣ дар миқёси кишвар ва минтақа шуда тавонад, хабар диҳанд;

- маълумоти дар рафти аудити экологӣ дастрас намудаашонро ба шахсони сеюм надиҳанд;

- дигар ӯҳдадориҳоро, ки дар шартнома барои гузаронидани аудити экологӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, иҷро намоянд.

3. Барои машғул шудан ба фаъолияти аудитории экологӣ ба ташкилот зарур аст, ки роҳбари аввали он ва муовинонаш шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологиро дошта бошанд.

**Моддаи 16. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи аудити экологӣ**

1. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи аудити экологӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ карда мешавад.

2. Шаҳодатномаҳои тахассусии байналмилалӣ ва хориҷии аудиторҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор доранд.

3. Аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, бо тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи ҷумҳуриявии аудиторҳои экологӣ ва ташкилотҳои аудитории экологӣ ворид карда мешаванд ва пас аз ин ҳуқуқи фаъолият намуданро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд.

**Моддаи 17. Маблағгузории аудити экологӣ**

Аудити экологӣ аз ҳисоби субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси шартнома маблағгузорӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 19. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №785**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВИИ КАСБӢ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 12 октябри соли 2011 № 544**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 №243**

Қонуни мазкур ба таъмини асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи ҳатмии нафақавии касбии кормандоне равона шудааст, ки шароити меҳнаташон махсус мебошад ва бо намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ машғуланд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ** - низоми аз ҷониби давлат муқарраргардидаи муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷамъоварии маблағи аз ҳисоби саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ пардохтаи корфармо ба кормандони шароити меҳнаташон махсус ва бо намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ (минбаъд - корҳои шароиташон махсус) машғул ва аз истифодабарии ин маблағҳо барои пардохти нафақа бо сабаби шароити махсуси меҳнат иборат мебошад;

- **муассисаи суғурта** - мақомоти ваколатдори давлатие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ амалӣ менамояд;

- **суғуртакунанда** – корфармо аз ҷумлаи шахсони ҳуқуқӣ (аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ бо сармоягузории хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд), намояндагию филиалҳои онҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи шартномаҳои меҳнатӣ корҳои шароиташон махсусро пешниҳод намуда, саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро пардохт менамояд;

- **шахси суғурташуда** - шахси воқеие, ки ба ӯ барои иҷрои корҳои шароиташон махсус саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ пардохт карда мешавад;

- **саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ** - пардохтҳои ҳатмии суғуртакунанда барои ҷамъоварии маблағҳо ҷиҳати таъминоти нафақавии касбӣ;

- **собиқаи касбӣ** - давомнокии кори шароиташон махсуси шахси суғурташудае, ки дар давоми он ба ӯ саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ пардохт гардидааст;

- **собиқаи махсус** – давомнокии кори шароиташ махсус, ки барои нафақаи меҳнатии имтиёзнок аз рӯи синну сол вобаста ба шароити махсуси меҳнат ё ба нафақаи меҳнатӣ барои хизмати дарозмуддат мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ медиҳад;

- **давраи пеш аз мӯҳлати нафақавии шахси суғурташуда** - давраи аз моҳи баъди моҳе, ки шахси суғурташуда барои таъини нафақаи касбии пеш аз мӯҳлат муроҷиат кардааст, то моҳи расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ;

- **андӯхтҳои нафақавии касбӣ** – маблағе, ки барои нафақаи касбии шахси суғурташуда аз ҳисоби саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ва даромадҳо аз ҳисоби сармоягузории он ҷамъгардида пардохта мешавад;

- **нафақаи касбӣ** – маблағи ҳармоҳае, ки аз ҳисоби андӯхтҳои нафақавии касбӣ дар шакли нафақаи касбии пеш аз мӯҳлат ё нафақаи касбии иловагӣ пардохт карда мешавад;

- **нафақаи касбии пеш аз мӯҳлат** - нафақаи касбие, ки ба шахси суғурташуда дар давраи пеш аз расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ пардохт мешавад;

- **қисми касбии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда** - шакли баҳисобгирии махсус, ки дар он маблағи саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ, натиҷаҳои сармоягузорӣ, пардохтҳо ба шахси суғурташуда, давомнокии собиқаи касбӣ ва дигар маълумоти зарурӣ, ки ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқҳо барои пардохт аз ҳисоби маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ мутобиқи Қонуни мазкур инъикос мегардад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои асосии ташкил ва амали суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

Суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ аз рӯи принсипҳои зерин ташкил меёбад ва амал мекунад:

- масъулияти корфармоён оид ба эҳтимолияти паст гардидани қобилияти кории корманд дар натиҷаи ба корҳои шароиташон махсус машғул будан то расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ;

- пешниҳод намудани нафақаи касбӣ то расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ ё дар намуди пардохти иловагӣ ба нафақа баъди расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ бо мақсади ҷуброни музди меҳнате, ки дар натиҷаи қатъ гардидани корҳои шароиташон махсус аз он маҳрум шудааст;

- интихоби ҷуброни корҳои шароиташон махсус аз ҷониби шахси суғурташуда;

- бо роҳи андӯхт ҷамъоварӣ кардани маблағи пардохти нафақаҳои касбӣ;

- ҳамарзишии андозаи нафақаи касбӣ ба ҳаҷми андӯхтҳои нафақавӣ;

- шарикии иҷтимоӣ ҳангоми амалӣ гардонидани суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ;

- назорати давлатӣ ба амалигардонии суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ.

## БОБИ 2. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВИИ КАСБӢ

**Моддаи 4. Субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

Субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ инҳоянд:

- суғуртакунанда (корфармо);
- муассисаи суғурта;
- шахси суғурташуда.

**Моддаи 5. Кормандоне, ки бояд мавриди суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ қарор гиранд**

1. Бо назардошти шартҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур шахсони зерин бояд мавриди суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ қарор гиранд:

- кормандоне, ки рӯзи пурраи корӣ ба корҳои зеризаминӣ ва корҳои шароиташон махсусан зарарноку махсусан вазнин машғуланд;

- кормандоне, ки рӯзи пурра дар шароити зарарноку вазнин кор мекунанд;

- кормандоне, ки рӯзи пурра бевосита дар конҳои зеризаминӣ ва кушода (аз ҷумла ҳайати шахсии қисмҳои наҷотдиҳии кормандони конҳо) ангишт, сланетс ва маъданҳои дигар истихроҷ мекунанд, дар сохтмони шахтаю конҳо машғули кор мебошанд, инчунин кормандони касбҳои пешбари ин корҳо: поккорони конҳо, нақбканҳо, маъданканҳо, мошинкорони мошинҳои ҳамлу нақли маъдан;

- занҳои тракторчӣ, мошинкори истеҳсолоти кишоварзӣ, дигар соҳаҳои иқтисодиёт, мошинкори мошинҳои бинокорӣ, роҳсозӣ ва боркунандаю борфуроранда;

- занҳое, ки дар истеҳсолоти бофандагии меҳнаташ пуршиддат ва вазнин кор мекунанд;

- мардҳои тракторчӣ, мошинкори истеҳсолоти кишоварзӣ, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекунанд;

- занҳои говҷӯш (операторони мошинҳои говҷӯшии фермаҳои механиконидашуда);

- коргарони бригадаҳои локомотивҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи кормандоне, ки ба ташкили корҳои бору мусофиркашонӣ бевосита машғул буда, бехатарии ҳаракатро дар нақлиёти роҳи оҳан таъмин мекунанд;

- ронандагони автомобилҳои боркаши шахтаҳо, конҳои маъдан, конҳои кушода, ки ангишт, сланетс, маъдан ва сангу хок мекашанд;

- кормандони экспедитсияҳо, гурӯҳҳо, дастаҳо, бригадаю участкаҳои корҳои саҳроии иктишофи гидрологӣ, ҷангалдорӣ ва корҳои таҳқиқотӣ;

- ронандагони воситаҳои нақлиёти мусофиркашонии шаҳрӣ;

- кормандоне, ки парвози ҳавопаймоҳои граждaниро бевосита идора менамоянд;

- муҳандису техникҳои хизматрасонии бевоситаи ҳавопаймоҳои гражданӣ;

- ҳайати ҳавонавардон ва озмоишгарони ҳавопаймоҳои гражданӣ;

- ходимони ҳавопаймоҳо;

- занҳое, ки тамоми мавсим пахтаю тамоку парваришу ҷамъоварӣ мекунанд;

- мардҳое, ки тамоми мавсим пахта парвариш ва ҷамъоварӣ мекунанд;

- гурӯҳҳои алоҳидаи кормандони соҳаи маориф;

- гурӯҳҳои алоҳидаи кормандони соҳаи тандурустӣ;

- гурӯҳҳои алоҳидаи ҳунарпешаҳои театр ва муассисаю коллективҳои дигари театру тамошогоҳҳо;

- варзишгарони касбӣ.

2. Рӯйхат ва номгӯйи корҳои шароиташон махсусан зарарнок ва махсусан вазнинро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

**Моддаи 6. Ташкили шароит барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

1. Шароит барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ аз ҷониби корфармое, ки ҷойҳои кори шароиташ махсус дорад, тариқи бастани шартнома бо муассисаи суғурта муҳайё карда мешавад. Шартномаи муҳайё кардани шароит барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ба мӯҳлате, ки корфармо ва муассисаи суғурта муайян менамоянд, баста мешавад. Дар ҳолати зарурӣ эътибори шартнома метавонад ба мӯҳлати нав тамдид карда шавад.

2. Бо шартномаи коллективӣ байни корфармо ва кормандон метавонад ӯҳдадории корфармо оид ба пардохти иловапулии ҷубронӣ ба музди меҳнати ин ё он гурӯҳи кормандони шароити корашон махсус (ба истиснои шахсоне, ки дар конҳои зеризаминӣ, шароити махсусан зарарноку махсусан вазнин кор кардаанд), ки бо назардошти маблағи саҳмҳои бо Қонуни мазкур пешбинишуда муайян мегардад, пешбинӣ карда шавад. Агар шартномаи коллективӣ ӯҳдадории корфарморо оид ба пардохти иловапулии ҷубронӣ ба музди меҳнати кормандони дар қисми мазкур қайдгардида пешбинӣ намояд, барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбии ин кормандон аз ҷониби корфармо шароит муҳайё карда намешавад.

3. Қарори пардохти иловапулии ҷубронӣ ба музди меҳнат дар асоси қисмати дахлдори шартномаи коллективӣ ба мӯҳлати на камтар аз се сол қабул гардида, аз тарафи корфармо бо санади меъёрии дохилӣ тасдиқ карда мешавад.

4. Барои шахсоне, ки дар муассисаи суғурта суғурта шудаанд ва дар конҳои зеризаминӣ, дар шароити махсусан зарарноку вазнин кор кардаанд, нафақаи касбӣ муқаррар мегардад ва ҳармоҳа аз рӯзи муқаррар намудан то ба итмом расидани давраи нафақавии пеш аз мӯҳлат пардохт карда мешавад.

## БОБИ 3. ТАРИФ, ЗАМИНАИ САҲМБАНДӢ ВА ПАРДОХТҲО АЗ ҲИСОБИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВИИ КАСБӢ

**Моддаи 7. Ташаккул ва хароҷоти маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

1. Маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ аз ҳисоби саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ва даромади нигоҳдории онҳо ҷамъоварӣ мешавад.

2. Маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар бонкҳои ҷумҳурӣ нигоҳ дошта мешавад.

3. Нигоҳдорӣ ва бозпасгардонии маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро муассисаи суғурта кафолат медиҳад.

4. Маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ моликияти инфиродӣ ба ҳисоб рафта, наметавонад ба дигар мақсадҳои пешбининакардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ харҷ карда шавад, инчунин маблағи мазкур наметавонад барои ситонидани қарзи муассисаи суғурта, бонки ваколатдор, суғуртакунандагон ва шахсони суғурташуда харҷ карда шавад.

**Моддаи 8. Саҳмҳо барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

1. Саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ба кормандоне пардохт мегардад, ки ба корҳои мансуб ба номгӯйи корҳои шароиташон махсус машғул мебошанд.

2. Объекти ҳисоби саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ҳама гуна пардохтҳои пулие мебошанд, ки ба корманд бо сабаби машғул будан ба корҳои мансуб ба номгӯйи корҳои шароиташон махсус ҳисоб шудаанд.

3. Саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ба муассисаи суғурта ҳармоҳа пардохт карда мешавад.

4. Агар маблағи саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбии ба муассисаи суғурта пардохтгардида аз маблағи тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни мазкур пардохтшаванда кам бошад ва корфармо - пардохткунандаи саҳмҳо маблағи фарқиятро дар давоми понздаҳ рӯзи баъди пешниҳод намудани эъломия оид ба саҳмҳои суғуртавӣ муқарраргардида нагузаронад, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҷамъоварии саҳмҳои суғуртавӣ аз ҳолати воқеӣ ба таври хаттӣ корфармо - пардохткунанда ва муассисаи суғуртаро огоҳ намуда, ҷиҳати ситонидани маблағи саҳми суғуртавии кампардохтгардида чора меандешад.

5. Саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ барои кормандоне, ки ба синни ниҳоии нафақавӣ расидаанд, пардохт карда намешавад.

**Моддаи 9. Пардохткунандаҳои саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

Пардохткунандаҳои саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ корфармоёне мебошанд, ки ҷойҳои кории шароиташон махсус доранд ва саҳмҳои суғуртавиро барои кормандоне, ки дар ин ҷойҳо кор мекунанд, пардохт менамоянд.

**Моддаи 10. Заминаи саҳмбандии суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

Заминаи саҳмбандии суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ҳамчун маблағи пардохти бо моддаи 8 Қонуни мазкур пешбининамудае, ки пардохткунандаи саҳмҳо дар давраи ҳисоботӣ барои кормандон ҳисоб намудааст, муайян карда мешавад.

**Моддаи 11. Маблағҳое, ки барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ саҳмбандӣ намешаванд**

Маблағҳои зерини суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ саҳмбандӣ намешаванд:

1) кӯмакпулиҳои давлатие, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешаванд;

2) ҳама намудҳои ҷубронпулии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардидаи вобаста ба:

- товони зарари маъюбӣ дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ё бемории касбӣ;

- ҷуброни маблағи пардохтшуда барои манзили зист, хизматрасонии коммуналӣ ва сӯзишворӣ;

- пардохти маблағи арзиши таъминоти озуқа ва молҳо;

- ҷубронпулии аз кор озод намудан ё рухсатии меҳнатии истифоданашуда;

- пардохти маблағи арзиши либоси махсус ва пойафзоли корӣ;

- маблағи ёрии моддӣ ва дигар пардохтҳои яквақтаина;

- хароҷоти сафари хизматӣ;

- хароҷоти дигаре, ки ба иҷрои вазифаи асосии корманд вобаста намебошад.

**Моддаи 12. Тарифҳои саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

1. Ба пардохткунандагони саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбии дар моддаи 9 Қонуни мазкур зикршуда тарифҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- дар сурате ки заминаи саҳмбандӣ барои ҳар як корманд дар алоҳидагӣ то ба андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил намояд, саҳми суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ барои кормандони дар сархатҳои якум, сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 5 Қонуни мазкур дарҷгардида 10 фоиз ва барои кормандони дигаре, ки шароити корашон махсус мебошад, 5 фоизи даромади воқеиро ташкил медиҳад;

- дар сурате ки заминаи саҳмбандӣ барои ҳар як корманд дар алоҳидагӣ аз андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад, саҳми суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ барои кормандони дар сархатҳои якум, сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 5 Қонуни мазкур дарҷгардида 10 фоиз ва барои кормандони дигаре, ки шароити корашон махсус мебошад, 5 фоизи андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

2. Маблағи ҳисобгардидаи саҳми суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ барои ҳар як корманди дар қисми 1 моддаи 5 Қонуни мазкур нишондодашуда наметавонад аз 1 фоизи андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам бошад.

**Моддаи 13. Давраи ҳисоббаробаркунӣ**

Давраи ҳисоббаробаркунӣ оид ба саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 14. Тартиби ҳисоби саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ва мӯҳлати пардохти онҳо**

1. Саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ аз рӯи ҷамбасти давраи ҳисоббаробаркунӣ на дертар аз 30 марти соли баъди давраи ҳисоббаробаркунии сипаришуда, бо назардошти заминаи саҳмбандии суғуртавӣ аз аввали соли тақвимӣ ва тарифҳои бо моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинишуда пардохт карда мешавад.

2. Пардохткунандагони саҳмҳо ӯҳдадоранд баҳисобгириро оид ба ҳар як корманде, ки барояшон саҳмҳо пардохт мегардад, дар алоҳидагӣ, аз рӯи маблағҳои ҳисобшудаи даромад ва саҳмҳои суғуртавии мансуб ба ин даромадҳояшон ба роҳ монанд.

3. Пардохткунандагони саҳмҳо ба муассисаи суғурта на дертар аз 30 марти соли баъди давраи ҳисоббаробаркунии сипаришуда эъломияи саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 15. Назорат аз рӯи саҳмбандӣ ва пардохти саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

Назорати саҳмбандӣ ва пардохти саҳмҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ буда, онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 16. Пардохтҳо аз ҳисоби маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

1. Нафақаи шахсоне, ки корхонаҳои шароити корашон махсус ва корфармо, ки мувофиқи Қонуни мазкур ба муассисаи суғурта саҳмҳоро барояшон пардохт намудааст, аз ҳисоби маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ пардохта мешавад.

2. Агар шахси суғурташуда барои таъини пардохтҳо аз ҳисоби маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ муроҷиат накунад ё маблағи нафақавии андӯхта дар мӯҳлати бо моддаи 20 Қонуни мазкур муқарраршуда ба шахсони дар моддаи 17 Қонуни мазкур зикргардида дода нашавад, маблағи дар қисми касбии суратҳисоби инфиродӣ ба ҳисоб гирифташуда ба захираи буҷети муассисаи суғурта гузаронидашуда, суратҳисоб бо тартиби муқарраргардида пӯшида мешавад.

3. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, ба гирифтани пардохтпулиҳо аз ҳисоби маблағи суғуртаи хатмии нафақавии касбӣ дар асосҳои умумии барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҳуқуқ доранд, ба шарте ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

**Моддаи 17. Додани маблағи андӯхтҳои нафақавӣ мавриди фавти шахси суғурташуда**

1. Мавриди фавти шахси суғурташуда маблағи андӯхти нафақавии дар қисми касбии суратҳисоби инфиродии ӯ ба ҳисоб гирифташуда дар мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи 23 Қонуни мазкур ба ворисони ӯ дода мешавад.

2. Дар сурати набудани ворисон маблағи андӯхти нафақавии дар қисми касбии суратҳисоби инфиродӣ ба ҳисоб гирифташуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**Моддаи 18. Ҷуброни хароҷоти фаъолияти муассисаи суғурта**

1. Хароҷоти фаъолияти муассисаи суғурта аз ҳисоби даромади сармоягузории маблағи нафақавӣ ҷуброн карда мешавад.

2. Ҳадди ниҳоии андозаи хароҷоти зикршударо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, вале он наметавонад аз 15 фоизи даромади сармоягузории маблағи андӯхти нафақавӣ зиёд бошад.

**Моддаи 19. Истифодаи маблағи андӯхти нафақавӣ**

Маблағи андӯхти нафақавӣ танҳо барои мақсадҳои пешбининамудаи моддаҳои 16 - 18 ва 26 Қонуни мазкур харҷ карда мешавад.

## БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВИИ КАСБӢ

**Моддаи 20. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахси суғурташуда**

1. Шахси суғурташуда ҳуқуқ дорад:

- аз суғуртакунанда дар бораи саҳмҳои пардохтшуда барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ва дигар маълумоти ба муассисаи суғурта пешниҳодшударо талаб намояд;

- дар бораи дастрасии маълумот оид ба вазъи ҷории қисми касбии суратҳисоби инфиродиаш ба муассисаи суғурта муроҷиат намояд;

- барои таъини нафақа аз ҳисоби маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ дар шакли нафақаи касбӣ дар давоми на дертар аз панҷ сол баъди расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ муроҷиат намояд;

- дар сурати риоя нагардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ бо шикоят аз рӯи фаъолияти суғуртакунанда ба муассисаи суғурта муроҷиат намояд. Дар сурати ба чораҳои андешидаи ин мақомот розӣ набудани шахси суғурташуда, ӯ метавонад ба суд муроҷиат намояд.

2. Шахси суғурташудае, ки ба ӯ нафақаи касбӣ таъин карда шудааст, ӯҳдадор аст дар бораи ҳолатҳое, ки ба пардохти маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ таъсир мерасонанд, дар мӯҳлати на дертар аз як моҳи пас аз воқеъ шудани чунин ҳолат ба муассисаи суғурта хабар диҳад.

**Моддаи 21. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои суғуртакунанда**

1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз муассисаи суғурта дар бораи саҳмҳои воридшудаи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ва собиқаи касбии шахси суғурташуда маълумот талаб намояд.

2. Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:

- бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шароити меҳнатро дар ҷойҳои корӣ арзёбӣ намояд;

- бо тартиби муқарраршуда номгӯйи ҷойҳои кории шароиташ махсусро тасдиқ намояд;

- саҳмпулиҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро сари вақт ва тибқи муқаррароти Қонуни мазкур пардохт намояд;

- дар бораи шахсони суғурташуда ба муассисаи суғурта барои баҳисобгирии қисми касбии суратҳисоби инфиродӣ маълумоти зарурӣ пешниҳод намояд;

- ба шахси суғурташуда дар бораи саҳмпулиҳои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбии ҳисобкарда ва пардохтшуда, инчунин дар бораи собиқаи касбӣ маълумот пешниҳод намояд;

- дар сурати пеш омадани ҳолатҳое, ки ба ҳуқуқи шахси суғурташуда барои гирифтани нафақаи касбии пеш аз мӯҳлат (пардохти он) таъсир мерасонанд, дар мӯҳлати на дертар аз як моҳи пас аз вуқӯъ омадани чунин ҳолатҳо ба муассисаи суғурта хабар диҳад.

**Моддаи 22. Вазифаҳои муассисаи суғурта**

Муассисаи суғурта вазифадор аст:

- саҳмпулии суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро ба ҳисоб гирад;

- маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро дар бонки ваколатдор нигоҳ дорад;

- ба шахсони суғурташуда дар бораи вазъи кунунии қисми касбии суратҳисоби инфиродии онҳо ва ба суғуртакунанда оид ба саҳмпулиҳои воридшудаи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ, инчунин собиқаи касбии шахсони суғурташуда маълумот пешниҳод намояд;

- маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбиро танҳо барои мақсадҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ истифода барад;

- маблағи нафақаҳои касбиро ҳисоб, таъин ва пардохт намояд;

- дигар талаботи пешбининамудаи Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулгардидаро риоя намояд.

**Моддаи 23. Қисми касбии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда**

1. Бо мақсади таъмини баҳисобгирии пурраву саривақтӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои шахсони суғурташуда пешбурди қисми касбии таркиби суратҳисоби инфиродӣ аз ҷониби муассисаи суғурта амалӣ карда мешавад.

2. Тартиби пешбурди суратҳисоби инфиродӣ дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи давлатии нафақавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

3. Даромади сармоягузорӣ дар суратҳисоби инфиродӣ на камтар аз як маротиба дар як сол ва на дертар аз 30 марти солиояндаи пас аз соли ҳисоботӣ инъикос карда мешавад, ба шарте ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

4. Дар сурати қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ, инчунин дар сурати мавҷудияти дигар асосҳои қонунӣ барои қатъ ё манъ кардани вазифаҳои корфармо оид ба пардохти саҳмпулии суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ, суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда то иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимма гузоштаи шахси суғурташуда ё гузаштани мӯҳлати пешбининамудаи муроҷиат тибқи Қонуни мазкур кушода нигоҳ дошта мешавад.

5. Дар сурати аз ҷониби ворисони (ворисӣ) шахси суғурташудаи фавтида пешниҳод намудани васиятнома ё шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгирӣ муассисаи суғурта вазифадор аст, ки дар давоми 10 рӯз маблағи нафақавии дар қисми касбии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда андӯхтаро ба суратҳисобҳои бонкии ворисон (ворис) гузаронад ва суратҳисоби ӯро бандад.

**Моддаи 24. Ҳисоб намудани даромади нигоҳдории маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ**

1. Даромади нигоҳдории маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ҳар сол аз ҷониби муассисаи суғурта ҳисоб карда мешавад.

2. Маблағи андӯхтҳои нафақавие, ки аз ҷониби шахсони суғурташуда ё шахсони ваколатдори онҳо талаб карда нашудаанд, ба қисми даромади нигоҳдории маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбии муассисаи суғурта ворид карда мешавад.

**Моддаи 25. Ҳифзи маълумоти фардии шахсони суғурташуда**

1. Маълумоти фардии шахсони суғурташуда, ки ташкилотҳои корфармо ва муассисаи суғурта медиҳанд, инчунин дигар маълумоти дар қисми касбии суратҳисоби инфиродӣ мавҷуда иттилооти пинҳонӣ ба ҳисоб мераванд. Мазмун ва ҳаҷми маълумоти фардии додашаванда, нигоҳдошташаванда ва коркардшаванда набояд аз доираи талаботи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи нафақавӣ берун бароад. Маълумоти фардӣ ба иттилои шахси сеюм, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, расонида намешавад.

2. Ба маълумоти фардии ташкилоти корфармо ва муассисаи суғурта танҳо шахсони махсуси ваколатдор дастрасӣ доранд. Дар ин маврид шахсони мазкур танҳо ба маълумоте дастрасӣ доранд, ки барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси онҳо зарур аст.

3. Роҳбарон, шахсони мансабдор ва кормандони ташкилотҳои корфармо ва муассисаи суғурта, ки мутобиқи Қонуни мазкур дар ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ирсол ва истифодаи маълумоти дорои хусусияти махфӣ, ки ба ҷараёни ташаккул ва сармоягузории андӯхтҳои нафақавӣ, инчунин маълумоти қисми касбии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда иштирок менамоянд, вазифадоранд иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи иттилооти дастрасиаш маҳдуд таъмин намоянд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 26. Таъин ва пардохти нафақаҳои меҳнатӣ ба шахсони суғурташудае, ки то ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ дар корхонаҳои шароити меҳнаташон махсус кор кардаанд**

1. Ба шахсони суғурташудае, ки то ҷорӣ намудани пардохти нафақа аз ҳисоби маблағи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ тибқи муқаррароти моддаи 16 Қонуни мазкур дар корхонаҳои шароити меҳнаташон махсус кор кардаанд ва ба нафақаи касбии пеш аз мӯҳлат ҳуқуқ надоранд, нафақаи меҳнатии имтиёзнок аз рӯи синну сол барои иҷрои корҳои шароиташон махсус ё нафақаи меҳнатӣ барои хизмати дарозмуддат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва пардохт карда мешавад.

2. Мавриди муайян намудани ҳуқуқи шахси суғурташуда ба чунин намуди нафақаи меҳнатӣ ба сифати илова ба собиқаи махсусе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, собиқаи касбии дахлдори мувофиқ ба инобат гирифта мешавад. Дар ин маврид нафақаи меҳнатӣ бо розигии шахси суғурташуда барои гузаронидани маблағи нафақавии андӯхтаи қисми касбии суратҳисоби инфиродии ӯ бо мақсади ҷуброни хароҷоти вобаста ба маблағгузории нафақаи меҳнатӣ дар давраи то расидан ба синни ниҳоии нафақавӣ таъин ва пардохт карда мешавад.

3. Тартиби гузаронидани маблағи андӯхтҳои нафақавиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур ба истиснои моддаҳои 16, 17 ва қисми 2 моддаи 26 аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

2. Моддаҳои 16, 17 ва қисми 2 моддаи 26 Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2017 мавриди амал қарор дода шаванд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №790**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 7 декабри соли 2011 №608**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №229**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №9, мод. 112; мод. 113; с. 1998, №23-24, мод. 340; с. 1999, №5, мод. 69; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 185; с. 2004, №5, мод. 337; с. 2006, №3, мод. 152; №4, мод. 195; с. 2009, №5, мод. 320; с. 2010, №7, мод. 545; мод. 549; с. 2011, №3, мод. 151), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар ном ва матни моддаи 1 калимаҳои «қонунгузории», «ашхоси», «ашхосе» ва «санади меъёрӣ» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба», «шахсони», «шахсоне» ва «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

2. Дар банди 4) моддаи 2 калимаҳои «ҳуқуқии» ва «ҳокимияти маҳаллӣ» мувофиқан ба калимаҳои «меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони» ва «маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми чоруми моддаи 3 калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

4. Дар моддаи 4:

- дар қисми якум:

- баъди калимаи «Конститутсияи» калимаи «(Сарқонуни)» илова карда шавад;

- дар банди 1) калимаи «бепул» ба калимаи «ройгон» иваз карда шавад;

- дар банди 8) калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

- дар банди 9) калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад;

- дар банди 12) калимаи «аз» ба калимаи «ва» иваз карда шавад;

- дар банди 13) калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

- дар банди 3) қисми дуюм калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад.

5. Дар моддаи 5:

- дар банди 4) қисми якум калимаҳои «ҷузъии ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «меъёрии дохилӣ (локалӣ)» иваз карда шаванд;

- ба банди 1) қисми дуюм баъди калимаи «Конститутсияи» калимаи «(Сарқонуни)» илова карда шуда, калимаҳои «Кодекси мазкури меҳнат, қонунҳо» ба калимаҳои «Кодекси мазкур» иваз карда шаванд.

6. Дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 7 калимаҳои «ашхосе» ва «Ашхосе» мувофиқан ба калимаҳои «шахсоне» ва «Шахсоне» иваз карда шаванд.

7. Дар банди 1) қисми дуюми моддаи 8 ва матни моддаи 9 калимаҳои «қонун» ва «қонунҳо» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

8. Дар ном ва матни моддаи 10 калимаҳои «Идораи», «идораи» ва «ҳиҷрати» мувофиқан ба калимаҳои «Идоракунии», «идоракунии» ва «муҳоҷирати» иваз карда шаванд.

9. Дар матни моддаи 11 калимаи «ҷумҳурӣ» ба калимаҳои «ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

10. Дар моддаи 12:

- дар номи модда калимаҳои «қонунҳои» ва «бетабаа» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба» ва «бешаҳрванд» иваз карда шаванд;

- дар матни модда калимаҳои «ашхоси бетабаа», «қонунҳои», «кардаанд», «Амали қонунҳои», «ба ашхосе», «Қонуни» ва «ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони бешаҳрванд», «қонунгузории», «кардааст», «Қонунгузории», «нисбат ба шахсоне», «қонунгузории» ва «шахсони» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 14:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 14. Амали санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат дар замон»;

- дар қисми якум калимаҳои «амали баръакс» ба калимаҳои «ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат қувваи бозгашт» ва калимаи «он» ба калимаи «онҳо» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаи «Қонун» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат», калимаи «он» ба калимаи «онҳо» ва калимаҳои «дар Қонун» ба калимаҳои «дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаҳои «қонуне» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «санади қонунгузорие» ва «санади қонунгузорӣ» иваз карда шаванд.

12. Дар моддаи 15:

- дар бандҳои 8) ва 9) калимаҳои «қонунҳо» ва «қонун» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шаванд;

- дар банди 20) калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад;

- ба банди 21) баъди калимаи «меҳнат -» калимаҳои «аз тарафи корманд» илова карда шаванд.

13. Дар қисми дуюми моддаи 16 калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаи» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаи (қарордоди)» иваз карда шаванд.

14. Дар моддаи 17:

- дар қисми якум калимаҳои «ашхосе мебошанд, ки аз тарафи мақомоти меҳнаткашони ташкилотҳо мутобиқи қонунҳои» ба калимаҳои «шахсоне мебошанд, ки аз тарафи коллективи кормандон тибқи қонунгузории» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаи «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

15. Дар қисми якуми моддаи 18:

- дар бандҳои 3) ва 6) калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

- дар охири банди 7) аломати нуқта вергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад.

16. Дар моддаи 19:

- ҷумлаи дуюми қисми якум қисми дуюми модда ҳисобида шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «ашхоси ваколатдори ӯ, ки амали дар қисмҳои 1 ва 2» ба калимаҳои «шахсони ваколатдори ӯ, ки амалҳои дар қисмҳои якум ва дуюми» ва калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шаванд.

17. Дар матни моддаи 20 калимаҳои «ашхоси», «бепул» ва «қонунҳои» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони», «ройгон» ва «қонунгузории» иваз карда шаванд.

18. Дар моддаи 22 калимаҳои «ассоциацияҳо», «созмонҳои», «амвол» ва «меҳнаткашон» мувофиқан ба калимаҳои «ассотсиатсияҳо», «ташкилотҳои», «молу мулк» ва «кормандон» иваз карда шаванд.

19. Дар қисми дуюми моддаи 23 калимаи «Қонуни» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад.

20. Дар моддаи 24 калимаҳои «қонунҳо», «иҷрои» ва «(конференцияи)» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», «иҷрои он» ва «(конференсияи)» иваз карда шаванд.

21. Дар ном ва матни моддаи 25 калимаҳои «қонунҳо» ва «Қонуни» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузорӣ» ва «қонунгузории» иваз карда шаванд.

22. Дар моддаи 27:

- дар қисми якум рақами «15» ба калимаи «понздаҳсолагӣ» иваз карда шавад;

- дар бандҳои 1) ва 2) қисми дуюм калимаҳои «қонун», «Қонун», «фардӣ» ва «ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», «инфиродӣ» ва «шахсони» иваз карда шаванд.

23. Дар қисмҳои дуюм, сеюм ва шашуми моддаи 28 калимаҳои «қонунҳо», «хадамоти шуғли давлатӣ» ва «Қонун» мувофиқан ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

24. Дар қисми якуми моддаи 29 калимаҳои «ашхоси», «ашхосе», «Қонун» ва «қонунҳо» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони», «шахсоне» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

25. Дар моддаи 31:

- банди 2) қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2) ба мӯҳлати муайян - на камтар аз як сол, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 3), 4) ва 5) қисми якуми ҳамин модда;»;

- дар қисми чорум калимаи «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

26. Дар моддаи 32:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ду нусха тартиб дода, аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Як нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба корманд дода шуда, нусхаи дигарро корфармо маҳфуз медорад.»;

- дар қисми сеюм калимаҳои «Қонун» ва «санадро» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «ҳуҷҷатро» иваз карда шаванд;

- қисми панҷум ҷумлаи дуюми қисми чорум ҳисобида шавад;

- қисми ҳафтум хориҷ карда шавад.

27. Дар қисмҳои якум ва сеюми моддаи 33 калимаҳои «Қонун» ва «ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «шахсони» иваз карда шаванд.

28. Дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 34 калимаҳои «ашхосе» ва «шогирд» мувофиқан ба калимаҳои «шахсоне» ва «шогирдӣ» иваз карда шаванд.

29. Дар қисми панҷуми моддаи 35 калимаи «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

30. Дар қисми якуми моддаи 45 калимаи «номаълум» ба калимаи «номуайян» иваз карда шавад.

31. Дар моддаи 46:

- дар қисми якум:

- ба банди 2) баъди калимаи «мерасонад» калимаҳои «, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад» илова карда шаванд;

- дар банди 7) калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад;

- дар банди 13) калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаи «Қонунҳо» ба калимаҳои «Санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад.

32. Дар қисми чоруми моддаи 49 калимаҳои «Қонун» ва «хадамоти» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «давлатии» иваз карда шаванд.

33. Дар моддаи 53:

- ба банди 4) баъди калимаи «корманд» калимаҳои «ва ё корфармо - шахси воқеӣ, ҳамчунин аз тарафи суд фавтида эълоншуда ё бедарак ғоибшуда эътироф гардидани корманд ё корфармо – шахси воқеӣ» илова карда шаванд;

- дар банди 6) калимаи «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

34. Дар қисми сеюми моддаи 64 калимаи «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

35. Дар моддаи 65 калимаҳои «санади маҳдуди меъёрӣ» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)» иваз карда шаванд.

36. Ба қисми сеюми моддаи 69 баъди калимаи «муттасил» калимаи «коркунанда» илова карда шавад.

37. Ба қисми чоруми моддаи 70 баъди рақами «161,» рақами «162,» илова карда шавад.

38. Дар моддаи 72:

- дар қисми дуюм калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд;

- ба қисми чорум баъди рақами «152,» рақами «162,» илова карда шуда, калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд.

39. Дар қисми якуми моддаи 75 ва қисми дуюми моддаи 77 калимаҳои «Қонун» ва «қонунҳо» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шаванд.

40. Дар моддаи 80:

- дар номи модда калимаи «амалкунанда» ба калимаи «коркунанда» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (ҳукуматҳо)» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд.

41. Дар моддаи 81:

- дар қисми дуюм:

- дар сархати дуюм калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад;

- дар сархати чорум калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд.

42. Дар моддаи 82 калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд.

43. Дар моддаи 83:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Рӯзҳои ид, ки рӯзҳои ғайрикорӣ дониста мешаванд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» муайян карда мешаванд.»;

- дар қисми сеюм калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд.

- қисми панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дигар рӯзҳои ид, ки бидуни рӯзи истироҳат қайд карда мешаванд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» муайян карда мешаванд.».

44. Дар матни моддаи 86:

- дар сархатҳои якум, дуюм ва сеюм калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд;

- дар сархати панҷум калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад.

45. Дар қисми дуюми моддаи 89 ва қисми сеюми моддаи $89^{1}$ калимаҳои «қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии» ва «зайли ташкилотҳои дар асоси воситаҳои худӣ фаъолиятдошта» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории» ва «дигар ташкилотҳо» иваз карда шаванд.

46. Дар моддаи 90:

- дар қисми дуюм калимаҳои «ин Кодекс» ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаи «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

47. Дар қисми сеюми моддаи 91 калимаҳои «Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ» ба калимаҳои «Санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

48. Дар ном ва матни моддаи 93 ва банди 4) қисми якуми моддаи 95 калимаҳои «ашхосе» ва «қонунҳо» мувофиқан ба калимаҳои «шахсоне» ва «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шаванд.

49. Дар қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи 96, қисми сеюми моддаи 101 ва қисми дуюми моддаи $104^{4}$ калимаҳои «ин Кодекс», «ашхос», «қонунҳо» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «ҳамин Кодекс», «шахсон», «санадҳои қонунгузорӣ» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

50. Дар моддаи 108:

- дар қисми якум калимаҳои «санади ҷузъии меъёрӣ» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)» иваз карда шаванд;

- дар қисми шашум калимаҳои «қонунҳои», «ҷазои» ва «ҷиноӣ» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории», «ҷавобгарии» ва «ҷиноятӣ» иваз карда шаванд.

51. Дар қисми дуюми моддаи $108^{2}$, қисмҳои сеюм ва панҷуми моддаи 109 калимаи «ашхоси» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «шахси» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

52. Дар моддаи 110:

- дар қисми якум калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «ё ҷамъиятӣ» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «ё ташкилоти ҷамъиятӣ» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

53. Дар ном ва матни моддаи 114 калимаҳои «идории» ва «идориро» мувофиқан ба калимаҳои «идоракунии» ва «идоракуниро» иваз карда шаванд.

54. Дар моддаи 115 калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад.

55. Дар қисми якуми моддаи 117 калимаҳои «қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

56. Дар ном ва қисми якуми моддаи 120 калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад.

57. Дар моддаи 121:

- дар қисми дуюм калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;

- дар қисми чорум калимаҳои «қонунҳои», «аз ӯҳдадориҳои меҳнатии корманд» ва «ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба», «ба ӯҳдадориҳои меҳнатии корманд вобаста» ва «шахсони» иваз карда шаванд;

- дар қисми панҷум калимаҳои «ки аз вазифаҳои меҳнатии ӯянд» ва «ашхосе» мувофиқан ба калимаҳои «ба ӯҳдадориҳои меҳнатии ӯ дохил мешаванд» ва «шахсоне» иваз карда шаванд.

58. Дар моддаи 123:

- дар қисми дуюм калимаи «қонунҳои» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузории» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаи «Қонун» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

59. Дар қисмҳои якум, дуюм ва сеюми моддаи 126 калимаҳои «, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии» ба калимаҳои «ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд.

60. Қисми дуюми моддаи 127 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ҷавобгарии корманд барои зиёни ба корфармо расонидашуда истисно мегардад, агар зиён дар натиҷаи қувваи рафънопазир, таваккали асосноки хоҷагӣ, зарурати ниҳоӣ ё мудофиаи зарурӣ ба миён омада бошад.».

61. Дар ном ва қисми якуми моддаи 130 ва қисми якуми моддаи 134 калимаҳои «амволи» ва «зиёни бевоситаи воқеӣ» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки» ва «зиёни воқеӣ» иваз карда шаванд.

62. Моддаи 132 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 132. Ҷавобгарии моддии корманд барои зиёни ба корфармо расонидашуда**

Корманд вазифадор аст, ки зиёни воқеии ба корфармо расонидаашро ҷуброн намояд, ба шарте ки дар Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин дар санади меъёрии дохилӣ (локалӣ) тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Новобаста аз зиёни расонидашуда, даромади бадастнаомада (самараи аздастрафта) аз корманд рӯёнида намешавад.

Зиёни воқеӣ ин воқеан кам кардани молу мулки нақди корфармо ё бад кардани ҳолати молу мулки мазкур (аз ҷумла, молу мулки шахси сеюми дар назди корфармо қарордошта, агар корфармо барои нигоҳубини ин молу мулк масъулият дошта бошад), ҳамчунин барои корфармо зарурати харҷ ё пардохти маблағи иловагӣ барои харидан, барқарор кардани молу мулк ё ҷуброни зиёне, ки аз ҷониби корманд ба шахсони сеюм расонида шудааст, мебошад.».

63. Дар моддаи 135:

- ба номи модда баъди калимаи «Ҷавобгарии» калимаи «маҳдуди» илова карда шавад;

- дар матни модда калимаҳои «қонунҳои», «ҷузъии», «пул» ва «ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории», «маҳдуди», «пулӣ» ва «шахсони» иваз карда шаванд.

64. Дар қисми дуюми моддаи 136:

- дар банди 1 баъди рақами «1» аломати нуқта бо аломати қавси пӯшида «)» иваз карда шавад;

- дар банди 3) калимаҳои «санади махсуси қонунӣ» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузории дахлдор» иваз карда шаванд;

- ҷумлаи дуюми банди 8) хориҷ карда шавад.

65. Дар қисми шашуми моддаи 137 калимаи «ашхос» ба калимаи «шахсон» иваз карда шавад.

66. Дар қисмҳои дуюм ва чоруми моддаи 138 калимаҳои «амволи» ва «амвол» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки» ва «молу мулк» иваз карда шаванд.

67. Дар қисми панҷуми моддаи 140 калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад.

68. Дар қисми дуюми моддаи 143 калимаҳои «бо ғарази ҷиноят» ба калимаҳои «дар натиҷаи ҷинояти бо мақсади ғаразнок содиршуда» иваз карда шаванд.

69. Дар қисми дуюми моддаи 144 калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад.

70. Дар қисми сеюми моддаи 145 калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад.

71. Дар қисмҳои сеюм ва панҷуми моддаи 147 калимаҳои «бепул» ва «қонунҳоро» мувофиқан ба калимаҳои «ройгон» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро» иваз карда шаванд.

72. Дар қисми чоруми моддаи 149 калимаи «Ашхосе» ба калимаи «Шахсоне» иваз карда шавад.

73. Дар қисми дуюми моддаи 151 калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд.

74. Дар моддаи 152:

- дар қисми якум калимаи «хадамоти» ба калимаҳои «мақомоти давлатии» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «Комиссияи экспертии тиббии меҳнатро» ба калимаҳои «Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоиро» иваз карда шаванд.

75. Дар қисми дуюми моддаи 154 калимаҳои «Қонун ба ҷавобгарии ҷиноӣ» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ» иваз карда шаванд.

76. Дар матни моддаи 155 калимаҳои «акт» ва «акти» мувофиқан ба калимаҳои «санад» ва «санади» иваз карда шаванд.

77. Дар моддаи 156:

- дар қисми якум калимаҳои «қонунҳо ё дигар санади меъёрии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд;

- дар қисми панҷум калимаҳои «ашхосе», «якдафъавӣ» ва «муқарраршудаи» мувофиқан ба калимаҳои «шахсоне», «якдафъаина» ва «муқарраргардидаи» иваз карда шаванд;

- дар қисми шашум калимаҳои «ашхоси ғайри қобили кор» ба калимаҳои «шахсони ғайриқобили меҳнат» иваз карда шаванд.

78. Номи боби 12 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 12. КАФОЛАТҲОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ ЗАНОН ВА ШАХСОНЕ, КИ ВАЗИФАҲОИ ОИЛАВӢ ДОРАНД»**.

79. Дар моддаи 159:

- дар қисми якум калимаҳои «шонздаҳсола» ва «Ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «ҳаждаҳсола» ва «Шахсони» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаи «хадамоти» ба калимаҳои «мақомоти давлатии» иваз карда шавад.

80. Дар қисми дуюми моддаи 160 калимаи «ниҳонии» ба калимаи «ниҳоии» иваз карда шавад.

81. Дар қисми дуюми моддаи 161 рақамҳо ва калимаҳои «то 14 - сола» ва «то 16 - сола» мувофиқан ба калимаҳои «синни то чордаҳсола» ва «синни то ҳаждаҳсола» иваз карда шаванд.

82. Дар ном ва қисми дуюми моддаи 162 калимаҳои «ашхоси» ва «ашхосе» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони» ва «шахсоне» иваз карда шаванд.

83. Дар қисми сеюми моддаи 165 калимаи «ашхосе» ба калимаи «шахсоне» иваз карда шавад.

84. Дар ном ва матни моддаи 166 калимаи «ашхосе» ба калимаи «шахсоне» иваз карда шавад.

85. Дар моддаҳои 168, 169, 170 ва 171 калимаҳои «шонздаҳсола», «волидайн», «сарпараст» ва «шонздаҳсоларо» мувофиқан ба калимаҳои «ҳаждаҳсола», «падару модар», «парастор» ва «ҳаждаҳсоларо» иваз карда шаванд.

86. Дар қисми якуми моддаи 172 калимаҳои «шонздаҳсола», «мақомоти» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «ҳаждаҳсола», «мақомоти давлатии» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

87. Дар ном ва матни моддаи 173 калимаҳои «ашхосе», «қонунҳо ва дигар санади меъёри» ва «васиёни (сарпарастони)» мувофиқан ба калимаҳои «шахсоне», «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «васии (парастори)» иваз карда шаванд.

88. Дар матни моддаи 174 калимаҳои «Ашхоси», «яке аз волидон» ва «ашхоси» мувофиқан ба калимаҳои «Шахсони», «падар ё модар» ва «шахсони» иваз карда шаванд.

89. Дар моддаи 175:

- дар номи модда калимаи «ашхоси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шавад;

- дар қисми якум калимаҳои «ашхоси» ва «хадамоти» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони» ва «мақомоти давлатии» иваз карда шаванд.

90. Дар моддаи 176 калимаҳои «Ашхоси» ва «қонунҳо ва дигар санади» мувофиқан ба калимаҳои «Шахсони» ва «дигар санадҳои» иваз карда шаванд.

91. Дар моддаи 177:

- дар ном ва қисми якум калимаҳои «ашхоси» ва «ашхос» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони» ва «шахсон» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «ашхоси» ва «қонунҳо ва дигар санади меъёрии» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони» ва «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд.

92. Дар ном ва матни моддаи 178 калимаи «ашхоси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шавад.

93. Дар қисми якуми моддаи 179 калимаҳои «Музди кори» ба калимаҳои «Музди меҳнати» иваз карда шаванд.

94. Дар номи моддаи 181 калимаи «ашхоси» ба калимаи «кормандони» иваз карда шавад.

95. Дар моддаи 182 калимаҳои «мақоми маҳаллии меҳнат ва» ва «комиссияи оид ба корҳои ноболиғон» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти давлатии» ва «Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» иваз карда шаванд.

96. Дар ном ва матни моддаи 183 калимаҳои «волидайн, васиён (сарпарастон)», «ашхоси» ва «волидайн ва васиён (сарпарастон)» мувофиқан ба калимаҳои «падару модар, васӣ (парастор), «шахсони» ва «падару модар ва васӣ (парастор) иваз карда шаванд.

97. Дар моддаи 186:

- дар қисми якум калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрӣ» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «санади меъёрии ҷузъии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии дохилии» иваз карда шаванд.

98. Дар қисми чоруми моддаи 187 калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд.

99. Дар қисмҳои якум ва чоруми моддаи 188 калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрии» ва «қонунҳо ё дигар санади меъёрии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд.

100. Дар матни моддаи 189 калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд.

101. Қисми дуюми моддаи 190 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Бо шартномаю созишномаҳои коллективӣ тартиби баррасии тосудии баҳсҳои меҳнатии фардӣ дар ташкилотҳо мутобиқи моддаи 191 ҳамин Кодекс муқаррар шуда метавонад.».

102. Дар моддаи 191:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 191. Тартиби баррасии тосудии баҳсҳои меҳнатии фардӣ**»;

- дар қисми якум калимаҳои «пеш аз суд дар ташкилот баррасӣ шудани баҳсҳои меҳнатии фардӣ» ба калимаҳои «баррасии тосудии баҳсҳои меҳнатии фардӣ дар ташкилот» иваз карда шаванд.

103. Дар моддаи 192:

- дар қисми якум калимаҳои «касони» ва «қонунҳо ё дигар санади меъёрӣ» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони» ва «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «қонун» ва «амволи» мувофиқан ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «молу мулки» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаҳои «касон», «ашхосе», «ашхоси», «қонунҳо», «акти» ва «акт» мувофиқан ба калимаҳои «шахсон», «шахсоне», «шахсони», «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «санади» ва «санад» иваз карда шаванд;

- қисми чорум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Судҳо баҳсҳои меҳнатии фардиро дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баррасӣ мекунанд.».

104. Дар моддаи 194:

- дар қисми якум калимаҳои «санади меъёрӣ» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- ба қисми сеюм баъди калимаи «тасдиқнамудаи» калимаҳои «Маҷлиси намояндагони» илова карда шаванд.

105. Дар моддаи 195:

- дар қисми дуюм калимаи «қонунҳо» ба калимаи «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаҳои «масъалаҳои пул маблағе» ба калимаҳои «талаботи маблағи пулие» иваз карда шаванд.

106. Дар қисми сеюми моддаи 196 калимаҳои «Иҷрокунандаи судӣ» ба калимаҳои «Иҷрочии суд» иваз карда шаванд.

107. Дар қисми дуюми моддаи 197 калимаҳои «қонуни дигар» ва «марбутаи қонун» мувофиқан ба калимаҳои «дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ» ва «дахлдори санади қонунгузорӣ» иваз карда шаванд.

108. Дар қисми якуми моддаи 198 калимаи «қонун» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

109. Дар моддаи 199:

- ба қисми якум баъд аз калимаи «комиссияи» калимаи «оид» илова карда шавад;

- дар сархати якуми қисми сеюм калимаҳои «ғайриамволӣ» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «ғайримолумулкӣ» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар қисми чорум калимаи «баррасии» ба калимаҳои «оид ба» иваз карда шавад.

110. Дар моддаи 201:

- дар қисми дуюм калимаи «зуд» ба калимаи «бетаъхир» иваз карда шавад;

- қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Суд метавонад иҷрои бетаъхири қарорҳо оид ба дигар парвандаҳои меҳнатиро пурра ё қисман талаб намояд.».

111. Дар моддаи 203:

- дар номи модда калимаҳои «ғайри қонунӣ» ва «айбдор» мувофиқан ба калимаҳои «ғайриқонунӣ» ва «гунаҳгор» иваз карда шаванд;

- дар қисми якум калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

112. Дар ном ва матни моддаи 204 калимаҳои «гардонидани» ва «гардонидан» мувофиқан ба калимаҳои «баргардонидани» ва «баргардонидан» иваз карда шаванд.

113. Дар моддаи 205:

- дар қисми якум калимаи «қонунҳо» ба калимаҳои «санадҳои қонунгузорӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаи «қонун» ба калимаҳои «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шавад.

**(Идома дар саҳ. 6)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 5)**

114. Дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 206 калимаи «(конференцияи)» ба калимаи «(конференсияи)» иваз карда шавад.

115. Дар матни моддаи 207 калимаҳои «(конференцияи)» ва «ассоциацияҳо» мувофиқан ба калимаҳои «(конференсияи)» ва «ассотсиатсияҳо» иваз карда шаванд.

116. Дар қисми чоруми моддаи 208 калимаи «миёнаравро» ба калимаи «миёнаравиро» иваз карда шавад.

117. Дар матни моддаи 209 калимаҳои «ҳукумати ноҳия ё шаҳр», «(низои», «оштидеҳ» ва «қонунро» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «(низои)», «оштидиҳӣ» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро» иваз карда шаванд.

118. Дар қисми якуми моддаи 210 калимаҳои «қонунҳо ва дигар санади меъёрии» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

119. Дар моддаи 211:

- дар қисми якум калимаҳои «(митинг, намоиш ва иқдомҳои дигари оммавӣ)-ро» ба калимаҳои «(гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва чорабиниҳои дигар)-ро» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «(конференцияи)» ва «конференция» мувофиқан ба калимаҳои «(конференсияи)» ва «конференсия» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаи «ашхосе» ба калимаи «шахсоне» иваз карда шавад;

- дар қисми панҷум калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад.

120. Дар моддаи 213:

- дар номи модда калимаи «қонун» ба калимаи «қонунгузорӣ» иваз карда шавад;

- дар қисмҳои якум ва дуюм калимаҳои «маоши ҳадди ақал» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

121. Дар моддаи 214:

- дар қисми дуюм калимаи «мардумро» ба калимаи «кормандонро» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаи «мулкдор» ба калимаи «соҳибмулк» иваз карда шавад;

- дар қисми чорум калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад;

- дар қисми панҷум калимаҳои «ин Кодекс» ва «қонунгузории амалкунанда» мувофиқан ба калимаҳои «ҳамин Кодекс» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

122. Дар қисми дуюми моддаи 215 калимаи «ашхосе» ба калимаи «шахсоне», калимаҳои «мадохилот аз» ва «мадохилоти» ба калимаи «маблағҳои», калимаҳои «қонун» ва «Қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

123. Дар қисми якуми моддаи 216 калимаҳои «қонун ва санадҳои меъёрии», «Қонуни» ва «қонун» мувофиқан ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии», «қонунгузории» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

124. Номи боби 18 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**БОБИ 18. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**».

125. Дар моддаи 225:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 225. Мақомоти назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат**»;

- дар қисми якум калимаҳои «қонунҳои» ва «инспексияҳои» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба» ва «нозироти» иваз карда шаванд;

- қисмҳои дуюм, сеюм ва чорум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнатро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат менамоянд.

Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ назорати дохилиидоравии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнатро аз ҷониби сохторҳо ва ташкилотҳои тобеашон амалӣ менамоянд.

Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнатро дар қаламрави Тоҷикистон Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд.».

126. Моддаи 226 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 226. Назорати давлатии пешбурди бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ**

Назорати давлатии риояи қоидаҳои пешбурди бехатарии корҳоро дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ дар баробари бозрасии техникии иттифоқи касаба, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ ва мақомоти маҳаллии он амалӣ менамоянд.».

127. Дар ном ва матни моддаи 227 калимаҳои «қонунҳои», «инспекторон» ва «инспекторони» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба», «нозирон» ва «нозирони» иваз карда шаванд.

128. Моддаи 228 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 228. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Кодекси мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Кодекси мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №778**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 30 ноябри соли 2011 №601**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №233**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №5, мод. 331; с.2010, №7, мод. 555) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Аз матни моддаи 1, ном ва қисмҳои 1, 3, 4 моддаи 3, матни моддаи 4, ном ва қисмҳои 1, 2 моддаи 5, номи боби 2, ном ва қисмҳои 1 ва 3 моддаи 6, қисмҳои 2 ва 4 моддаи 7, қисмҳои 3, 4, 5, 6, 7 моддаи 8, қисми 1 моддаи 9, қисмҳои 1, 2, 3, 7, 8, 10 моддаи 10, ном ва қисмҳои 1, 3, 4, 5, 6 моддаи 11, ном ва қисмҳои 1, 2 моддаи 13, номи моддаи 14, ном ва қисмҳои 1, 2, 3, 4, 5 моддаи 15, моддаи 16, қисмҳои 1, 2, 4 моддаи 18, ном ва қисмҳои 1, 2, 5, 6, 8, 9, 10 моддаи 19, қисмҳои 1, 2, 3 моддаи 21, ном ва қисмҳои 1, 3, 4, 7 моддаи 24, қисми 1 моддаи 25, қисмҳои 1, 2, 3, 4, 7, 8 моддаи 26, ном ва қисмҳои 1, 2, 3 моддаи 27, номи боби 5, ном ва қисмҳои 1, 2, 3, 4 моддаи 28, ном ва қисмҳои 1, 2, 3, 5, 6, 8, 9 моддаи 29, қисмҳои 1, 3, 4 моддаи 30, ном ва қисмҳои 1 ва 3 моддаи 31, моддаи 32, қисмҳои 1, 2, 3, 7, 8 моддаи 33, ном ва қисмҳои 1, 2 моддаи 34, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 36, қисми 2 моддаи 37, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 38, қисмҳои 1 ва 3 моддаи 39, моддаи 40, қисмҳои 1, 2, 3 моддаи 41, қисмҳои 2, 3 моддаи 42, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 43, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 44, қисмҳои 1, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10 моддаи 45, қисмҳои 1, 2 моддаи 46, қисми 1 моддаи 47, қисмҳои 1, 2, 4, 8, 10, 11 моддаи 48, ном ва қисми 1 моддаи 49, моддаи 50, ном ва қисмҳои 1, 3, 4 моддаи 51, қисмҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 8, 9 моддаи 52, моддаи 53, қисми 1 моддаи 54, қисмҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 12 моддаи 55, қисмҳои 1, 2, 3, 4 моддаи 56 калимаҳои «(кредитӣ)», «(кредитии)», «(кредитие)», «(кредит)», «(кридитӣ)», «(кредитиро)», «(кредитҳо)», «(кредитҳои)», «(КРЕДИТӢ)», «(кредитдиҳӣ)», «(кредите)», «(кредитгир)», «(кредити)», «(кредитро)», «(пруденсиалӣ)», «(пруденсиалии)» хориҷ карда шаванд.

2. Дар моддаи 1:

- аз қисми 1 рақами «1.» хориҷ карда шавад;

- дар сархати якум калимаи «бонкие» ба калимаҳои «бонкӣ ва аҳдҳое» иваз карда шавад;

- аз сархати дуюм калимаи «(системаи)» хориҷ карда шавад;

- сархатҳои сеюм ва чорум дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«- **ташкилотҳои қарзӣ** - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд;

- **бонк** – ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад;»;

- дар ҷумлаи дуюми сархати панҷум пас аз калимаи «ғайрибонкӣ» калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва» илова карда шаванд;

- сархатҳои чордаҳум, понздаҳум, шонздаҳум, ҳабдаҳум, ҳаждаҳум ва нуздаҳум дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«-**қарз** - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода шудааст;

- **амонат** - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;

- **пасандоз** - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;

- **резидентҳо** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ҳамин сифат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» эътироф шудаанд;

- **ғайрирезидентҳо** - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки резидент намебошанд;

- **шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод**- шахси воқеие, ки:

а) бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноятҳои қасдонаи (аз ҷумла хусусияти коррупсионӣ дошта) ба амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда аз озодӣ маҳрум нашуда бошад;

б) аз тарафи суд дар давоми ҳафт соли охир муфлис эътироф нашуда бошад;

в) аз тарафи суд барои кирдори амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда, аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё аз ишғоли мансабҳои муайян маҳрум нашуда бошад;»;

- аз банди г) сархати бисту якум калимаҳои «ин шахси ҳуқуқӣ ва корманди роҳбарикунандаи он» хориҷ карда шаванд;

- дар сархати бисту сеюм калимаи «савдо» ба калимаҳои «аҳдҳои тиҷоратӣ» иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 3:

1) дар қисми 1:

- аз банди в) сархати дуюм калимаҳои «маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла» хориҷ карда шаванд;

- дар банди а) сархати чорум калимаҳои «сертификатҳои амонатӣ» ба калимаҳои «тасдиқномаҳои пасандозӣ» иваз карда шаванд;

- банди в) сархати чорум хориҷ карда шавад;

- бандҳои г) ва ғ) мувофиқан бандҳои в) ва г) ҳисобида шаванд;

- сархати шашум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла: кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра);».

2) дар қисми 2 калимаи «амалиёте» ба калимаҳои «амалиёти ҷудогонае» иваз карда шавад.

4. Дар сархати чоруми қисми 1 моддаи 9, сархати сеюми қисми 7 моддаи 10 ва қисми 9 моддаи 26 калимаи «коршоям» ба калимаи «босалоҳият» иваз карда шавад.

5. Дар моддаи 11:

- номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 11. Филиалҳо ва воҳидҳои дигари сохтории ташкилотҳои қарзӣ**»;

- дар сархати якуми қисми 1 калимаҳои «тариқи нотариалӣ тасдиқгардидаи» ба калимаҳои «бо мӯҳр ва имзои роҳбари ташкилоти қарзӣ тасдиқгардидаи» иваз карда шаванд;

- дар сархати сеюми қисми 3 калимаҳои «ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳатмии иқтисодии Бонки миллии Тоҷикистон» ба калимаҳои «ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва меъёрҳои мақбул» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 14:

- қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Ташкилоти қарзӣ барои гирифтани розигии пешакӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон нусхаи қарори мақоми дахлдори худро дар бораи таъсиси филиал, намояндагӣ, бонки фаръӣ ва таъини роҳбарони онҳо пешниҳод менамояд.»;

- қисми 2 қисми 3 ҳисобида шавад.

7. Дар қисмҳои 4 ва 5 моддаи 15 ва қисми 7 моддаи 18 калимаҳои «васоити ахбори умум» ба калимаҳои «воситаҳои ахбори омма» иваз карда шаванд.

8. Моддаи 17 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 17. Барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ**

Ташкилоти қарзӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» барҳам дода мешавад.».

9. Дар қисми 2 моддаи 18:

- сархати якум хориҷ карда шавад;

- сархати сеюм дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ.».

10. Дар моддаи 19:

- қисми 3 хориҷ карда шавад;

- қисми 4 қисми 3 ҳисобида шуда, дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи тағйир додани ҳадди ақалли сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ пас аз 90 рӯзи интишори расмии он мавриди амал қарор дода мешавад.»;

- дар қисми 9 калимаҳои «аз андозаи ҳадди ақал камшавии сармояи танзимшаванда» ба калимаҳои «риоя нашудани меъёри кифоятии сармоя» иваз карда шаванд;

- қисмҳои 5, 6, 7, 8, 9 ва 10 мувофиқан қисмҳои 4, 5, 6, 7, 8 ва 9 ҳисобида шаванд.

11. Дар моддаи 21:

- қисми 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«4. Шӯрои нозирон барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти қарзӣ ва назорати татбиқи он масъул буда, идоракунии онро назорат мекунад. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- муайян намудани ҳадафҳои фаъолияти ташкилоти қарзӣ ва дурнамои он;

- муқаррар намудани стандартҳои идоракунии хавфҳо ва ҳадди ақалли меъёрҳои мақбули дохилӣ;

- ошкор намудани хавфҳои асосие, ки ташкилоти қарзӣ дучори онҳо мегардад ва муқаррар кардани ҳадди ҷоизи ин хавфҳо;

- назорати тадбирҳое, ки мақоми иҷроияи ташкилоти қарзӣ барои ошкор, андозагирӣ, мониторинг ва назорати хавфҳо меандешад;

- нигаҳдории низоми мувофиқу босамари назорати дохилӣ, инчунин мониторинги самарабахшии низоми назорати дохилии аз тарафи мақоми иҷроияи ташкилоти қарзӣ амалишаванда;

- муқаррар намудани сиёсати дохилӣ ва сармоягузорӣ, низоми назорати дохилӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ;

- маъқул донистани ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани аъзои Раёсат ва кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ бо пешниҳоди раис ё раиси Раёсати ташкилоти қарзӣ, ба истиснои роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти қарзӣ;

- тасдиқи сохтори ташкилӣ ва таъини роҳбари сохтори аудити дохилии (сараудитори) ташкилоти қарзӣ;

- муайян кардани шартҳо ва андозаи музди меҳнати раис, муовинони ӯ ва сараудитори ташкилоти қарзӣ;

- таъсис ва барҳамдиҳии филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилоти қарзӣ;

- баррасии натиҷаҳои аудит ва санҷиши дохилию берунӣ.»;

- ҷумлаи якуми қисми 6 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Шӯрои нозирон метавонад аз ҳисоби саҳмиядорон (иштирокчиён), аз ҷумла муассисон ва мутахассисон-коршиносони даъватшудае, ки дорои таҳсилоти олӣ буда, шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошанд, интихоб гардад.»;

- қисми 7 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«7. Аъзои Шӯрои нозирон наметавонанд:

- дар ягон ташкилоти қарзии дигар, ба истиснои ҷамъияти вобаста, кор кунанд;

- аъзои оилаи узви Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бошанд;

- аъзои Шӯрои нозирон ё саҳмиядори (иштирокчии) дигар ташкилоти қарзӣ бошанд;

- раис ё узви Раёсати ташкилоти қарзӣ бошанд;

- хизматчии давлатӣ бошанд;

- синнашон аз сӣ кам бошад.».

12. Моддаҳои 22 ва 23 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«**Моддаи 22. Мақомоти иҷроияи ташкилоти қарзӣ**

1. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории ташкилоти қарзӣ аз ҷониби мақоми иҷроияи он - Раёсат (мақоми дастаҷамъии иҷроия) ё раиси ташкилоти қарзӣ (мақоми инфиродии иҷроия) ё Раёсат ва раиси ташкилоти қарзӣ амалӣ мегардад. Агар Раёсат ва раиси ташкилоти қарзӣ дар як вақт ҳамчун мақоми иҷроия таъсис дода шаванд, он гоҳ раиси ташкилоти қарзӣ вазифаи раиси Раёсати онро иҷро менамояд.

2. Мақоми иҷроияи ташкилоти қарзӣ аз ҷониби Шӯрои нозирон таъсис дода шуда, он барои иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррӯзаи ташкилоти қарзӣ масъул мебошад. Ҳайати Раёсати ташкилоти қарзӣ набояд аз се нафар кам бошад.

3. Раис ва узви Раёсати ташкилоти қарзӣ наметавонанд узви Шӯрои нозирон интихоб гарданд.

4. Раёсати ташкилоти қарзӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- татбиқи самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти қарзӣ;

- таъмини риояи меъёрҳои идоракунии корпоративӣ ва талаботи идоракунии хавфҳои ташкилоти қарзӣ;

- таъмини сатҳи зарурии низоми идоракунии ташкилоти қарзӣ, ки масъулият, ваколат ва муносибатҳои байниҳамдигарии сохторҳои дохилӣ, шахсони мансабдор ва кормандони дигари ташкилоти қарзиро муқаррар менамояд;

- ташкили низоми назорати дохилии ташкилоти қарзӣ, мониторинги мутобиқат ва самаранокии он;

5. Раиси ташкилоти қарзӣ ваколатҳои зеринро ба зимма дорад:

- аз номи ташкилоти қарзӣ бе ваколатнома баромад карда, онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ намояндагӣ мекунад, шартномаҳо мебандад;

- кормандони ташкилоти қарзиро ба кор қабул ва аз кор озод мекунад;

- дар ҷаласаҳои Раёсати ташкилоти қарзӣ раисӣ мекунад;

- ба қарорҳо ва протоколҳои маҷлисҳои Раёсати ташкилоти қарзӣ, имзо мегузорад;

- вазифаҳоро дар байни муовинон тақсим мекунад;

- фармону амрҳо медиҳад, ки иҷрояшон барои кормандони ташкилоти қарзӣ ҳатмӣ мебошад;

- шартҳо ва андозаи музди меҳнати кормандони ташкилоти қарзиро, ба истиснои раис, муовинони раис ва сараудитори ташкилоти қарзӣ муайян мекунад;

- барои фаъолияти ташкилоти қарзӣ пурра масъул мебошад;

- масъалаҳои дигари фаъолияти ташкилоти қарзиро, ки ба салоҳияти Раёсат, Шӯрои нозирон ва Маҷлиси умумии саҳмиядорони (иштирокдорони) ташкилоти қарзӣ тааллуқ надоранд, баррасӣ мекунад.

6. Ҳангоми аз ҷониби як шахс таъсис додани ташкилоти қарзӣ ҳамин шахс наметавонад раис ё раиси Раёсати ташкилоти қарзӣ бошад.

**Моддаи 23. Тартиби интихоб ва ба вазифа таъин кардани кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ**

1. Кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон баъди аз санҷиши тахассусӣ гузаштани онҳо ба вазифа таъин карда мешаванд. Тартиби гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Аъзои Раёсати ташкилоти қарзиро Шӯрои нозирон интихоб намуда, раиси ташкилоти қарзӣ ва раиси Раёсати онро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

3. Муовини раиси ташкилоти қарзӣ ва сармуҳосибро раиси ташкилоти қарзӣ бо ҷонибдории Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

4. Роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти қарзӣ аз ҷониби раис ё раиси Раёсати ташкилоти қарзӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

5. Кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз рӯи ихтисос дар низоми бонкӣ, ки на камтар аз се соли онро собиқа дар вазифаҳои роҳбар ё муовини роҳбари воҳидҳои сохтории иқтисодӣ ташкил диҳад - барои аъзои Раёсат, раис, муовини вай, сармуҳосиб;

- дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва собиқаи кории на камтар аз сесола аз рӯи ихтисос дар сохторҳои иқтисодии низоми бонкӣ ё таҳсилоти дигари олӣ ва собиқаи кории на камтар аз даҳсола дар сохторҳои иқтисодии низоми бонкӣ - барои роҳбар ва сармуҳосиби филиал;

- шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод бошанд;

- оид ба қонунгузории бонкӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дониши кофӣ дошта бошанд;

- корманди ташкилоти дигари қарзӣ набошанд;

- дар ҳамин ташкилоти қарзӣ пурра ва дар як вазифа кор кунанд;

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ кунанд.

6. Ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст, ки Бонки миллии Тоҷикистонро дар бораи аз вазифа озод кардани кормандони роҳбарикунанда на дертар аз се рӯзи баъди қабули қарори дахлдор хабардор намояд.

7. Корманди роҳбарикунанда, ки бинобар татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилоти қарзӣ аз вазифа озод шудааст, ҳуқуқи ишғоли минбаъдаи вазифаи корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзиро надорад.

8. Роҳбар, муовини роҳбари мақоми иҷроия ё сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ, ки дар давраи фаъолият кардан иҷозатномаи ташкилоти қарзиашон бинобар татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба он бозхонд шудааст, наметавонанд минбаъд вазифаҳои корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзиро ишғол намоянд.».

13. Дар моддаи 24:

- дар қисми 6 калимаи «хадамоти» ба калимаи «сохтори» иваз карда шавад;

- дар қисми 7 рақами «22» ба рақами «23» иваз карда шавад.

14. Дар моддаи 25:

- дар қисми 1 калимаҳои «ва аҳли оилааш,» ба калимаҳои «, аъзои оила ва шахсони дигаре, ки бо ӯ хоҷагии умумӣ доранд» иваз карда шаванд;

- қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Ҳангоми аз ҷониби Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ ё мақоми дигари ваколатдори он баррасӣ гардидани масъалаи вобаста ба манфиатҳои шахсии молиявии корманди роҳбарикунанда ӯ ҳуқуқ дорад дар чунин баррасӣ иштирок намояд.».

15. Дар моддаи 26:

- ба қисми 3 сархати ҳаштум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- хулосаи пешакии хаттии ташкилоти қарзӣ;»;

- дар қисми 6 калимаҳои «қарзӣ (кредитӣ) ё манфиатҳои амонатгузорон ё ташкилоти қарзиро (кредитиро)» ба калимаҳои «қарзӣ ё манфиатҳои амонатгузорону пасандоздорон ва қарздеҳонро» иваз карда шаванд.

16. Дар моддаи 28:

- сархати дуюми қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- ҳангоми пастшавии арзиши дороиҳо фонди ҷуброни талафоти имконпазирро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил намоянд;»;

- ба қисми 2 сархатҳои панҷум ва шашум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- барои иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳо ва ҷуброни зиён захираи кофӣ дошта бошанд;

- бо мақсади кам кардани хавфҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон низоми худии идоракунии хавфҳо ва назорати дохилиро ташкил намоянд;».

- қисми 5 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«5. Агар ба раиси ташкилоти қарзӣ маълум гардад, ки меъёри кифоятии сармояи ташкилоти қарзӣ аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон кам гардидааст, ӯ бояд дар ин хусус дар шакли хаттӣ фавран ба Бонки миллии Тоҷикистон хабар диҳад.»

17. Дар моддаи 29:

- сархати дуюми қисми 1 хориҷ карда шавад;

- дар қисми 5 пас аз калимаи «амонат» калимаҳои «ва пасандоз» илова карда шаванд;

- сархати дуюми банди б) қисми 9 хориҷ карда шавад.

18. Дар моддаи 30:

- дар қисми 1:

- сархати якум хориҷ карда шавад;

- аз сархати дуюм калимаи «калони» хориҷ карда шавад;

- қисми 2 хориҷ карда шавад;

- дар қисми 3 калимаҳои «қисмҳои 1 ва 2» ба калима ва рақами «қисми 1» иваз карда шаванд;

- қисмҳои 3 ва 4 мувофиқан қисмҳои 2 ва 3 ҳисобида шаванд.

19. Дар моддаи 31:

- ба қисми 1 сархати чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- мӯҳлати қарз, барасмиятдарории он ва сифати гарав аз қарзҳои мавҷуда моҳиятан фарқ дошта бошанд;»;

- қисми 2 хориҷ карда шавад;

- қисми 3 қисми 2 ҳисобида шавад.

20. Дар моддаи 33:

- қисмҳои 4 ва 5 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«4. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад соҳиби молу мулки ғайриманқул гардад, ба истиснои молу мулки ғайриманқуле, ки барои таъмини фаъолияти худ ва эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандон, аз ҷумла таъмини онҳо бо манзил зарур аст.

5. Ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст ҳар гуна молу мулки ғайриманқулеро, ки дар рафти гузаронидани амалиёти бонкӣ ба моликияташ гузаштааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати кӯтоҳ (на дертар аз се моҳ) ва дар ҳар сурат, дар мӯҳлати на дертар аз ду соли баъди ба даст оварданаш фурӯшад.»;

- қисми 6 хориҷ карда шавад;

- дар қисми 7 калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад;

- қисмҳои 7 ва 8 мувофиқан қисмҳои 6 ва 7 ҳисобида шаванд.

21. Моддаи 35 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 35. Аҳд ва амалиёти шубҳанок**

1. Ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст дар бораи иҷрои ҳама гуна аҳд ва амалиёти шубҳаноки муштариёни худ (кӯшиши анҷом додани аҳд ва амалиёти шубҳанок) фавран ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо тартиби муқарраршуда хабар диҳад.

2. Аз ҷониби ташкилоти қарзӣ тибқи қисми 1 моддаи мазкур ифшо намудани маълумот риоя нашудани талаботи сирри бонкӣ ҳисоб наёфта, ташкилоти қарзӣ барои амали мазкур ҷавобгар намебошад.».

22. Дар моддаи 36:

- ба номи модда пас аз калимаи «Маҳдудияти» калимаҳои «амалиёт бо» илова карда шаванд;

- ба қисми 1 пас аз калимаи «диҳад» калимаҳои «ё дигар ӯҳдадориҳоро ба зимма гирад» илова карда шаванд.

23. Қисми 1 моддаи 37 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Суратҳисоби бонкие, ки соҳибаш дар давоми даҳ соли охир ба он ягон хел таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст, ба истиснои суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ, суратҳисоби ғайрифаъол дониста шуда, маблағи он бо риояи қоидаҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда нигоҳ дошта мешавад.».

24. Қисми 1 моддаи 42 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Ташкилоти қарзӣ бояд қоидаҳо ва низоми ҳисобдорӣ, аз ҷумла баҳисобгирии ҳаррӯзаи даромаду хароҷотро риоя намояд.».

25. Дар моддаи 45:

- ба қисми 5 пас аз калимаи «амонат» калимаҳои «ва пасандоз» илова карда шаванд;

- дар қисми 8 калимаҳои «панҷ сол бе розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистон» ба калимаҳои «се сол» иваз карда шаванд;

- қисми 11 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«11. Ташкилоти қарзӣ дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди дастрасии хулосаи аудиторӣ ва тавсияномаи ташкилоти аудиторӣ нусхаи онҳоро ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол менамояд. Ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст, ки бо назардошти хулосаи аудиторӣ ҳисоботи молиявии ислоҳшудаaро ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.»;

- қисми 13 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«13. Пешниҳод кардани хулосаи аудитории носаҳеҳ ва ё муносибати ғаразноки ташкилоти аудиторӣ бо ташкилоти қарзӣ сабаби хориҷ кардани ташкилоти аудиторӣ аз рӯйхати Бонки миллии Тоҷикистон мегардад.».

26. Дар моддаи 46:

- ба қисми 1 сархати чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«-таъмини иштироки намояндагон барои баррасии хулосаи аудитории ташкилоти қарзӣ бо даъвати Бонки миллии Тоҷикистон;»;

- дар қисми 2 калимаҳои «вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои» ба калимаҳои «иҷрои ӯҳдадориҳои иловагӣ» иваз карда шаванд.

27. Дар моддаи 48:

- сархати чоруми қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- ба судҳо - дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя);»;

- дар сархати панҷуми қисми 3 пас аз калимаҳои «қарори иҷрочии суд» калимаҳои «вобаста ба ҳуҷҷати иҷро» илова карда шаванд;

- дар сархати шашуми қисми 3 калимаҳои «Бюрои таърихи қарз (кредит)» ба калимаҳои «бюрои таърихи қарз» иваз карда шаванд;

- сархати ҳафтуми қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба муштариёни ташкилоти қарзӣ - дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя) мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;»;

- қисми 9 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«9. Маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ ё маблағҳои ва дороиҳои дигари дар ташкилотҳои қарзӣ нигоҳдошташаванда дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя), қарори иҷрочии суд вобаста ба ҳуҷҷати иҷро ҳабс карда мешаванд.».

28. Дар ном ва матни моддаи 53 калимаи «ислоҳнамоӣ» ба калимаи «ислоҳӣ» иваз карда шавад.

29. Дар қисми 1 моддаи 54 калимаи «ислоҳнамоӣ» ба калимаҳои «фаврии ислоҳӣ» иваз карда шавад.

30. Аз моддаи 55 қисми 10 хориҷ карда шуда, қисмҳои 11 ва 12 мувофиқан қисмҳои 10 ва 11 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №782**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 12 октябри соли 2011 № 542**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 №223**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- сархати якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- **коррупсия** – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;»;

- дар сархати чорум калимаҳои «, шахсоне, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд» ва «моддӣ ва ғайримоддиро» мувофиқан ба калимаҳои «ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда» ва «моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигарро» иваз карда шаванд;

- сархати панҷум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- **шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор** – шахсоне, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансабҳои давлатии хизмати давлатиро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамоянд, ҳамчунин шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи моликияти онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад; »;

- сархати шашум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- **шахсони ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробаркардашуда** – шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, шахсоне, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати номзад ба ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ ё аъзои мақомоти давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳамчунин шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд;»;

- дар сархати ҳаштум баъд аз калимаи «қудоҳо,» калимаҳои «келинҳо, домодҳо,» илова карда шаванд.

2. Дар моддаи 4:

- сархатҳои якум ва дуюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- баробарии ҳама дар назди қонун ва суд;»;

- ба сархати якум баъд аз калимаи «қонуният» калимаи «, шаффофият» илова карда шавад;

- сархати чорум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«-ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;»;

- сархатҳои панҷум ва шашум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- манъ будани иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар ҳолати бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ;

- роҳ надодан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ;»;

- дар сархати ҳаштум баъд аз калимаҳои «ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта,» калимаҳои «ошкор ва муайян намудани шахсони онҳоро тайёркунанда, тайёркарда, содиркунанда ё содиркарда,» илова карда шаванд;

- сархати нӯҳум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- таъмини амнияти шахсӣ ва кафолати ҳуқуқии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат менамоянд;»;

- сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ.».

3. Дар қисми 3 моддаи 5 калимаҳои «худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

4. Ба Қонун моддаи $6^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $6^1$. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия**

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия дар асоси принсипҳои ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақсадҳои пешгирии коррупсия ва мубориза бо он ҳамкориро бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд.».

5. Дар сархатҳои дуюм ва шашуми қисми 2 моддаи 8 калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад.

6. Дар қисми 1 моддаи 11:

- дар сархати чорум калимаи «амволӣ» ба калимаҳои «молумулкӣ» ва калимаҳои «мансабдори боломақом» ба калимаҳои «мансабдори болоӣ» иваз карда шаванд;

- баъд аз сархати ҳаштум сархатҳои нав бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- ғайриқонунӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб намудани иҷрои шартҳои иловагӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигари бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбининагардида, ба вуҷуд овардани дигар монеаҳои сунъӣ ва ғайриқонунӣ зимни таъин (интихоб) намудан ва (ё) пешбарӣ намудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузорӣ, ҷойивазкунӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва дар мавриди амалӣ намудани дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои хизматчии давлатӣ;

- ҳангоми амалӣ намудани фаъолият ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мансабӣ аз рӯи ғараз ва манфиати шахсӣ қабул намудани қарорҳо ва дигар санадҳои ғайриқонунӣ, содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла оиди ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани шахс ва дигар амалҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро поймол мекунанд ва ба онҳо зарар мерасонанд;».

7. Дар моддаи 12:

- дар қисми 1:

- дар сархати дуюм калимаҳои «мансабдори боломақом» ба калимаҳои «мансабдори болоӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархатҳои сеюм ва шашум калимаҳои «амволи» ва «амвол» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки» ва «молу мулк» иваз карда шаванд;

- дар сархати ҳаштум калимаҳои «ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ба калимаҳои «ва ҳизбҳои сиёсӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархати нӯҳум калимаҳои «ва назоратӣ» ба калимаҳои «, назоратӣ ва суд» иваз карда шаванд;

- дар сархати ёздаҳум калимаҳои «дахолат ба фаъолият, вайрон намудани мустақилият ва ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор,» ба калимаҳои «ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, риоя накардани мустақилият ва ҳуқуқу манфиатҳои онҳо» иваз карда шаванд;

- дар сархати дувоздаҳум калимаҳои «ғайриқонунӣ хориҷ намудан» ба калимаҳои «ғайриқонунӣ аз ҳисоб баровардан», калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» ва калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шаванд;

- дар сархати понздаҳум калимаи «қарордодҳо» ба калимаи «шартномаҳо», калимаҳои «хориҷ кардан» ба калимаҳои «аз ҳисоб баровардан» ва калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шуда, баъд аз калимаҳои «ба ин восита ба» калимаи «манфиатҳои» илова карда шавад;

- дар сархати нуздаҳум баъд аз калимаҳои «мавҷуд аст» калимаҳои «, сарфи назар аз натиҷаҳои он» илова карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» ба калимаҳои «Кодекси ҳуқуқвайронкуниии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

8. Дар моддаи 13:

- номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Ҷавобгарӣ барои дастаҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ**»;

- дар қисми 1 калимаҳои «мақомоти коллегиалӣ» ба калимаҳои «мақоми дастаҷамъӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаи «коллегиалӣ» ба калимаи «дастаҷамъӣ» иваз карда шавад.

9. Дар қисми 1 моддаи 14 калимаи «ғаразноки» хориҷ карда шуда, баъд аз калимаҳои «баробар кардашуда» калимаҳои «бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва» илова ва калимаи «хизматрасонӣ» ба калимаҳои «имтиёзҳои дигар» иваз карда шаванд.

10. Дар ном ва матни моддаи 15 калимаҳои «амволи» ва «Амвол» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки» ва «Молу мулк» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №772**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 16 ноябри соли 2011 №565**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №244**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод.177) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Номи боби 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 1. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОИЛА»**

2. Дар моддаи 1:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 1. Заминаҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила»;**

- дар қисми 2 калимаҳои «Қонуни оила» ба калимаҳои «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила» иваз карда шаванд.

3. Дар ном ва матни моддаи 2 калимаҳои «қонунҳои оила» ва «Қонунҳои оила» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила» ва «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 3:

- ном ва қисми 1 модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила**

1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.»;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавие, ки дар санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, бояд ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мазкур мутобиқ бошанд.».

5. Дар ном ва матни моддаи 4 калимаҳои «қонунҳои», «Қонунҳои» ва «қонунҳои оила» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории», «Қонунгузории» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 5 калимаҳои «қонунҳои оила» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 6 калимаҳои «қонунҳои оила» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила» иваз карда шаванд.

8. Дар номи боби 2 калимаи «Ҳифзи» ба калимаи «Ҳимояи» иваз карда шавад.

9. Дар қисми 2 моддаи 8 калимаи «усулҳои» ба калимаи «тартиби» иваз карда шавад.

10. Дар қисми 1 моддаи 10 калимаҳои «ба ҷо оварда» ба калимаи «баста» иваз карда шаванд.

11. Дар қисми 1 моддаи 11 пас аз калимаи «Қайди» калимаи «бастани» илова карда шавад.

12. Ба моддаи 14 баъди сархати якум сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ);».

13. Дар қисми 1 моддаи 15 калимаҳои «давлатии тандурустии маҳали истиқомати» ба калимаҳои «давлатии нигаҳдории тандурустии маҳалли истиқоматии» иваз карда карда шаванд.

14. Дар ном ва қисми 2 моддаи 32 калимаҳои «Баробарии» ва «баробарии» мувофиқан ба калимаҳои «Баробарҳуқуқии» ва «баробарҳуқуқии» иваз карда шаванд.

15. Дар моддаи 35:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки дар моликияти муштараки зану шавҳар қарор дорад, танҳо бо розигии мутақобилаи онҳо сурат мегирад.»;

- дар қисми 3 калимаҳои «Барои анҷоми муомилоти вобаста бо ихтиёрдории» ба калимаҳои «Барои ба анҷом расонидани муомилот вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани» иваз карда шаванд.

16. Дар қисми 3 моддаи 46 калимаи «буда» ба калимаҳои «қарордошта» иваз карда шавад.

17. Дар қисми 2 моддаи 47 пас аз калимаи «аҳдномаи» калимаи «никоҳи» илова карда шавад.

18. Дар қисми 2 моддаи 49 пас аз калимаҳои «бо ҳам ақди никоҳи» калимаҳои «дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ» илова карда шаванд.

19. Матни моддаи 54 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Агар муқаррар намудани ҳуқуқи падарӣ мувофиқи тартиби пешбининамудаи моддаҳои 50 ва 51 Кодекси мазкур сурат гирифта бошад, фарзандон нисбат ба падару модар ва хешу ақрабояшон дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳое мебошанд, ки кӯдакони аз шахсони бо ҳам ақди никоҳбаста доранд.».

20. Дар қисми 2 моддаи 56 калимаи «ҳабс» ба калимаҳои «ба ҳабс гирифтан» иваз карда шавад.

21. Дар моддаи 57:

- дар қисми 1 пас аз калимаи «манфиатҳои» калимаи «қонунии» илова карда шавад;

-дар қисми 2 калимаҳои «ё аз ҷумла иҷро накардан ё иҷрои номатлуби» ба калимаҳои «аз ҷумла иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани» иваз карда шаванд.

22. Дар қисми 2 моддаи 61 калимаҳои «мукаллафияти пурра» ба калимаҳои «қобилияти пурраи амал» иваз карда шаванд.

23. Дар қисми 3 моддаи 67 калимаҳои «қонунҳои мурофиаи граждани» ба калимаҳои «қонунгузории мурофиавии гражданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

24. Дар қисми 2 моддаи 68 калимаҳои «ба тарбияи мақоми васояту парасторӣ» ба калимаҳои «барои бо таълиму тарбия фаро гирифтан ба мақомоти васояту парасторӣ» иваз карда шаванд.

25. Аз қисми 4 моддаи 70 калимаҳои «ё парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунад» хориҷ карда шаванд.

26. Дар қисми 6 моддаи 71 калимаҳои «падару модараш» ба калимаҳои «падару модарӣ» иваз карда шаванд.

27. Дар қисми 2 моддаи 73 калимаҳои «аз онҳо новобаста» ба калимаҳои «ба онҳо вобаста набуда» иваз карда шаванд.

28. Қисми 4 моддаи 74 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Кӯдаке, ки аз падару модар гирифта шудааст, барои бо таълиму тарбия фаро гирифтан ба мақомоти васояту парасторӣ супорида мешавад.».

29. Дар қисми 1 моддаи 79 калимаҳои «қонунҳои мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» иваз карда шаванд.

30. Дар қисми 1 моддаи 86 калимаҳои «давлатии таҳсилоти миёна ва олӣ» ба калимаҳои «таҳсилоти миёна ва олии касбӣ» иваз карда шаванд.

31. Дар қисми 4 моддаи 88 пас аз калимаи «фарзандони» калимаи «болиғи» илова карда шавад.

32. Дар матни моддаи 106 калимаҳои «тартиби индексатсия» ба калимаҳои «тартиби дигари индексатсияи андозаи алимент» иваз карда шаванд.

33. Дар номи моддаи 108 калимаҳои «барои алимент» ба калимаҳои «барои гирифтани алимент» иваз карда шаванд.

34. Дар қисми 6 моддаи 114 калимаҳои «қонунҳои мурофиаи гражданӣ» ба калимаҳои «қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

35. Дар қисми 2 моддаи 116 калимаи «даҳ» ба рақами «0,1» иваз карда шавад.

36. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 117 калимаҳои «маълумоти ғалат» ба калимаҳои «маълумоти бардурӯғ» иваз карда шаванд.

37. Дар қисми 2 моддаи 118 калимаҳои «мақсади индексатсия» ба калимаҳои «мақсади индексатсияи пардохти алимент» иваз карда шаванд.

38. Дар қисми 2 моддаи 122 калимаҳои «бо ҳамин Кодекс» ба калимаҳои «тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур» иваз карда шаванд.

39. Дар қисми 2 моддаи 143 калимаҳои «кӯдак ба тарбияи» ба калимаҳои «кӯдак барои бо таълиму тарбия фаро гирифтан ба» иваз карда шаванд.

40. Дар қисми 1 моддаи 146 калимаҳои «қабули ҳалнома» ба калимаҳои «қабул гардидани ҳалномаи суд» иваз карда шаванд.

41. Дар қисми 3 моддаи 148 калимаҳои «суд ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон» ба калимаҳои «суд онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалашонро» иваз карда шаванд.

42. Моддаи $152^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $152^1$. Васоят (парасторӣ) нисбат ба кӯдаконе, ки падару модари онҳо муддати тӯлонӣ ғоибанд**

1. Васоят (парасторӣ) нисбат ба кӯдаконе, ки падару модари онҳо муддати тӯлонӣ (зиёда аз 3 моҳ) ғоибанд ё дар таълиму тарбияи хешу ақрабояшон қарор доранд, ки ин хешу ақрабо дорои ҳуҷҷати дахлдор нестанд, аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ таъин карда мешавад.

2. Мақомоти васояту парасторӣ шароити таъминот ва таълиму тарбияи кӯдакони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардидаро назорат мекунанд.

3. Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида ба зиммаи мақомоти васояту парасторӣ гузошта мешавад.».

43. Дар моддаи 153:

- сархатҳо бо аломати дефис «-» ишора карда шаванд;

- дар сархати чоруми қисми 1 калимаҳои «қонунгузории манзил» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба манзил» иваз карда шаванд.

44. Дар моддаи 154:

- сархатҳо бо аломати дефис «-» ишора карда шаванд;

- дар сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 калимаҳои «қонунгузории манзил» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба манзил» ва калимаҳои «қонунгузории меҳнат» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат» иваз карда шаванд.

45. Дар қисми 1 моддаи 156 калимаҳои «бартараф месозад» ба калимаҳои «озод менамояд» иваз карда шаванд.

46. Дар номи моддаи 158 калимаҳои «Шикоят ба» ба калимаҳои «Шикоят намудан оид ба» иваз карда шаванд.

47. Дар қисми 2 моддаи 167 калимаҳои «ҳар шахси» ба калимаҳои «ҳар як шахси» иваз карда шаванд.

48. Матни моддаи 170 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ақди никоҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 167 ва 169 Кодекси мазкур беэътибор дониста мешавад.».

49. Дар қисми 2 моддаи 171 калимаҳои «ҳолатҳои шаҳрвандӣ» ба калимаҳои «ҳолати шаҳрвандӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №791**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МИЛИТСИЯ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 3 октябри соли 2011 №531**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №221**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи милитсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 352; с. 2006, №3, мод. 148; с. 2007, №7, мод. 663; с. 2008, №6, мод. 450; с. 2009, №12, мод. 820; с. 2011, №3, мод. 156) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Сархати даҳуми моддаи 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-амалӣ намудани назорати муҳоҷират дар доираи салоҳияти худ, танзими масъалаҳои будубоши гурезаҳо ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд.».

2. Бандҳои 20) ва 21) қисми якуми моддаи 10 хориҷ карда шаванд.

3. Дар банди 22) қисми якуми моддаи 11:

- аз ҷумлаи якум калимаҳои «амалӣ гардидани фаъолияти меҳнатии онҳо» хориҷ карда шаванд;

-ҷумлаи дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Барои муваққатан нигоҳ доштани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки қоидаҳои будубошро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон намудаанд ва барои иқомати муваққатии шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, марказҳо таъсис диҳад;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №770**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2011 № 570**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 № 226**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 342; с. 2005, №12, мод. 631; с. 2007, №7, мод. 685; с. 2008, №10, мод. 806) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар муқаддима ва қисми якуми моддаи 54 калимаҳои «Ин Кодекс» ва «ин Кодекс» ба калимаҳои «Кодекси мазкур» иваз карда шаванд.

2. Номи бобҳо бо ҳарфҳои калон навишта, рақамҳои римӣ дар бобҳо ба рақамҳои арабӣ иваз карда шаванд.

3. Моддаи 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 2. Вазифаҳои Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазифаҳои Кодекси мазкур танзими таъмини ҳамлу нақли ҳавоӣ, корҳои авиатсионӣ, мудофиа ва амнияти давлат, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, бехатарии парвози ҳавопаймоҳо, амнияти авиатсионӣ ва муҳити зист мебошад.».

4. Дар қисми якуми моддаи 9, бандҳои 9) ва 10) моддаи 14, қисми дуюми моддаи 22, қисми якуми моддаи 29, қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи 43, қисми якуми моддаи 54, қисми дуюм, сархатҳои якум ва дуюми қисми шашуми моддаи 56, ном ва матни моддаи 57, банди 3) қисми дуюм ва қисми сеюми моддаи 77, қисми панҷуми моддаи 78, номи боби XV, ном ва матни моддаҳои 93, 94, 95, 96, матни моддаи 97, ном ва қисми якуми моддаи 98, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 99, ном ва матни моддаи 100, ном ва матни моддаи 101, матни моддаи 102, ном ва матни моддаи 103, қисми якуми моддаи 104, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 105, ном ва матни моддаи 106, номи боби XVII, қисмҳои якум ва сеюми моддаи 109, ном ва матни моддаи 110, ном ва матни моддаи 111, ном ва қисмҳои якум ва сеюми моддаи 112, ном ва матни моддаи 113, матни моддаи 114, ном ва матни моддаҳои 115, 116, 117, 118, 119, 120, матни моддаи 121, ном ва матни моддаи 123, ном, қисмҳои якум ва панҷуми моддаи 126, ном ва матни моддаи 127 калимаҳои «интиқолоти», «интиқоли», «интиқолот» «интиқолӣ», «интиқолоте», «интиқолотдиҳандагон», «Интиқолоти», «Интиқолдиҳанда», «Интиқоли», «Интиқолдиҳандагон», «интиқолдиҳанда», «интиқолиро», «интиқол» ва «интиқолдиҳандаро» мутаносибан ба калимаҳои «ҳамлу нақли», «ҳамлу нақли», «ҳамлу нақл», «ҳамлу нақлӣ», «ҳамлу нақле», «ҳамлу нақлдиҳандагон», «Ҳамлу нақли», «Ҳамлу нақлдиҳанда», «Ҳамлу нақли», «Ҳамлу нақлдиҳандагон», «ҳамлу нақлдиҳанда» «ҳамлу нақлиро», «ҳамлу нақл» ва «ҳамлу нақлдиҳандаро» иваз карда шаванд.

5. Моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 4. Қонунгузории фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қонунгузории фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.».

6. Моддаи 5 хориҷ карда шавад.

7. Ном ва матни моддаи 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 6. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Кодекси мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Кодекси мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

8. Дар моддаи 7 ва матни моддаи 123 калимаҳои «шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таври» ба калимаҳои «дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби» иваз карда шаванд.

9. Моддаи 8 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 8. Молу мулки авиатсия**

Молу мулки авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳавопаймоҳо, аэродромҳо, фурудгоҳҳо, воситаҳои техникӣ ва дигар воситаҳое, ки барои таъмини парвози ҳавопаймоҳо пешбинӣ шудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои гуногуни моликият вуҷуд дошта метавонад.

Молу мулки авиатсияи давлатӣ ва объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ танҳо дар шакли моликияти давлатӣ буда метавонанд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд дар моликияти шахсиашон ҳавопаймоҳои гражданӣ дошта бошанд.».

10. Дар қисми якуми моддаи 8, қисми якуми моддаи 9, банди 2) қисми дуюми моддаи 13, номи боби VIII, ном ва матни моддаи 43, ном ва матни моддаи 44, қисми сеюми моддаи 46, ном ва матни моддаҳои 48, 51, 52, матни моддаи 73, қисми дуюм ва сеюми моддаи 76, банди 1) қисми дуюми моддаи 77, матни моддаи 83, қисми шашуми моддаи 117 ва банди 1) қисми дуюми моддаи 118 калимаҳои «аэропортҳо», «аэропортҳои», «Аэропорт», «Аэропорти», «аэропортест», «аэропорти», «аэропорт», «аэропортро» ва «аэропортҳое» мутаносибан ба калимаҳои «фурудгоҳҳо», «фурудгоҳҳои», «Фурудгоҳ», «Фурудгоҳи», «фурудгоҳест», «фурудгоҳи», «фурудгоҳ», «фурудгоҳро» ва «фурудгоҳҳое» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 9 калимаи «двигателҳои» ба калимаи «муҳаррикҳои» иваз карда шавад.

12. Дар банди 3) моддаи 14, номи боби VI, ном ва матни моддаи 32, ном ва матни моддаҳои 33, 34, 35, матни моддаи 36, банди 2) қисми дуюми моддаи 60, ном ва матни моддаи 61, қисми якуми моддаи 63, матни моддаи 75, қисми сеюми моддаи 77, қисми якуми моддаи 78, қисми якуми моддаи 79, қисми якуми моддаи 80, ном ва қисми якуми моддаи 81, қисмҳои якум ва панҷуми моддаи 82, ном ва матни моддаи 84, қисми дуюми моддаи 85, қисми якуми моддаи 86, ном ва қисми якуми моддаи 87, банди 7) қисми дуюми моддаи 89, қисми якуми моддаи 90, банди 6) қисми якуми моддаи 100, қисми дуюми моддаи 108, ном ва матни моддаи 125 калимаҳои «экипажҳо», «Экипажи», «экипажи», «экипаж», «экипажҳои», «командири» ва «Командири» мутаносибан ба калимаҳои «ҳайатҳо», «Ҳайати», «ҳайати», «ҳайат», «ҳайатҳои», «сарнишини» ва «Сарнишини» иваз карда шаванд.

13. Дар моддаи 32 пас аз калимаҳои «ҳайати» ва «Ҳайати» калимаи «экипажи» хориҷ карда шавад.

14. Дар қисми дуюми моддаи 33, матни моддаи 35, матни моддаи 75, қисми сеюми моддаи 82, банди 2) қисми дуюми моддаи 89, қисми дуюми моддаи 117, қисмҳои якум ва чоруми моддаи 122, матни моддаи 123 ва қисми якуми моддаи 124 калимаҳои «амволи», «амволии», «амвол» ва «амволӣ», мутаносибан ба калимаҳои «молу мулки», «молу мулкии» «молу мулк» ва «молумулкӣ» иваз карда шаванд.

15. Дар банди 3) қисми якуми моддаи 34, қисми сеюми моддаи 47, қисми якуми моддаи 69, қисми дуюми моддаи 101 ва номи моддаи 118 калимаҳои «ҳақ» ва «ҳаққи» мутаносибан ба калимаҳои «ҳуқуқ» ва «ҳуқуқи» иваз карда шаванд.

16. Дар қисми сеюми моддаи 42 баъд аз калимаи «аҳмар» калимаҳои «тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд.

17. Қисми панҷуми моддаи 44 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Бақайдгирии давлатии аэродром ё фурудгоҳи гражданӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.».

18. Дар ном ва матни моддаи 55, ном, қисмҳои якум, дуюм ва шашуми моддаи 56, ном ва матни моддаи 58 калимаҳои «хусусии» ва «хусусӣ» мутаносибан ба калимаҳои «инфиродии» ва «инфиродӣ» иваз карда шаванд.

19. Дар қисмҳои якум, чорум ва шашуми моддаи 56, қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 72, матни моддаи 84, матни моддаи 106, қисми якуми моддаи 110, қисми сеюми моддаи 112, матни моддаи 116 ва қисми панҷуми моддаи 126 калимаҳои «шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст» иваз карда шаванд.

20. Дар сархати якуми қисми шашуми моддаи 56 ва қисми дуюми моддаи 121 калимаи «чизи» ба калимаи «муқаррароти» иваз карда шавад.

21. Дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 69, қисми панҷуми моддаи 72, қисми чоруми моддаи 122, қисми дуюми моддаи 123 ва қисми якуми моддаи 124 калимаи «ашхоси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шавад.

22. Дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 78, банди 2) қисми дуюми моддаи 99, банди 7) қисми якуми моддаи 100, ном ва қисми дуюми моддаи 111, ном ва матни моддаи 112, қисмҳои якум, чорум ва панҷуми моддаи 126 калимаҳои «ашёву анҷоме», «ашёву анҷоми» ва «ашёву анҷом» мутаносибан ба калимаҳои «ашёҳое», «ашёҳои» ва «ашёҳо» иваз карда шаванд.

23. Дар қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи 82, қисми якуми моддаи 90, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 91 калимаҳои «мақомоти худидораи маҳаллӣ» ва «Мақомоти худидораи маҳаллӣ» мутаносибан ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

24. Дар бандҳои 2) ва 3) қисми якуми моддаи 112 ва матни моддаи 113 калимаҳои «ҳадди ақали музди меҳнати» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

25. Дар қисмҳои якум, дуюм, сеюм, чорум ва ҳафтуми моддаи 117, банди 1) қисми якум ва банди 2) қисми дуюми моддаи 118, банди 1) қисми якуми моддаи 119 ва қисми якуми моддаи 120 калимаҳои «акти» ва «Акти» мутаносибан ба калимаҳои «санади» ва «Санади» иваз карда шаванд.

26. Дар қисмҳои панҷум, шашум ва ҳафтуми моддаи 117, ном ва матни моддаи 119, ном ва матни моддаи 120 ва матни моддаи 121 калимаҳои «эътироз» ва «эътирозро» мутаносибан ба калимаҳои «иддао» ва «иддаоро» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №775**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ КАРАНТИНИ РАСТАНӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 30 ноябри соли 2011 №595**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №240**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009 «Дар бораи карантини растанӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №3, мод. 91) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 5 баъд аз сархати чорум сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- шаффофиятро ҳангоми таҳия, қабул ва татбиқи чораҳои карантини фитосанитарӣ таъмин менамояд;».

2. Дар қисми панҷуми моддаи 10 калимаи «ҳамқурби» ба калимаи «ҳамарзиши» иваз карда шавад.

3. Ба Қонун моддаҳои $5^1$, $9^1$, $9^2$, $10^1$ ва $18^1$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«**Моддаи $5^1$. Назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ**

Назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ бояд бо тартиби зерин амалӣ карда шавад:

- бе ҳеҷ гуна таъхири беасос ва табъиз (дискриминатсия) аз назорати фитосанитарӣ гузаронидани маводи воридотии таҳтикарантинӣ;

- танҳо дар асоси далелҳо ва иттилооте, ки барои гузаронидани расмиёти назорат зарур мебошанд;

- ҳангоми огоҳ кардани дархосткунанда аз мӯҳлати анҷом ва натиҷаи расмиёти назорат, инчунин норасоиҳои имконпазири дар дархост ҷойдошта;

- таъмини ҳифзи иттилооти махфӣ;

- бо гирифтани намуна танҳо ба миқдоре, ки барои амалӣ намудани назорат ва сертификатсия зарур аст.

**Моддаи $9^1$. Таҳия ва қабули тадбирҳои карантини фитосанитарӣ**

Тадбирҳои карантини фитосанитарӣ дар ҳолатҳои зерин таҳия ва қабул мегарданд:

- танҳо дар доираи барои ҳифзи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридшавӣ ва паҳншавии организмҳои зараррасони карантинӣ, инчунин ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон зарурӣ;

- бо назардошти замина ва нишондодҳои илмии мавҷуда, стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ;

- дар асоси арзёбии хатар, ки мутобиқи методологияи ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад;

- бо мақсади роҳ надодан ба табъиз (дискриминатсия) - и худсарона ё беасос байни ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудуди дигар мамлакатҳо, инчунин байни ҳудудҳои шароити фитосанитариашон якхела ё монанд;

- бо тарзе, ки дар савдои байналмилалӣ боиси маҳдудияти ниҳонӣ нашавад.

Ҳангоми арзёбии хатар ва дар раванди таҳия ва қабули тадбирҳои карантини фитосанитарӣ мақоми ваколатдори давлатӣ нуқтаҳои зеринро бояд ба назар гирад:

- нишондодҳои илмӣ, раванд ва усулҳои муайяни истеҳсолот, тарзҳои назорат, интихоб ва озмоиши намунаҳо, мавҷудияти организмҳои зараррасони карантинӣ, мавҷудияти минтақаҳои аз организмҳои зараррасони карантинӣ озод ва ё минтақаҳои дорои сатҳи пасти паҳншавии организмҳои зараррасони карантинӣ, шароити муносиби муҳити атроф ва дигар тадбирҳо;

- нишондодҳои иқтисодӣ, аз ҷумла муайян намудани талафоти истеҳсолот ва савдо дар ҳолати воридшавӣ ва паҳншавии организмҳои зараррасони карантинӣ;

- хароҷоти назорат ва нобудсозии организмҳои зараррасони карантинӣ;

- самаранокӣ ва арзиши чораҳои дигари кам кардани хатар.

Ҳангоми мавҷудияти далелҳои кофии илмӣ барои арзёбии объективии хатар ё дар ҳолатҳои фавқулодда мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси нишондодҳои мавҷуда, аз ҷумла нишондодҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттилоот дар бораи тадбирҳои карантини фитосанитарии дигар мамлакатҳо, ҳуқуқи андешидани тадбирҳои муваққатии карантини фитосанитариро дорад.

Тадбирҳои карантини фитосанитарии қабулшаванда бояд ба шароити карантини фитосанитарии минтақае, ки маводи таҳтикарантинӣ истеҳсол шудааст ё ба минтақае, ки чунин мавод равона мегардад, мутобиқат кунанд. Дар рафти арзёбии шароити карантини фитосанитарӣ мақоми ваколатдори давлатӣ бояд ҳолати фитосанитарии растаниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мамлакати содиркунанда, мавҷудияти организмҳои зараррасони карантинӣ, мавҷудияти назорат ва нобудсозии организмҳои зараррасони карантинӣ ва мавҷудияти минтақаҳои аз организмҳои зараррасони карантинӣ озод ё дорои сатҳи пасти паҳншавӣ, инчунин принсипҳо ва меъёрҳои дастурии ташкилотҳои дахлдори байналмилалиро ба назар гирад.

Тадбирҳои карантини фитосанитарии қабулгардида сатҳи нисбатан баланди ҳифзи растаниҳоро аз организмҳои зараррасони карантинӣ ва ҳифзи ҳаёту саломатии инсонро нисбат ба сатҳе, ки дар натиҷаи қабули чораҳои ба стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ дарҷёфта ба даст омадааст, метавонанд таъмин намоянд, агар онҳо ба таври илмӣ асоснок шуда бошанд ё ба ин сатҳи муҳофизат мувофиқат намоянд.

Ҳангоми қабули чораҳои карантини фитосанитарӣ, аз ҷумла чораҳои муваққатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ бояд нишондодҳои нави илмиро ба инобат гирад.

**Моддаи $9^2$. Пешниҳоди иттилоот**

Мақоми ваколатдори давлатӣ тавассути маркази ягонаи иттилоотӣ ба тарафҳои манфиатдор тибқи созишномаҳои байналмилалӣ бояд иттилоот, ҳуҷҷатҳо ва маълумотро оид ба масъалаҳои зерин пешниҳод намояд:

- тадбирҳои карантини фитосанитарии пешниҳодшуда ва андешидашуда;

- тадбирҳои тафтишотию назоратӣ ва сертификатсияи маводи таҳтикарантинӣ ва расмиёти карантинӣ қарордошта;

- расмиёти арзёбии хатар ва усулҳои муайян кардани сатҳи зарурии ҳифзи растанӣ аз организмҳои зараррасони карантинӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- узвият ва иштирок дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, низоми ҳифзи растанӣ аз организмҳои зараррасони карантинӣ, инчунин оид ба мавҷудият ва мазмуни созишномаҳои байналмилалии дутарафаю бисёртарафа ва шартномаҳо.

**Моддаи $10^1$. Ҳамарзишии тадбирҳои карантини фитосанитарӣ**

Тадбирҳои карантини фитосанитарии дар мамлакатҳои дигар қабулгардида ба тадбирҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда ҳамарзиш ҳисобида мешаванд, агар мақоми ваколатдори давлатӣ муайян кунад, ки тадбирҳои дар мамлакати дигар андешидашуда растаниро аз организмҳои зараррасони карантинӣ ба андозаи баробар ё аз сатҳи тадбирҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда баландтар ҳифз намоянд.

Қарор оид ба эътироф намудани ҳамарзишии тадбирҳои карантини фитосанитарӣ бояд дастраси умум бошад.

**Моддаи $18^1$. Тадбирҳои карантини фитосанитарӣ дар сурати мавҷуд набудани стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ**

Агар стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ мавҷуд набошанд ё тадбирҳои карантини фитосанитарӣ ба стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ мутобиқат накунанд ва ё агар чунин тадбирҳо ба савдо таъсири назаррас расонида тавонанд, мақоми ваколатдори давлатӣ бояд:

- бо мақсади татбиқи тадбирҳо дар марҳилаи аввали таҳияи онҳо огоҳинома нашр намояд;

- мутобиқи созишномаҳои байналмилалӣ ба ҷонибҳои манфиатдор оид ба маводи таҳтикарантинӣ, ки нисбати онҳо ин тадбир истифода мегардад, иттилоъ диҳад ва қабул намудани тадбири пешниҳодшавандаро асоснок кунад;

- бо дархости мақомоти ваколатдори дигар мамлакатҳо мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ матни санади меъёрии ҳуқуқии тадбири пешниҳодшавандаро бо нишон додани фарқият аз стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ пешниҳод намояд;

- барои пешниҳоди мулоҳизот мӯҳлати ниҳоӣ муқаррар кунад ва бо дархости ҷонибҳои манфиатдор машварат гузаронад.

Огоҳинома оид ба маводи таҳтикарантинӣ, ки нисбат ба онҳо чораҳо амалӣ карда мешаванд ва асосноккунии чораҳои пешниҳодшаванда бояд 75 рӯз пеш аз қабули татбиқи ин чораҳо нашр карда шаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №787**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ НАФАҚАИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2011 № 522**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 № 242**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1993, №15-16, мод.350; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод.48, фасли XVIII; с. 1997, №9, мод. 117, фасли VI; с. 1998, №10, мод. 119, фасли V; №22, мод. 318; с. 1999, № 5, мод. 61; №9, мод. 236; №12, мод. 351; с. 2002, №4, қ.1, мод. 158; №11, мод. 711, мод. 735; с. 2005, №7, мод. 406; с. 2007, №7, мод. 695; с. 2008, №10, мод.823; с. 2009, №9-10, мод. 547) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми якуми моддаи 9 калимаҳои «мақомоти ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

2. Дар зербанди б) қисми якуми моддаи 18 калимаҳои «комиссияи таъини нафақаҳо» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми дуюми моддаи 34 калимаҳои «комиссияи таъини нафақа» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 88:

- ҷумлаи якуми қисми сеюм дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Маъмурият (раёсат) дар якҷоягӣ бо кумитаи иттифоқи касаба дар муддати даҳ рӯзи баъд аз воридшавии ариза ҳуҷҷатҳои зарурииро дар бораи собиқаи корӣ ва музди меҳнат ба расмият даровarда, якҷоя бо ариза ва дархости худ онҳоро ба сохтори маҳаллии мақомоти ваколатдори маҳалли истиқомати аризадиҳанда равон мекунад.»;

- дар қисмҳои чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум калимаҳои «шӯъбаи ноҳиявии (шаҳрии) ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ», «шӯъбаи ноҳиявии (шаҳрии) ҳимояи иҷтимоии аҳолии» ва «Шӯъбаҳои ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ» мувофиқан ба калимаҳои «сохтори маҳаллии мақомоти ваколатдор», «сохтори маҳаллии мақомоти ваколатдори» ва «Сохторҳои маҳаллии мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

5. Матни моддаи 89 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Нафақаро мақомоти ваколатдор таъин менамояд. Тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти ваколатдорро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.».

6. Дар қисми дуюми моддаи 90 калимаҳои «комиссияи таъини нафақа» ва «Шӯъбаи ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» ва «Мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

7. Моддаи 91 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 91. Шикоят аз болои қарори мақомоти ваколатдор

Аз болои қарори мақомоти ваколатдор мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ё суд шикоят кардан мумкин аст.».

8. Дар қисми якуми моддаи 94 калимаҳои «шахсан худи узви комиссияи таъини нафақа - мудири шӯъбаи ноҳиявии (шаҳрии) ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 96 калимаҳои «мақомоти ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ дар» ба калимаҳои «сохтори маҳаллии мақомоти ваколатдори» иваз карда шаванд.

10. Дар ном ва матни моддаи 98 калимаҳои «шӯъбаҳои ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ», «шӯъбаҳои ҳимояи иҷтимоии аҳолиро» ва «шӯъбаҳои дахлдори ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ» мувофиқан ба калимаҳои «сохторҳои маҳаллии мақомоти ваколатдор», «сохторҳои маҳаллии мақомоти ваколатдорро» ва «сохторҳои маҳаллии дахлдори мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

11. Дар қисми дуюми моддаи 101 калимаҳои «мақомоти дахлдори ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

12. Дар моддаи 104 калимаҳои «мақомоти таъминоти иҷтимоии» ба калимаҳои «сохторҳои маҳаллии мақомоти ваколатдор дар» иваз карда шаванд.

13. Дар моддаи 105:

- дар зербанди б) қисми якум калимаҳои «комиссияи таъини нафақа» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд;

- дар қисми панҷум калимаҳои «комиссияҳои таъини нафақа» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд;

- дар қисми ҳафтум калимаҳои «комиссияи таъини нафақа» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдор» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №789**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ГВАРДИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2011 № 534**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 №222**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004 «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №7, мод. 457; с.2009, №7-8, мод. 494) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми дуюми моддаи 6 калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 9:

- дар сархати сеюм пас аз калимаи «Фармондеҳ,» калимаҳои «Муовини аввали Сардори Сарситод,» ва пас аз калимаи «раёсатҳо» калимаҳои «, сардори Маркази тайёрии кадрҳо, командири отряди алоҳидаи таъиноти махсус» илова карда шуда, калимаи «зудамали» хориҷ карда шавад;
- дар сархати панҷум калимаҳои «шӯъбаҳо, хадамот,» ва «қисму воҳидҳои» мувофиқан ба калимаҳои «шӯъбаи алоҳидаи таъиноти махсус» ва «қисмҳои» иваз карда шаванд;
- дар сархати ҳафтум калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 10:

- дар қисми дуюм:
- дар сархатҳои якум, дуюм, сенздаҳум, понздаҳум, шонздаҳум ва ҳабдаҳум калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд;
- дар сархати чорум калимаҳои «шӯъбаҳо, хадамот, қисму воҳидҳои» ба калимаҳои «шӯъбаи алоҳидаи таъиноти махсус, қисмҳои» иваз карда шаванд;
- дар сархатҳои ҳабдаҳум ва нуздаҳум калимаи «аскар» ба калимаи «сарбоз» иваз карда шавад;
- дар қисми сеюм калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд.

4. Дар сархатҳои чорум ва панҷуми моддаи 11 калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 14:

- дар қисми сеюм калимаҳои «Маркази таълимии» ба калимаҳои «Маркази тайёрии кадрҳои» иваз карда шаванд;
- дар қисмҳои чорум, панҷум ва шашум калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд.

6. Дар қисмҳои якум ва чоруми моддаи 15 калимаҳои «қисму воҳидҳои» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №771**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ДУРНАМОҲОИ ДАВЛАТӢ, КОНСЕПСИЯҲО, СТРАТЕГИЯҲО ВА БАРНОМАҲОИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 12 октябри соли 2011 №539**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №232**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №12, мод.681; с.2009, №3, мод. 87) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархати шашум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- **барномаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа** – ҳуҷҷати асосии барномавии миёнамӯҳлат, ки мақсадҳои стратегӣ, вазифаҳо ва самтҳои асосии инкишофи минтақаро муқаррар намуда, захираҳои лозимиро вобаста ба ноил шудан ба мақсадҳои стратегии инкишофи минтақа муайян мекунад;».

2. Моддаи 9 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 9. Дурнамоҳои инкишофи минтақавӣ**

Дурнамоҳои инкишофи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – фарзияи аз назари илмӣ асоснокшудаи эҳтимолияти дар оянда инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Дурнамоҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия карда, мақомоти дахлдори намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ менамоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои корҳои зеринро таъмин менамояд:

- таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба ояндабинии инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо;
- баҳисобгирии баҳодиҳии мутобиқати дурнамоҳои минтақавии таҳияшаванда бо нишондиҳандаҳои дурнамоҳои давлатии инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия гардидани лоиҳаи охирини дурнамоҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси дурнамои таҳиягардида иҷрои корҳои зеринро таъмин менамояд:

- андешидани тадбирҳо оид ба муҳайё сохтани шароит барои инкишофи босуботи иҷтимоию иқтисодӣ, бартараф кардани нобаробарии тараққиёти минтақаҳо, истифодаи пурсамари захираҳои табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии онҳо, аз ҷумла барои зиёд кардани истеҳсоли молҳои содиротӣ ва ивазкунандаи молҳои воридотӣ;
- таҳияи тавсияҳо оид ба бартараф намудани ҳолатҳои бӯҳронӣ дар минтақаҳо.

Дурнамоҳои инкишофи минтақаҳо барои таҳияи барномаҳои стратегии инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо асос мешаванд.».

3. Ба Қонун моддаи $9^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $9^1$. Барномаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа**

Барномаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа дар давраи миёнамӯҳлат дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамоҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа таҳия мегардад.

Барномаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа ба таври ҳатмӣ мақсадҳои стратегии инкишофи кишвар, аз ҷумла Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсоларо ба ҳисоб мегирад ва амалишавии онҳоро бо назардошти хусусиятҳои хоси ҳар як минтақа таъмин менамояд.

Барномаи стратегии инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақа мақсадҳои стратегӣ, вазифаҳо ва самтҳои асосии инкишофи минтақа, захираҳои лозимӣ ва нақшаю чорабиниҳои ҳамаи тарафҳои манфиатдорро барои ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии инкишоф дар бар мегирад.

Барномаи инкишофи минтақа ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ҳатмӣ будани таҳияи барномаи инкишофи минтақа ҳамчун механизми банақшагирии стратегии минтақа;
- таъмини пурра ва маҷмӯии барномаи инкишофи минтақа, ки фарогири ҳамаи барнома ва чорабиниҳо мебошад, аз ҳисоби буҷети давлатӣ, воситаҳои ташкилотҳои донорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ маблағгузорӣ карда мешавад;
- иштироки ҳатмии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо;
- анҷом додани мониторинг ва баҳодиҳии ҳатмии барномаҳо.

Барномаи инкишофи минтақа барои таҳияи буҷети маҳаллӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба маблағгузории самтҳои алоҳидаи инкишофи маҳаллӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ асос мебошад. Тартиби мувофиқакунонии масъалаҳо оид ба маблағгузории самтҳои алоҳидаи инкишофи маҳаллӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Барномаи инкишофи минтақа барои амалӣ шудани чорабиниҳои аз ҳисоби воситаҳои ташкилотҳои донорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ маблағгузоришаванда асос мебошад.

Барномаи инкишофи минтақа аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия гардида, бо қарори мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Мониторинг ва баҳодиҳӣ оид ба барномаи инкишофи минтақа аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси методикае, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқ шудааст, гузаронида мешаванд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонанд мониторинг ва баҳодиҳии интихобии барномаи инкишофи минтақаро анҷом диҳанд. Аз рӯи натиҷаҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ барномаи инкишофи минтақа метавонад тасҳеҳ гардад.

Тартиби таҳия намудани барномаҳои инкишофи минтақаҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Назорати татбиқи барномаи инкишофи минтақаро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор ба зимма дорад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №781**

# Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУДҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2011 № 563**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 №224**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2001, №7, мод. 490; с. 2003, №12, мод. 685; с. 2004, №5, мод. 347; с. 2006, №3, мод. 143; с.2007, №7, мод. 651; с. 2008, №3, мод. 181; №6, мод.443; №12, қ. 1, мод. 982; с. 2010, №1, мод. 1; №12, қ. 1, мод. 799) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 85:

- дар қисми якум калимаҳои «вазифаи» ва «мешавад» мувофиқан ба калимаҳои «вазифаҳои муовини якум ва» ва «мешаванд» иваз карда шаванд;
- дар қисми дуюм пас аз калимаи «Раис» калимаҳои «, муовини якум» илова карда шаванд;
- қисми сеюм хориҷ карда шавад.

2. Дар моддаи 89:

- дар номи модда пас аз калимаи «Салоҳияти» калимаҳои «муовини якум ва» илова карда шаванд;
- дар қисми якум калимаҳои «Муовини», «мекунад» ва «менамояд» мувофиқан ба калимаҳои «Муовини якум ва муовини», «мекунанд» ва «менамоянд» иваз карда шаванд;
- қисми дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар ҳолати набудани раиси суд ваколатҳои ӯро муовини якуми раиси суд ва дар вақти набудани муовини якуми раиси суд муовини раиси суд иҷро мекунад.».

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №773**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 3 октябри соли 2011 №526**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №231**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.170; с. 2008, №10, мод.812; с. 2009, №5, мод.318; №7-8, мод.496; с. 2010, №1, мод.9; №12, қ.1, мод.816) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Аз банди сеюми қисми 1 моддаи 71 калимаҳои «ва ё дар овоздиҳӣ иштирок нанамудаанд» хориҷ карда шаванд.

2. Дар моддаи 86:

- дар қисми 1 пас аз калимаҳои «анҷом дода шудааст» калимаҳои «ё ин аҳд ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он зиён расонидааст» илова карда шаванд;
- қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Шахси манфиатдор дар назди ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорон дар ҳаҷми зиёни ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он расонидаи худ масъул мебошад ва ӯҳдадор аст зиёни ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он дар натиҷаи бастани аҳд расонидааш ва ҳамаи даромади аз чунин аҳд бадастовардаро, ки дар бастани он манфиати шахсони дар моддаи 83 Қонуни мазкур пешбинигардида ва вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур вуҷуд дорад, диҳад. Дар сурати масъулият доштани якчанд шахс масъулияти онҳо дар назди ҷамъияти саҳомӣ муштарак аст.»;

- қисми 3 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«3. Аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон маъқул дониста шудани аҳдҳое, ки дар анҷом додани онҳо манфиатдории шахсони дар моддаи 83 Қонуни мазкур зикршуда вуҷуд дорад, шахсони мансабдори ҷамъияти саҳомиро аз ҷавобгарӣ озод намекунад, агар дар натиҷаи аҳд ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он зиён расонида шуда бошад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №780**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ОБУҲАВОШИНОСӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 ноябри соли 2011 №588**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №239**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» аз 2 декабри соли 2002 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №11, мод. 741; с. 2006, №3, мод. 167; с. 2007, №6, мод. 441) моддаи $10^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи $10^1$. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кормандони мақомоти обуҳавошиносӣ

Кормандони мақомоти обуҳавошиносӣ ҳуқуқҳои зерин доранд:

- пӯшидани либоси махсус ва доштани нишони фарққунанда;
- гирифта гаштан, нигоҳ доштан ва истифодаи яроқи ғайринизомӣ, (тапончаҳои мушакпарронӣ ва корди шикорӣ) ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ;
- ҳуқуқҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд.

Кормандони мақомоти обуҳавошиносӣ ӯҳдадориҳои зерин доранд:

- риоя намудани интизоми хизматӣ;
- таъмини ҳифзи моликияти давлатӣ;
- баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва тахассусӣ;
- ӯҳдадориҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян кардаанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №786**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ КОНСЕССИЯҲО

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» қабул карда шавад.

2.Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи концессияҳо» аз 15 майи соли 1997, №430 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1997, №10. мод. 126) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 30 ноябри соли 2011 №603**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи консессияҳо» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №234**

Қонуни мазкур муносибатҳои вобаста ба консессияро танзим намуда, салоҳияти мақомоти давлатӣ, шарт ва тартиби ба консессия додани объектҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои консессиядор, иҷро ва мӯҳлати шартномаи консессия, инчунин кафолати дастгирии фаъолияти консессиониро муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **консессия (иҷозат, гузашт)** – (минбаъд - консессия) дар асоси шартномаи консессия бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ, аз ҷумла: замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, оламии набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, инчунин ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат;

- **шартномаи консессионӣ** – шартномае, ки байни конседент ва консессиядор баста шуда, дар он ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳо, инчунин шартҳои амалишавии консессия муайян карда мешаванд;

- **конседент** – Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз номи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баромад намуда, метавонанд фаъолияташонро тавассути мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ намоянд;

- **консессиядор** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба истиснои ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, ки ҳуқуқи консессияро тибқи шартномаи консессионӣ соҳиб шудаанд;

- **объектҳои консессионӣ** – объектҳои моликияти давлатӣ ва иншоотҳое, ки дар натиҷаи иҷрои шартҳои шартномаи консессия пайдо мешаванд;

- **мақомоти консессионӣ** – мақомоти давлатии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ваколатдоршуда, ки ба онҳо бо тартиби муайянгардида ҳуқуқи ҳалли масъалаҳои консессия дода шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи консессияҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи консессияҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои фаъолияти консессионӣ**

Фаъолияти консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар асоси принсипҳои зерин сурат мегирад:

- қонуният;
- фоидаи тарафҳо;
- дар асоси озмун интихоб кардани консессиядор;
- дахолат накардан ба фаъолияти хоҷагидории консессиядор, ки дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад;
- риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодабарӣ ва ҳифзи табиат, қаъри замин, об, ҳавзаи дарёҳо ва кӯлҳо, бехатарии экологӣ ва санитарию гигиенӣ, суғурта, таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи меҳнат;
- фаъолияти озод ва шаффофи конседент ва консессиядор ҳангоми татбиқи шартномаи консессионӣ;
- таъмини истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

**Моддаи 4. Муносибатҳои моликият ҳангоми фаъолияти консессионӣ**

1. Ба консессия супоридани объекти моликияти давлатӣ маънои ба консессиядор додани ҳуқуқи ихтиёрдории объект ва ё ҳуқуқи бемӯҳлати иҷро намудани вазифаҳои муайяни давлатиро надорад.

2. Фоидаи холис, ки консессиядор дар натиҷаи фаъолияти консессионӣ мегирад, дар ҳаҷми муайянкардаи шартномаи консессия (дар шакли моликият ё маблағ) моликияти ӯ мебошад.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидорӣ намудани маҳсулоти истеҳсолнамудаи консессиядор ҳуқуқи бартариятнок дорад.

## БОБИ 2. ИДОРАКУНИИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲАИ КОНСЕССИОНӢ ВА САЛОҲИЯТИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 5. Идоракунии давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои консессионӣ**

Идоракунии давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои консессионӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти консессионӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои консессионӣ мансуб аст:

- муайян намудани мақомоти консессионӣ;
- таҳияи барномаҳо оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти консессионӣ;
- муқаррар намудани тартиби экспертизаи давлатии лоиҳа ва барномаҳои консессионӣ;
- муқаррар намудани тартиби бақайдгирии шартномаҳои консессионӣ ва ташкили назорати иҷрои онҳо;
- муайян намудани номгӯи объектҳое, ки ба консессия дода намешаванд ва ё ба консессия додани онҳо маҳдуд карда шудааст;
- бастани шартномаҳои консессионӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳалли дигар масъалаҳои соҳаи муносибатҳои консессионӣ дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои консессионӣ аз инҳо иборат аст:

- тавсиф намудани объектҳои консессионие, ки ба сармоягузорон пешниҳод мегарданд;
- ташкил ва гузаронидани озмун аз рӯи объектҳое, ки дар ихтиёри онҳо қарор доранд;
- бастани шартномаҳои консессионӣ аз рӯи объектҳои консессионие, ки дар ихтиёри онҳо мебошанд;
- ҳалли дигар масъалаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколати мақомоти консессионӣ**

Ваколати мақомоти консессионӣ дар соҳаи муносибатҳои консессионӣ аз инҳо иборат аст:

- ташкил ва гузаронидани озмунҳои консессионӣ;
- назорат ва риояи шартҳои шартномаҳои консессионӣ;
- таҳияи пешниҳодҳои консессионӣ;
- тартиб додани номгӯи объектҳои консессионӣ;
- пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии шартномаҳои консессионӣ;
- иҷрои дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

## БОБИ 3. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ БА КОНСЕССИЯ ДОДАНИ ОБЪЕКТҲО

**Моддаи 9. Таҳияи пешниҳодҳои консессионӣ**

Пешниҳодҳои консессионӣ бо назардошти аҳамият ва зарурати иқтисодии объектҳои консессионӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти консессионӣ таҳия карда мешаванд. Дар пешниҳодҳо навъи фаъолият муайян карда мешавад ва он феҳристи молу мулки таҳвилшавандаро дар бар мегирад.

**Моддаи 10. Тартиби ба консессия додани объектҳо**

1. Объектҳо дар асоси озмун ба консессия дода мешаванд. Дар мавридҳои истисноӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон объектҳо дар асоси гуфтушуниди мустақими байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузорони эътимоднок ба консессия дода мешаванд.

2. Объектҳо бе озмун танҳо дар мавриди таъмини амнияти давлатӣ, манфиатҳои мудофиавии кишвар ва ё агар барои иштирок дар озмун дархости ягона ворид шуда бошад, ба консессия дода мешаванд.

3. Тартиб ва шартҳои гузаронидани озмун дар хусуси ба консессия пешниҳод намудани объектро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Моддаи 11. Ба имзо расонидани шартномаи консессионӣ**

1. Шартномаи консессионӣ байни конседент ва консессиядор дар шакли хаттӣ ба имзо расонида мешавад.

2. Шартномаи консессионӣ масъалаҳои зайлро дар бар мегирад:

- мавзӯи шартнома;
- объектҳои консессионӣ, аз ҷумла ҳудуди қитъаҳои замин ва сарватҳои зеризаминӣ, фазои обу ҳаво;
- мӯҳлати эътибори шартномаи консессия ва оғози корҳо;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо;
- ҳаҷм ва тартиби пардохтҳои консессионӣ;
- пардохти андозҳои муқарраршуда ва дигар пардохтҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳаҷми сармоягузории ҳарсола ва мӯҳлати ҷудо намудани маблағҳо, инчунин ҳаҷми маҳсулот мувофиқи бизнес – нақша;
- талабот оид ба ҳифзи муҳити зист, бехатарии фаъолият ва ҳифзи қаъри замин;
- ҳуқуқи тарафҳо барои дастрас намудани маълумот доир ба фаъолияти консессионӣ;
- шартҳои ҷалби кормандони кироя, таълим, суғурта ва ҳифзи иҷтимоии онҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тартиб, шароит ва мӯҳлати баргардонидани объекти фаъолияти консессионӣ;
- оқибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ дар сурати рух додани ҳолатҳои фавқулодда ва рафънопазир;
- тартиби баррасии баҳсу мунозира ва масъулияти тарафҳо барои вайрон кардани шартҳои шартнома;
- кафолатҳои молиявӣ, суроғаҳои ҳуқуқӣ ва реквизитҳои бонкии тарафҳо;
- шартҳои тағйир додан ва бекор намудани шартномаи консессионӣ.

3. Ба шартномаи консессионӣ дигар шартҳоро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, дохил кардан мумкин аст.

**Моддаи 12. Пардохтҳои консессиядор**

Консессиядор маблағҳои зеринро пардохт менамояд:

- пардохтҳои консессионӣ;
- маблағи бақайдгирии давлатии шартномаи консессионӣ;
- андозҳо ва дигар пардохтҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

**Моддаи 13. Мӯҳлати эътибори шартномаи консессионӣ**

1. Шартномаи консессионӣ вобаста ба хусусиятҳои техникию иқтисодии объекти консессионӣ ба мӯҳлати то 49 сол имзо карда мешавад. Мӯҳлати мазкур нисбати конҳои канданиҳои фоиданок, ки хароҷоти зиёдро талаб намуда, давраи ҷуброни онҳо тулонӣ аст, татбиқ намегардад. Нисбат ба объектҳои алоҳида мумкин аст дар шартнома мӯҳлати дигар нишон дода шавад, вале ин мӯҳлат наметавонад аз 99 сол зиёд бошад.

2. Баъди гузаштани мӯҳлати шартномаи консессионӣ консессиядоре, ки шартҳои шартномаро софдилона иҷро кардааст, барои тамдиди шартнома ҳуқуқи бартариятнокро соҳиб мегардад.

**Моддаи 14. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи консессионӣ ва қатъ кардани он**

1. Ба шартномаи консессионӣ тибқи тартиби муқарраркардаи шартнома ва ё бо мувофиқаи тарафҳо тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

2. Шартномаи консессионӣ метавонад бо ризоияти тарафайн ё бо қарори суд дар ҳолати аз ҷониби яке аз тарафҳо риоя накардани шартҳои он қатъ карда шавад.

3. Амали шартномаи консессионӣ аз лаҳзаи аз Феҳристи ягонаи давлатии шартномаҳои консессионӣ хориҷ кардани он қатъ карда мешавад.

**Моддаи 15. Гузашт кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо аз рӯи шартномаи консессионӣ**

1. Дар мавриди азнавташкилдиҳии яке аз тарафҳои шартномаи консессионӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои он ба ворисони қонунӣ мегузаранд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартномаи консессионӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Қисман ё пурра гузашт кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои консессиядор ба шахсони сеюм, инчунин супоридани объекти консессионӣ танҳо бо иҷозати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 16. Суғурта**

Консессиядор дар фаъолияти худ талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаро риоя менамояд.

## БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОНСЕССИЯДОР

**Моддаи 17. Ҳуқуқҳои консессиядор**

1. Консессиядор ҳуқуқ дорад:

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо истифода аз талаботи шартномаи консессионӣ дар қаламрави мавриди истифодааш биною иншоот, роҳҳои фаръӣ, роҳҳои васеи мошингард ва хатҳои алоқаи телеграфу телефон ва ғайраҳо созад;
- дар мувофиқа бо конседент ва ҳангоми мусбӣ будани хулосаи экспертизаи экологӣ ба таркиби молу мулк тағйирот дарорад, дар объектҳои консессионӣ корҳои азнавсозӣ, васеъкунӣ ва азнавтаҷҳизонии техникиро, ки арзиши онҳоро зиёд мегардонад, анҷом диҳад;
- барои эҳтиёҷоти объекти консессионӣ ва кормандон молу мулк ва маводи зарурӣ ворид намояд;
- маҳсулоти истеҳсолкардаашро содир намояд;
- аз амали ғайриқонунии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба суд муроҷиат кунад.

2. Консессиядор инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 18. Ӯҳдадориҳои консессиядор**

Консессиядор ӯҳдадор аст:

- шартҳои шартномаи консессиониро риоя намояд;
- фаъолияти хоҷагии худро танҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи консессионӣ амалӣ намояд;
- баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро тибқи тартиби муқарраранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;
- молу мулк ва объектҳоеро, ки дар асоси шартнома ба ӯ дода шудаанд, дар мӯҳлати муқарраршуда ба конседент баргардонад, инчунин баъди анҷоми мӯҳлати амали шартномаи консессионӣ ва ё қатъ шудани он молу мулки худро ихтиёрдорӣ намояд;
- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист риоя намояд;
- дигар ӯҳдадориҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, иҷро намояд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 19. Тартиби баррасии баҳсҳо**

1. Баҳсҳои байни консессиядор ва конседент тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд, агар дар шартномаи консессионӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Дар ҳолати ҳал нашудани баҳсҳо тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки тибқи тартиби муқарраранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли баҳсҳо ба суд муроҷиат намоянд.

3. Баҳсҳои консессиядор бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суд баррасӣ карда мешаванд.

**Моддаи 20. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 21. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 «Дар бораи концессияҳо» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №10, мод.125) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 22. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №783**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ЯРОҚ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 ноябри соли 2011 №590**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №228**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996 «Дар бораи яроқ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1996, №4, мод.57; с.2001, №4, мод.152; с.2003, №4, мод 143; с.2004, №12, қ.1, мод.695; с.2005, №3, мод. 115; №12, мод. 645; с.2006, №7, мод.338; с.2007, №5, мод.360; с.2009, №7-8, мод. 492) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми якуми моддаи 3 калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва калимаҳои «Агентии таъмини амволи махсуси назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқан ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон « ва «Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 10:

- банди 3) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«3) Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;»;

- дар банди 8) аломати нуқта бо аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад;
- бандҳои 3)-8) мутобиқан бандҳои 4)-9) ҳисобида шаванд;
- банди 10) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«10) Нозироти давлатии ҳифзи ҷангал.».

3. Ба Қонун моддаи $12^3$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $12^3$. Ҳуқуқи Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидории яроқ**

Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои тайёр намудани мутахассисон барои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи намудҳои техникӣ ва варзиши ҳарбии амалӣ, инчунин омодасозии аҳолӣ барои муҳофизати Ватан бо тартиби муқарраранамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яроқ ва тирҳои варзишию шикорӣ харидорӣ намояд.

Афсарон ва хизматчиёни ҳарбии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои вазифаҳои худ аз ҷониби Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо яроқ ва лавозимоти ҷангӣ таъмин карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №777**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ БА БУҶЕТ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 ноябри соли 2011 №577**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №235**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006, №7, мод.345; с.2009, №5, мод.327; с.2010, №1, мод. 3) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 1 моддаи 41 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Пардохт барои амалҳои зерини марбут ба ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти саноатӣ (минбаъд –пардохт) ситонида мешавад:

- пешниҳоди арзнома;
-бақайдгирӣ ва додани ҳуҷҷати муҳофизатӣ;
-ворид намудани тағйирот ба Феҳристи давлатӣ ва шаҳодатномаи тамғаи молӣ;
- нигаҳдории эътибори ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ ва намунаи саноатӣ;
-тамдид намудани мӯҳлати амали бақайдгирии тамғаи молӣ ва мӯҳлати амали шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи номи маҳалли истеҳсоли мол;
-барқароркунии амали ҳуҷҷати муҳофизатӣ;
-тамдид ва барқарор намудани мӯҳлати гузашта.».

2. Дар моддаи 42 калимаҳои «ҳуҷҷатҳои ҳифзкунандаро мегиранд» ба калимаҳои «амалҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти саноатӣ ба манфиати онҳо иҷро карда мешаванд» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми 1 моддаи 44 калимаҳои «ихтирои» ва «патенти ихтирои» мутобиқан ба калимаҳои «ихтироъ ва» ва «патенти ихтироъ ва» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 45:

-аз қисми 1 калимаҳои «барои додани ҳуҷҷати ҳифзкунанда» хориҷ карда шаванд;
- аз ҷумлаи дуюми қисми 2 калимаҳои «барои гирифтани ҳуҷҷати ҳифзкунанда» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №784**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ САНИТАРИЮ ЭПИДЕМИОЛОГИИ АҲОЛӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 30 ноябри соли 2011 №597**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №246**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №12, мод.677; с. 2008, №10, мод.822; №12, қ. 2, мод. 1015) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- экспертизаи санитарию эпидемиологӣ – фаъолият оид ба муайян намудани мутобиқати (номутобиқатии) ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, иншооти фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ ба қоида ва меъёрҳои давлатии санитарию эпидемиологӣ.».

2. Дар моддаи 3:

- дар сархати якум калимаҳои «ва пешгӯии тағйирёбии он» ба калимаҳои «пешгӯӣ, ҷараёни инкишоф ва тағйирёбии онҳо» иваз карда шаванд;

- аз сархати нӯҳум калимаҳои «маводи радиоактивӣ» хориҷ карда шуда, пас аз калимаи «хатарнок» калимаҳои «, мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд.

- сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ.».

3. Дар сархати сеюми моддаи 4, сархати чордаҳуми моддаи 5, сархатҳои дуюм, чорум ва панҷуми моддаи 7, сархатҳои якум ва дуюми моддаи 8, сархати ҳафтуми моддаи 10, қисми шашуми моддаи 17, қисми сеюми моддаи 18, қисми чоруми моддаи 19, қисми чоруми моддаи 20, қисми дуюми моддаи 42, сархати якуми қисми якуми моддаи 49, сархати якуми қисми панҷум ва сархати сеюми қисми шашуми моддаи 50, сархатҳои чорум, панҷум ва ҳафтуми моддаи 51 калимаҳои «мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидора» ва «Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидора» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва «Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

4. Сархати панҷуми моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«-муқаррар намудани тартиби пешбурди феҳристҳои давлатии моводи эҳтимолан хатарноки кимиёвӣ, биологӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, инчунин навъҳои алоҳидаи маҳсулоти озуқаи мавҷудаи бори аввал ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва истеҳсолшаванда;».

5. Дар моддаи 5:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархати ҳаштум калимаҳои «сертификатсияи навъҳои алоҳидаи мол» ба калимаҳои «гузаронидани экспертизаи санитарию эпидемиологии маҳсулот» иваз карда шаванд;

- сархати нӯҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- гузаронидани санҷиш, таҳқиқ, ташхис, озмоиш, арзёбӣ ва экспертизаи санитарию эпидемиологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;»;

- сархатҳои даҳум, ёздаҳум, дувоздаҳум, сенздаҳум ва чордаҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- ташкили чорабиниҳо ҷиҳати ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

- мунтазам такмил додани системаи назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ;

- ҷорӣ кардани қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ, ки аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон бармеоянд;

- ба эътибор гирифтани сертификати сифат ва бехатарии маҳсулоти воридотии мамлакатҳое, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд;

- пешниҳоди ахбороти муфассал дар бораи чораҳои андешидашуда, қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифат ва бехатарии маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, оби нӯшокӣ, маводи эҳтиёҷоти шахсӣ ва маишӣ, кор ва хизматрасониҳое, ки ба саломатии инсон эҳтимолияти хатар доранд;».

6. Дар ном ва матни моддаи 6, дар қисмҳои дуюм ва чоруми моддаи 28, қисмҳои дуюми моддаҳои 30 ва 31, сархати дуюми қисми панҷум ва сархати якуми қисми шашуми моддаи 50 калимаҳои «мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ» ва «ҳокимияти маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд.

7. Ба моддаи 9 қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дорои ҳамон ӯҳдадориҳое мебошанд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ доранд.».

8. Дар моддаи 10:

- дар сархати чорум калимаи «сифати» ба калимаи «бехатарии» иваз карда шавад;

- сархати панҷум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ тадбирҳо андешанд;».

9. Дар моддаи 14:

- ба қисми дуюми модда пеш аз калимаи «қоидаҳои» калимаҳои «талаботи меъёр ва» илова карда шуда, калимаи «санитарӣ» ба калимаҳои «санитарию гигиенӣ ва эпидемиологӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми чорум калимаи «сертификат» ба калимаҳои «ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи сифат ва бехатарии (хулосаи санитарию эпидемиологии) онҳо ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ» иваз карда шавад.

10. Ба қисми якуми моддаи 16 пас аз калимаи «нигаҳдошт» калимаи «, интиқол» илова карда шавад.

11. Ба қисми шашуми моддаи 17, қисми дуюми моддаи 18, қисми дуюми моддаи 20, қисми якуми моддаи 22, қисми дуюми моддаи 23, қисмҳои панҷум, шашум ва ҳаштуми моддаи 24, қисми дуюми моддаи 25, сархати ҳафтуми қисми якум ва сархати якуми қисми дуюми моддаи 49 пеш аз калимаи «меъёр» калимаи «талаботи» илова карда шавад.

12. Моддаҳои $26^{1}$, $26^{2}$, $26^{3}$, $26^{4}$ ва $26^{5}$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

**«Моддаи $26^{1}$. Истифодабарӣ ва мутобиқати тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ**

Тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ барои ҳимоя, ҳифзи ҳаёт ва солимии аҳолӣ татбиқ гардида, бояд ба доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мутобиқ буда, ба дастовардҳои нави илмӣ асос ёфта бошанд.

Ҳамаи тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикие, ки аз ҷониби дигар давлатҳо, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ андешида шудаанд, мувофиқ ба тадбирҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мегарданд, агар аз тарафи мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад, ки ин тадбирҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бехатарии инсонро дар сатҳи баробар ва беҳтар таъмин менамоянд.

Ҳангоми мавҷуд набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатӣ, стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ ва ё агар тадбирҳои андешидашаванда аз стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ ба куллӣ фарқ намоянд ва ё тадбирҳои андешидашаванда ба савдо таъсири назаррас расонанд, мақоми ваколатдор дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ ӯҳдадор аст:

- ҷиҳати таъмини шаффофияти тадбирҳои татбиқшаванда тамоми чораҳоро андешад;

- тарафҳои манфиатдорро ба таври расмӣ оид ба нияти андешидани тадбири мушаххаси санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ дар марҳилаи пешакии омодагӣ огоҳ намояд, то ки ба давлатҳои манфиатдор барои шиносоӣ имконият фароҳам оварда шавад;

- барои гирифтани эзоҳ, пешниҳодот ва ворид намудани тағйиру иловаҳо тибқи созишномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидааст, матни тадбирҳои андешидашаванда ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳияшударо пешакӣ нашр намояд;

- ҳамаи чораҳоро оид ба асосноккунии илмии тадбирҳои татбиқшаванда андешад;

- доираи вақтиро барои баррасии пешниҳодот ва эзоҳот бо тарафҳои манфиатдор муайян намояд;

- тамоми чораҳоро андешад, ки огоҳсозӣ оид ба андешидани чораҳо ё ҷорӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масолеҳи муайян ё маҳсулот ва асосноккунии он 75 рӯз пеш аз қабули татбиқи расмии он нашр карда шавад.

**Моддаи $26^{2}$. Тадбирҳо ҳангоми баҳодиҳии сатҳи хатари маҳсулот ба ҳаёт ва саломатии инсон**

Ҳангоми баҳодиҳии сатҳи хатари маҳсулот ба ҳаёт ва саломатии инсон дар раванди таҳия ва татбиқи тадбирҳои санитарӣ мақоми ваколатдор ӯҳдадор аст ҳолатҳои зеринро ба инобат гирад:

- асосноккунии илмӣ, усулҳои мавҷудаи истеҳсол, коркард, усулҳои бозрасӣ, интихоб барои озмоиш ва санҷиш, сатҳи паҳншавии бемориҳо, мавҷуд будани минтақаҳои озод аз бемориҳо ва зарарасонҳо, шароити мусоиди экологӣ, чораҳои карантинӣ ва ғайраҳо;

- омилҳои дахлдори иқтисодӣ, аз ҷумла зарари эҳтимолӣ аз кам кардани ҳаҷми истеҳсолот ё фурӯш дар ҳолати воридшавӣ, нобудсозӣ ё паҳншавии ин ё он зараррасон ва ё беморӣ, хароҷот барои мубориза бар зидди онҳо ё нест кардани онҳо ва таносуби нисбии хароҷот ва самаранокии усулҳои алтернативӣ барои кам кардани хатар.

Дар ҳолатҳое, ки асосноккунии илмӣ нокифоя аст, мақоми ваколатдор метавонад дар асоси иттилооти зарурии мавҷуда, аз ҷумла иттилооте, ки аз ташкилотҳои байналмилалӣ гирифта шудааст ва ҳамчунин иттилоот оид ба тадбирҳои санитарие, ки дар дигар давлатҳо татбиқ мегардад, тадбирҳои санитарии муваққатиро амалӣ намояд.

Тадбирҳои санитарӣ бо назардошти хусусиятҳои санитарии маҳал, ё дар тамоми қаламрави мамлакат ва ё дар минтақаҳои алоҳидаи он ё дар якчанд мамлакат ё қисмҳои онҳо, ки дар қаламрави онҳо маҳсулот истеҳсол мешавад ва барои он пешбинӣ шудааст, татбиқ карда мешаванд.

Дар мавриди баҳогузории хусусиятҳои санитарии минтақа, мақоми дахлдор дар қатори дигарҳо дараҷаи паҳншавии зараррасонҳо ё бемориҳои мушаххас, мавҷуд будани барномаҳои мубориза бар зидди онҳо ё нест кардани онҳо ва меъёрҳо ё талаботе (нишондиҳандаҳо, дастурҳое), ки метавонанд аз тарафи ташкилотҳои байналмилалии дахлдор таҳия шаванд, ба инобат мегирад. Мақоми дахлдор консепсияи минтақаҳои озод аз зараррасонҳо ё бемориҳо ва минтақаҳои паҳншавии на он қадар назарраси зараррасонҳо ё бемориҳоро эътироф мекунад. Ҳангоми муайян кардани чунин минтақаҳо омилҳое, ба монанди ҷуғрофия, экосистема, назорати эпидемиологию санитарӣ ва самарабахшии он ба асос гирифта мешаванд.

Давлатҳои содиркунандае, ки ҳудуди худро минтақаҳои озод аз зараррасонҳо ё бемориҳо ва ё минтақаҳои паҳншавии на он қадар назарраси зараррасонҳо ё бемориҳо эълон кардаанд, бояд ба мақоми дахлдор ҳуҷҷати тасдиқкунандаро пешниҳод намоянд.

Тадбирҳои санитарии татбиқшаванда назар ба тадбирҳое, ки ба заминаи стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ асос ёфтаанд, метавонанд сатҳи баланди ҳимояи санитариро таъмин намоянд, агар дорои асосноккунии илмии дахлдор бошанд ва ё ин сатҳи ҳимояи санитарӣ зарурӣ дониста шаванд.

**Моддаи $26^{3}$. Пешниҳоди маълумот**

Ҳамаи қоидаҳои санитарӣ фавран нашр карда мешаванд.

Мақоми ваколатдор дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ мутобиқи созишномаҳои байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидашуда бояд тавассути системаи ягонаи иттилоотии давлатӣ ахбороти мавҷуда ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зеринро пешниҳод намояд:

- тадбирҳои ҷорӣ ё таҳияшаванда дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

- ҳамаи расмиёти назоратӣ ва бозрасӣ, қоидаҳои истеҳсолот ва карантин, расмиёти розигӣ додан ба миқдори имконпазири иловаҳои ғизоӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд;

- андешидани тадбирҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ва муайянкунии дараҷаи зарурии ҳимояи ҳаёт ва солимии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- узвият ва иштирок дар ташкилотҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва машваратҳо, тартиб ва расмиёти ҳимояи ҳаёт ва солимии аҳолӣ, мавҷудият ва нигоҳдории санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба.

**Моддаи $26^{4}$. Ҳамарзишии тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ**

Тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикии дар дигар давлатҳо татбиқшаванда ба тадбирҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарте ҳамарзиш ҳисобида мешаванд, ки мақоми ваколатдор ва ё мақомоти давлатии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоянд, ки ин тадбирҳо ба дараҷаи баробар ва ё беҳтар бехатарии ҳаёт ва солимии одамро таъмин менамоянд.

Қарор оид ба ҳамарзиш донистани тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ бояд интишор шавад.

**Моддаи $26^{5}$. Чорабиниҳо дар соҳаи назорат, бозрасӣ ва маъқул донистани тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва эпидемиологӣ**

Чорабиниҳо дар соҳаи назорат, бозрасӣ ва маъқул донистани тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва эпидемиологӣ бояд ба таври зайл анҷом дода шаванд:

- дар доираи вақти муайяншуда, батаъхирандозии беасос байни маҳсулоти воридшаванда ва маҳсулоти ба ин монанди ватанӣ;

- дар асоси маълумоти камтарин гузаронидани назорат, бозрасӣ ва маъқул донистан;

- огоҳ намудани муроҷиаткунанда дар бораи мӯҳлати хотимаёбии расмиёт, нишон додани тамоми камбудиҳо дар ҳуҷҷатҳои таҳияшуда, доираи вақти ҳуҷҷатгузорӣ ва додани натиҷаҳо;

- риояи қатъии махфияти маълумоти дастрасшуда;

- риояи қоида ва меъёрҳо ҳангоми гирифтани намунаҳои барои сертификатсияи маҳсулот зарурӣ;

- агар гурӯҳбандии маҳсулот нисбат ба талаботи татбиқшаванда пас аз назорат ва бозрасӣ тағйир ёбад, он гоҳ расмиёти татбиқшаванда ба маҳсулоти тағйирёфта то даме маҳдуд карда мешавад, ки маҳсулоти тағйирёфта новобаста ба меъёр ва стандартҳои мавҷудбуда, ҳамчун пештара мутобиқ мебошад;

- ҳамаи талабот оид ба назорат, бозрасӣ ва маъқул донистан ба намунаи алоҳидаи маҳсулот дар ҳолате маҳдуд карда мешавад, ки он асоснок ва зарурӣ шуморида шавад;

- боҷҳои давлатӣ вобаста ба расмиёти ба молҳои воридшаванда татбиқшаванда бояд аз намуди боҷҳои молҳои ҳамшабеҳи ватанӣ ё молҳои интиқолшаванда дар ҳудуди дигар давлатҳо истеҳсолшуда, аз нархи воқеии хизматрасониҳо зиёд набошанд.».

13. Дар қисми сеюми моддаи 30 калимаҳои «хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва марказҳои дезинфексияи профилактикӣ» иваз карда шаванд.

14. Дар сархати чоруми қисми дуюми моддаи 35 пас аз калимаи «санитарӣ» калимаҳои «дар доираи экспертизаи давлатии лоиҳаҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» илова карда шаванд».

15. Сархати нуздаҳуми моддаи 39 хориҷ карда шавад.

16. Ба моддаи 40 пас аз калимаи «эпидемиологии» калимаҳои «Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии» илова карда шаванд.

17. Дар қисми якуми моддаи 43 калимаҳои «хадамоти давлатии» ба калимаҳои «Хадамоти назорати давлатии» иваз карда шаванд.

18. Ба қисми панҷуми моддаи 47 пеш аз калимаи «сертификат» калимаҳои «ё тандурустии ҷамъиятӣ» илова карда шаванд.

19. Дар моддаи 48:

- қисми дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Сардухтурони давлатии санитарии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо розигии Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сардори Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешаванд.»;

- дар қисми сеюм калимаҳои «роҳбарони воҳиди сохтории дахлдори» ба калимаҳои «сардори раёсати санитарию эпидемиологии» ва калимаҳои «Маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ» ба калимаҳои «сардори Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ» иваз карда шаванд.

20. Ба сархати шашуми қисми якуми моддаи 49 пеш аз калимаи «қоида» калимаи «талаботи» илова карда шавад.

21. Ба сархати ҳаштуми қисми панҷуми моддаи 50 пеш аз калимаи «мақомот» калимаҳои «муассисаҳои табобатию профилактикӣ,» илова карда шаванд.

22. Ба сархати дуюми қисми якуми моддаи 51 пас аз калимаи «(заҳролудшавӣ)» калимаҳои «дар байни аҳолӣ» илова карда шаванд.

23. Дар қисми якуми моддаи 54 калимаҳои «мақомоти ҳокимияти иҷроия» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №793**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2011 № 567**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2011 № 225**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод.989, мод.990; с.2009, №5, мод.321; №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод.2, мод. 5; с. 2010, №3, мод. 153; №7, мод. 547; № 12, қ. 1, мод. 812; соли 2011, №6, мод. 430; мод. 431; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, № 756), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 486:

– дар номи модда калимаҳои «бақайдгирӣ, кушодан ва истифодаи» ба калимаҳои «пешбурди фаъолияти» иваз карда шаванд;

- дар қисми 1 калимаҳои «бақайдгирӣ, кушодани» ба калимаҳои «пешбурди фаъолияти» иваз карда шаванд.».

2. Ба моддаи 504 пас аз калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «, ба истисноӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» илова карда шаванд.

3. Моддаи 601 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 601. Риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботи андоз**

1. Барои риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз, яъне ба таъхир гузоштан дар муддати то 10 рӯзи корӣ, - ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се , ба соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт, ба шахсони ҳуқуқӣ аз даҳ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати аз 10 то 30 рӯзи корӣ, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то панҷ, ба соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони мансабдор аз ҳафт то даҳ, ба шахсони ҳуқуқӣ аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

3. Барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати зиёда аз 30 рӯзи корӣ, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони мансабдор аз даҳ то сӣ, ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

4. Дар моддаи 603:

- ба қисми 1 пас аз калимаҳои «то 30 рӯз» калимаҳои «ба истисноӣ шахсоне, ки таҳти амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қарор мегиранд» илова карда шаванд;

- аз санксияҳои қисмҳои 1, 2 ва 3 калимаҳои «ба соҳибкорони инфиродӣ – аз панҷ то даҳ,», «ба соҳибкорони инфиродӣ – аз ҳафт то понздаҳ,» ва «ба соҳибкорони инфиродӣ – аз понздаҳ то бист,» хориҷ карда шаванд.

5. Моддаи $603^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $603^{1}$. Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**

1. Барои ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди маълумоти носаҳеҳ оид ба шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ вобаста ба қабули қарор дар бораи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳӣ ва (ё) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мавҷудбуда, дар сурате, ки пешниҳоди чунин маълумот ҳатмист, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то се, ба шахсони мансабдор аз панҷ то даҳ, ба соҳибкорони инфиродӣ аз даҳ то понздаҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти бардурӯғ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, ки пас аз анҷоми марҳилаи бақайдгирии давлатӣ ошкор гардидааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродӣ аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

3. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз понздаҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродӣ аз сӣ то сию панҷ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

4. Барои фаъолият намудани шахсони ҳуқуқӣ бе ҳуҷҷатҳои таъсисии шакли муайяннамудаи қонунгузорӣ ва бидуни низомнома фаъолият намудани филиал ё намояндагии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар мӯҳлати зиёда аз як моҳи баъди бақайдгирии давлатӣ, -

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ, ба шахсони ҳуқуқӣ ва филиал ё намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

6. Дар моддаи 604:

-ба номи модда ва қисми 1 пас аз калимаҳои «ё нодуруст нишон додани» калимаҳои «рақами ягонаи мушаххас ва» илова карда шаванд;

- ба қисми 3 пас аз калимаҳои «зикр накардани» калимаҳои «рақами ягонаи мушаххас ва» илова карда шаванд;

-қисмҳои 4 ва 5 бо мазмуни зайл илова карда шаванд;

«4. Барои анҷом додани амалҳои (амалиёти, аҳдҳои) муқаррарнамудаи қонунгузории андоз бе талаб намудани рақами мушаххаси андозсупоранда, -

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

5. Барои дарҷ накардани рақами мушаххаси андозсупоранда дар муросилот бо мақомоти андоз ва қарордодҳои (шартномаҳои) тиҷоратӣ, -

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

7. Дар моддаи 606:

- ба номи модда ва қисми 2 пас аз калимаҳои «андоз аз арзиши иловашуда» калимаҳои «ва аксизҳо» илова карда шаванд;

-ба диспозитсияи қисми 3 пас аз калимаҳои «қарор надорад,» калимаҳои «ҳангоми набудани аломати ҷиноят,» илова карда шаванд;

-дар санксияи қисми 3 калимаҳои «бист фоизи» ба калимаҳои «сад фоизи» иваз карда шаванд.

8. Дар номи моддаи 610 калимаҳои «аз ҳисоби шахсони сеюм» ба калимаҳои «аз суратҳисоби андозсупоранда ва ё суратҳисоби шахсони сеюм» иваз карда шаванд.

9. Матни моддаи 611 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Барои сари вақт пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, монеъ шудан ё рад кардани талаботи қонунии мақомоти андоз вобаста ба пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, ҳисобот ё дигар иттилоот, ки барои гузаронидани санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ марбут аст, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродӣ аз ҳафт то даҳ ва ба шахсони мансабдор аз понздаҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

10. Дар моддаи 615:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз ҳафт то даҳ» ба калимаҳои «аз даҳ то бист» ва калимаҳои «аз сад то дусад» ба калимаҳои «аз панҷоҳ то сад» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз понздаҳ то бист» ба калимаҳои «аз бист то чил» ва калимаҳои «аз дусад то сесад» ба калимаҳои «аз сад то дусад» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 617:

-номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 617. Соҳибкории ғайриқонунӣ»;**

-дар диспозитсияи модда калимаи «бақайдгирӣ» ба калимаҳои «бақайдгирии давлатӣ» иваз карда шавад.

12. Дар моддаи 697:

-аз қисмҳои 1 ва 2 рақами «138,» хориҷ карда шавад;

-аз сархати чоруми қисми 2 калимаҳои «сардори хадамоти муҳоҷират ва муовинони ӯ, сардорони хадамоти муҳоҷирати ВМКБ, вилоятҳо, инчунин» хориҷ карда шаванд.

13. Ба Кодекс моддаи $697^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $697^{1}$. Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаи 138 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, баррасӣ менамояд.

2. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Хадамоти муҳоҷират, муовинони ӯ ва сардорони раёсатҳои Хадамоти муҳоҷират дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳуқуқ доранд.».

14. Дар қисми 2 моддаи 727 калимаҳои «раёсати андозсупорандагони азим» ба калимаҳои «раёсат, шӯъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, нозироти андозсупорандагони калон ва шӯъбаҳои минтақавии он» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №774**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 ноябри соли 2011 №580**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 15 декабри соли 2011 №245**

Қонуни мазкур тартиби ташаккули нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳоро ҳамчун манбаи захиравии мукаммалсозии фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба таъмини нигоҳдории нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо ва истифодаи ҷамъиятии онҳо, инчунин мӯҳлат ва тартиби дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳоро ба танзим медарорад.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **нусха** –намунаи ҳуҷҷати интишоргардида, ки бо нусхаи асл баробар аст;

- **ҳуҷҷат** –ашёи моддӣ, ки дар он иттилоот дар шакли матн, сабти овоз ва тасвир зикр гардидааст ва бо мақсади нигоҳдорӣ ва истифодаи ҷамъиятӣ пешниҳод карда мешавад;

- **нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо** –нусхаи намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои интишоргардида, ки аз тарафи истеҳсолкунандагони онҳо ба гирандагони ҳуҷҷатҳо ройгон дастрас гардонида мешавад;

- **нусхаи ҳатмии пулакии ҳуҷҷатҳо** – нусхаи намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки аз тарафи истеҳсолкунандагони онҳо ба гирандагони ҳуҷҷатҳо пулакӣ дастрас гардонида мешавад;

- **нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо** – нусхаи намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бо фармоиши мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ барои паҳнкунии ҷамъиятӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нусхаҳои намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо, ки бо фармоиши ғайрирезидентҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудаанд ва аз тарафи истеҳсолкунандагони онҳо ба гирандагони ҳуҷҷатҳо ба таври ройгон дастрас гардонида мешаванд;

- **низоми нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо** – тартиби муқарраршудаи қабул, нигоҳдорӣ ва истифодаи ҳамаи намудҳои нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо;

- **истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо** – шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ, ки чоп, интишор, барориш ва дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳоро амалӣ ва таъмин менамоянд;

-**гирандагони ҳуҷҷатҳо** – мақомот ва ташкилотҳои давлатие, ки барои қабул, нигоҳдорӣ ва ташкили истифодаи ҷамъиятии нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо ваколатдор гардидаанд;

- **фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон** – маҷмӯи намудҳои нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо, ки дар асоси нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо ҷамъ оварда, тибқи Қонуни мазкур барои нигоҳдории доимӣ ва истифодаи ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар истеҳсол ва дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо иштирок менамоянд, татбиқ карда мешавад.

2. Фаъолияти муассисаҳои бойгонӣ оид ба ташаккул, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи ҷамъиятии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки ба Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ба танзим дароварда мешавад.

3. Қонуни мазкур нисбат ба ҳуҷҷатҳои дорои сирри давлатӣ, хизматӣ ва дигар сирре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад, инчунин нисбат ба ҳуҷҷатҳое, ки дар як нусха таҳия гардидаанд, ҳуҷҷатҳои асосии электроние, ки танҳо дар низоми шабакавӣ паҳн карда мешаванд, ҳуҷҷатҳои идоравӣ ва техникӣ (намунаҳо, дастурамалҳо, маҳсулоти варақавӣ, китобҳои баҳисобгирӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ) татбиқ намегардад.

**Моддаи 4. Мақсади ташкили низоми нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо**

Мақсади ташкили низоми нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо ин аст:

- пуррагардонии фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани бақайдгирии давлатии нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо;

-ташкили нигоҳдории доимии нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо дар фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- истифодаи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо барои хизматрасонии иттилоотиву библиографӣ ва китобхонавии истифодабарандагон;

-бақайдгирии давлатии (библиографӣ ва омории) ҳуҷҷатҳои ватанӣ, омода намудани иттилооти давлатии библиографӣ (ҷорӣ ва тарҷеӣ) ва оморӣ;

-таҳия ва нашри каталогҳои маҷмӯӣ;

- иттилоотонии ҷомеа аз ҳамаи намудҳои нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо;

- ташаккул додани маҷмӯи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳои маҳаллӣ;

- амалӣ намудани мубодила бо фондҳои миллии китобхонавӣ ва иттилоотии кишварҳои дигар.

**Моддаи 5. Намудҳои нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо**

1. Ба намудҳои нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо инҳо дохил мешаванд:

– нашрия –маҳсулоти нашрӣ (матн, нота, харита, тасвир), ки таҳти таҳриру тасҳеҳ қарор гирифта, аз ҷиҳати полиграфӣ мустақилона оро дода шуда, дорои маълумоти барориш мебошад;

- нашрия барои нобиноён –нашрияе, ки бо ҳарфҳои барҷастаю нуқтавӣ тибқи низоми Брайл ва «китобҳои гӯё» нашр шудааст;

-ҳуҷҷатҳои расмӣ –маҳсулоти нашрие, ки аз номи мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ чоп шуда, дорои хусусиятҳои қонунгузорӣ, меъёрӣ, дастурдиҳӣ ё иттилоотӣ мебошад;

- маҳсулоти аудиовизуалӣ – филмҳо, видео ва ҳуҷҷатҳои тасвирию овозӣ;

-ҳуҷҷатҳои нашрнашуда – натиҷаи фаъолияти илмиву тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (рисолаҳо, ҳисоботҳо доир ба корҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, корҳои илмии барои нигоҳдорӣ супоридашаванда, алгоритмҳо ва барномаҳо);

-нашрияҳои электронӣ – ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо иттилоот дар шакли электронию рақамӣ зикр шудааст ва мавриди таҳриру тасҳеҳ қарор гирифта, маълумоти барориш дорад, интишор мегардад ва дар ҳомили мошинӣ паҳн карда мешавад, инчунин дорои барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ва манбаи маълумот мебошад.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо назардошти эҳтиёҷоти худ метавонанд намудҳои ҳуҷҷатҳоеро, ки ба таркиби нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳои маҳаллӣ дохиланд, муайян намоянд.

### БОБИ 2.
### ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ҲУҶҶАТҲО

**Моддаи 6. Истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо**

Ба истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо дохил мешаванд:

-ташкилотҳои полиграфӣ;

-муассисаву ташкилотҳои телевизион ва радио;

-киностудияҳо, ташкилотҳои видео ва кинематографӣ;

-муассисаву ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ;

-муассисаву ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва конструкторӣ;

- дигар ташкилотҳои истеҳсолкунандаи намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо.

**Моддаи 7. Ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо**

Истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо ҳуқуқ доранд:

- ба интишори ройгони иттилооти библиографӣ дар нашрияҳои библиографии давлатӣ, феҳристкунонии мутамарказ ва нашрияҳои таблиғотӣ;

- ба нигоҳдории доимии ҳамаи намудҳои ҳуҷҷатҳои аз ҷониби онҳо истеҳсолшуда дар фондҳои миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни мазкур;

- ба ворид намудани иттилооти библиографӣ ба манбаи автоматикунонидашудаи маълумоти ватанӣ ва байналмилалӣ;

- ба ройгон дастрас намудани маълумоти фактографӣ ва оморие, ки ба маҳсулоти онҳо дахл дорад.

**Моддаи 8. Ӯҳдадориҳои истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо**

Истеҳсолкунандагони ҳуҷҷатҳо ӯҳдадоранд:

- нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳоро ба гирандагони ҳуҷҷатҳо ройгон дастрас намоянд;

- хароҷоти таҳия, нашр ва ирсоли нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳоро ба арзиши аслии ҳуҷҷатҳое, ки ба таркиби нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо дохиланд, илова намоянд;

- нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳои нуқсондорро бо дархости гирандагони ҳуҷҷатҳо дар муддати як моҳ иваз намоянд.

**Моддаи 9. Дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо**

1. Истеҳсолкунандагон ба гирандагони ҳуҷҷатҳо се нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳоро дар мӯҳлати 10 рӯзи пас аз интишори теъдоди нашри аввалин ва нашрияҳоро дар рӯзи интишори ҳар як шумора ирсол менамоянд.

2. Нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо метавонад аз ҳуҷҷатҳои омехта ва ҳуҷҷатҳои дорои чунин иттилооте иборат бошад, ки дар манбаъҳои гуногуни иттилоот ба қайд гирифта шудааст.

3. Нусхаи ҳатмии иборат аз ҳуҷҷатҳои омехта ба гирандагони ҳуҷҷатҳо дар бастаи ягона дастрас карда мешавад.

4. Номгӯи гирандагони нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 10. Дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии пулакии ҳуҷҷатҳо**

Дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии пулакии ҳуҷҷатҳо дар асоси шартномаи байни истеҳсолкунанда ва гиранда амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 11. Ирсоли нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо тавассути почта**

Ирсоли нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он тавассути почта бо тахфифи панҷоҳ дарсади тарифи барои ташкилотҳои буҷетӣ муқарраргардида анҷом дода мешавад.

**Моддаи 12. Нусхабардории нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо**

1. Нусхабардории нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо бо мақсади хизматрасонии китобхонавӣ ва иттилоотӣ ба шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Мақомот ва ташкилотҳои давлатие, ки барои нигоҳдории доимӣ бо мақсади истифодаи ҷамъиятии нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳои нашрнашуда ва маҳсулоти аудиовизуалӣ масъуланд, нусхабардории пулакии онҳоро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дархости китобхонаҳо, мақомоти иттилоотии илмиву техникӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо таъмин менамоянд.

3. Нусхабардории нусхаи ҳатмии ройгони нашрияҳои электронӣ, ҳамчунин барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ва манбаи маълумоте, ки ба таркиби онҳо дохиланд ё нашрияи мустақил мебошанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 13. Маълумотдиҳӣ дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо**

Гирандагони ҳуҷҷатҳо вобаста аз намуди нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳои дастрасшаванда тибқи дархости мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо маълумот пешниҳод менамоянд.

### БОБИ 3.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 14. Дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии нашрияҳои ватанӣ ба кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

Бо мақсади нигоҳдорӣ ва рушди фазои ягонаи иттилоотии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии нашрияҳои ватанӣ ба фондҳои миллии китобхонавӣ ва иттилоотии ин кишварҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 15. Назорати дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо**

1. Назорати ба гирандагони ҳуҷҷатҳо дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо аз тарафи мақомоту ташкилотҳои ваколатдор амалӣ карда мешавад.

2. Дар ҳолати дастрас нагардидани нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо гирандаи ҳуҷҷатҳо ӯҳдадор аст, ки дар ин хусус ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг хабар диҳад.

**Моддаи 16. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 17. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 декабри соли 2011 № 792**


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**МУЗОЯДАИ №2-РО ОИД БА ФУРӮШИ ВОСИТАҲОИ АСОСИИ ҚАБЛАН ДАР ИСТИФОДАБУДА ВА ДИГАР АМВОЛИ КАМАРЗИШИ КВД «САЙЁҲ»-РО ИБОРАТ АЗ 36 НОМГӮЙ 27 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 БАРГУЗОР МЕНАМОЯД**

Аз ҷумла: хона-вагон, соли барориш 1978, бо нархи ибтидоии 2025 сомонӣ; автомашинаи ВАЗ-2107, соли барориш - 2005, бо нархи ибтидоии 7438 сомонӣ ва ҷиҳозу компютер, телефон ва ғайра. Рӯйхати пурраи амволи фурӯшии КВД «Сайёҳ»-ро аз КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТӢ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 дар рӯзҳои корӣ аз соати $8^{00}$ то $17^{00}$ дастрас намоед.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **хиёбони Рӯдакӣ 44, шаҳри Душанбе, тел: 221-73-74, 221-49-87**.

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**.

********************************************

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**27 ЯНВАРЯ 2012 ГОДА ПРОВОДИТ АУКЦИОН №2 ПО ПРОДАЖЕ ОСНОВНЫХ СРЕДСТВ, БЫВШИХ В УПОТРЕБЛЕНИИ И ДРУГИЕ ИМУЩЕСТВА ГУП «САЙЁҲ» ВКЛЮЧАЮЩИХ 36 НАИМЕНОВАНИЙ**

В том числе: вагон-домик, 1978 года выпуска со стартовой стоимостью 2025 сомони; автомашина ВАЗ-2107, 2005 года выпуска со стартовой стоимостью 7438 сомони; мебель, компьютер, телефон и др. С полным списком продаваемых имуществ ГУП «Сайёҳ» можно ознакомиться в ГОСУДАРСТВЕННОМ УНИТАРНОМ ПРЕДПРИЯТИИ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 в рабочие дни с $8^{00}$ до $17^{00}$ часов.

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 (2 -й этаж). Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44 (2 -й этаж), тел: 221-73-74, 221-49-87**.

Метод проведения: ***английский***. Время проведения: **$10^{00}$ часов**.

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**.





## Эътибор надорад

Мӯҳри гумшудаи ЧДММ «Зайтун» эътибор надорад.

***

Патенти №0148829 бо РЯМ 1530011285-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 29 апрели соли 2011 ба Муҳаммадов Сабрулло Сироҷович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0028526-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 21 ноябри соли 2010 ба Қосимова Дилором Ҷумабоевна додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯии №24014-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2002 ба Азимов Умед Ҷумъабоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №127/06-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2005 ба Имомов Ҳомиджон Алимжонович додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Шарифов Диловаршо Акрамович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188244, бо РЯМ 0930050624 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 25 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Шораҳматов Қамардин Абдураҳмонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0020244, бо РЯМ 0930006862 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 8 январи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Муҳаммадов Сабрулло Сироҷович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0148829 бо РЯМ 1530011285-и гумшуда мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 29 апрели соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Филиали ЧДММ «Дунёро биомӯз», воқеъ дар шаҳри Душанбе, ки дорои Гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупорандаи №04/003388 бо РЯМ 5110006312 ва РМА 510024688 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5 майи соли 2011 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Ҳомидова Гулчеҳра Муродовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0079413 бо РЯМ 0430032350 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 22 апрели соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Садуллаев Баҳодур Муродалиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0330006014 ва РМА 035107344 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 8 июни соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 4 январи 2012, соати 10.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 25228 нусха

Навбатдорони шумора А. Муродов ва М. Худойназаров

Тарроҳи компютерӣ Иван Самохин